**АМИР САЙИДИ МУНКӢ**

# ШОҲИМАРДИЁН

Душанбе
2018

ББК 84 Тоҷик 7-4-5

Ш–82

**Эҳдо ба писарам Амир Сайид Некбахт**

Муҳаррир: *Наср Бобои Сарфароз*

Ш–82 **Амир Сайиди Мункӣ. Шоҳимардиён** *(қиссаи таърихӣ-адабӣ).* – Душанбе, 2018, 176 саҳ.

Қиссаи мазкур аз таъриху рӯзгори як авлоду ҳафт насл ҳикоят намуда, хонандаро ба худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихор аз Ватану миллати хеш даъват менамояд. Асар барои ҳаводорони соҳаи таърих, адабиёт ва доираи васеи хонандагон пешкаш мегардад.

© Амир Сайиди Мункӣ, 2018

## САРСУХАН

Истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон дар назди ҳар як соҳибватан вазифа мегузорад, ки худшиносу худогоҳу бомаърифат бошад. Донад, ки ӯ кисту сарнавиште ва авлоду аҷдоди ӯ аз куҷост. Тавре ки сарвари давлат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мефармоянд:

«Мо кистем, аз куҷоем ва дар кадом дудмон сабзидаем? Нахустаҷдодамон киҳо буданд, аз куҷо омадаанд ва дар кадом марзу бум ошён доштанд?.. Суолҳои болоӣ ва садҳо суоли дигар, ки дар давраи худшиносӣ, истиқлолияти миллӣ ва эҳёи давлатдории навини тоҷикон дар пешорӯи мо қарор мегиранд, ҳар фарди ҷӯянда ва бедордилро ба гузаштаҳои дури халқи тоҷик ҳидоят менамояд...»

Дар ҳақиқат, солҳои тӯлонӣ мардуми мо аз асли хеш дур буд ва ба гузаштаи худ ба дидаи зарирӣ менигарист. Гуфтани «як даҳан» гап: «халқи кӯҳистони тоҷик дар гузашта саросар бесавод буд» расм гашт ва аҳли зиёву илму адаб ҳамин тавр мефаҳмиду мегуфт. Аммо дар асл ин тавр набуд. Аксари мардум хату савод дошт. Дар деҳаҳои кӯҳистон мадрасаҳо амал мекарданд. Донишманду шоирони зиёде по ба майдони илму адаб мегузоштанд...

Чун ба асари «Таърихи ҳумоюн», ки муаллифаш Мулло Муҳаммадсодиқ валади Муҳаммад Мир Сайид Муфтии Муддарис (1861-1910) мутахаллис ба Гулшании Бухороӣ тавассути китоби «Фавоҳиш ва раҳоиш»-и Ибни Қурбон ошноӣ пайдо намудам, алангаи меҳре дар дилам шуъла зад. Дар китоб оид ба ҳар як вилояти давлати Бухоро, бахусус тавсифи дороии табиӣ, ҳайати аҳолӣ, теъдоди нуфус, равобити тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илму фарҳанг ва паҳлуҳои дигари ҳаёти мардуми кӯҳистони он маълумотҳои нодиру пурқимат оварда шудааст.

Вақте ишораи зеринро аз саҳифаи 174 – 175-и он китоб мутолиа намудам, мурғи хаёлотам ба дуриҳои дур парвоз кард: «...Аҳолии кӯҳистон ба касби илм иштиғоли тамом доранд ва ғайрати ҷибиллӣ доранд... Аҳолии кӯҳистон ба касби илм гӯи сабақатро аз аксари аҳолии соири иолоти Бухоро рабудаанд»![1]

Баъди мутолиаи ин гуфтаҳо оид ба ҳар як вилояти кӯҳистони аморати Бухоро, ба Ховалинг, ки дар он китоб чун вилоят 6а қалам дода шудааст, менигарем.

Дар хусуси мардумони вилояти Ховалинг менависад, ки «аҳолии ин қазо тамоман тоҷиканд». «Мегӯянд, ки дар ҳукмномаҳои қазой (қозигӣ) ин ҷо фарқиятҳо мавҷуд аст, ҳатто агарчи он расман аз тобеъҳои қазои Балҷувон аст, вале боз ҳам «Қозии он аз давлатхонаи олӣ сарфароз шуда меояд. Маҳкуми ин қазо на эҳлок аст (яъне ҷазои ҳукми қатл вуҷуд надорад) ҳукумати он муқобили ҳукумати Сариҷӯй мебошад, балки аз он васеътар аст». «Ва аксар сайёданд, аз камоли ҷасорат баъзе онҳо хирсро ба ханҷар низ сайд мекарданд... Аҳли талабаи илм ва машоихи ин вилоят низ бисёранд, ба аксар қарияҳои азим мадрасаҳои чӯбин дорад, мударриси онҳо аксар шайханд. Таълими илми қол ва ҳол низ менамоянд... Мардумони ин вилоят хушунати табъ надоранд...

Ховалинг низ шаҳри қадим аст, дар замони худсарии Хатлон (яъне пеш аз солҳои шастуми қарни нуздаҳум) ин ҷо низ як қурғону ҳукумати маҳсуб будааст».[2] [3] [4]

---

1.Гулшанӣ яке аз симову бузургони барҷастаи илми Бухорои Шариф буд ва ба муносибати 25 солагии ҷулуси амир Абдулаҳад соли 1909 тамоми аморати Бухороро пои пиёда гашта. асари таърихӣ-ҷуғрофӣ бо номи «Таърихи ҳумоюн» дар ҳаҷми 260 саҳифа навишт...

2.Ҳамон ҷо саҳ. 226-227.

3.Ибни Қурбон «Фавоҳиш ва раҳоиш» с. 66, 67.

4.Бояд ишора намуд, ки 65 сол, яъне то соли 1920 қозикалонҳои Бухорои Шариф, аз авлоди Ибни Байзо, аз деҳаи Хоҷахалили Ховалинг буданд. Онҳо Қозӣ Садриддин, Бадриддин ва Бурҳониддин мебошанд. . .

Ана, дар ҳамин гӯшаи дурдасту зебоманзари Хатлони кишвари тоҷик то соли 1921, 646 деҳаҳо арзи ҳастӣ доштаанд, ки дар се даври муҳоҷиркуниҳо ва ҳаводиси зиёди нимаи дувуми қарни бистум аксари онҳо ба макони ҷуғзон табдил ёфта, матрук шуданд.

Аз маҳсули ҳунару эҷод ва хиради мардуми онҳо анқариб чизе намонд. Худшиносиву худогоҳӣ коста гашт...

Мурод аз овардани гуфтаҳои боло ин аст, ки мо, дар ҳақиқат, аз асли хеш хеле дур мондем. Ва яке аз сабабҳои таълифи ин китоб ҳам ҳамин гуфта мебошад.

Сарзамини кӯҳистони тоҷик, аз ҷумла музофоти Ховалинги Хатлонзамин, дар ҳақиқат, қарнҳои қаблӣ бисёр донишманду адибон, паҳлавонону қаҳрамонон, бузургону бузургворҳои зиёдеро ба гетӣ додаву дар оғӯши худ нигоҳ медорад, ки мо дар бораи онҳо дар китобҳои «Ҳазрати Султон», с-3-8, «Суханварони диёри Восеъ», «Асрори шаҳри Мунк», с. 8-9, «Ховалинг» (ҳаммуалиф), «Ховалинг-чашмаи меҳр», «Ангораи оби Мазор», «Ҳокимони Мазори Ҳазрати Султон» ва ғайра ишораҳое ба қалам додаем. Бо вуҷуди он, бисёр мехостам ба сифати мисол як авлодеро гирифта, дар бораи он қисса нависам. Нависам, ки мардуми тоҷик «саросар бесавод» набуд... Инак, он қисса дар дасти шумо. Қиссае, ки паҳлуҳои дигар ҳам дорад, ки онҳо меваи Истиқлолияти миллӣ буда, ангезиши шуълаи меҳр нисбат ба гузаштагон аст.

Ба сари мақсад меоем. Дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» (№ 3, с. 1956. саҳ. 91) танҳо дар як ҷумла ишорае аст, ки дар асри XIX дар ноҳияи Ховалинг Муҳаммадрасули Шоҳғариб ном қаландаре зиндагӣ мекард ва ӯ табъи баланди шоирӣ дошт. Мо баъди мутолиаи ин маҷалла дар ҷустуҷӯи ӯ шудем...

Фаҳмидем, ки он кас зодаи деҳаи собиқ Тутак будааст ва айни ҳол ду деҳаи ҳамноми Тутак ҷазиру беодами

матруканд. Мардуми ин деҳаҳо кайҳо муҳоҷир карда шудаанд...

Солҳои тӯлонӣ гузаштанду ҷустуҷӯ идома ёфт, ба мо гуфтанд, ки дар деҳаи Зардакӣ ҳамдеҳаҳои Муҳаммадрасул зиндагӣ мекунанд. Пас пойи пиёда роҳи ин деҳаи кӯҳсорро пеш гирифтам ва ба чанд нафаре аз онҳо вохӯрдам. Мувофиқи гуфти онҳо мӯйсафеди кӯҳансоле бо номи бобои Шайхи Ҷароил дар деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ умр ба сар мебарад ва ӯ оид ба ин шоир шояд чизе донад.

Аввали моҳи ноябри соли 1991 ба деҳаи Гулистон раҳсипор шуда, бо бобои Ҷароил дар хонааш вохӯрдам. Маълум гашт, ки Шайхи Ҷароил писари Муҳаммадрасул ва бародари модарҷудои Шоҳғариб будааст.[1]

Мӯйсафед аз ҳароси солҳои гаъқибот ба мо дигар сир бой надод. Тарсид, ки мабодо «гапе» нашавад. Пас аз он ҷустуҷӯ идома ёфт ва натиҷаи онро дар китоби «Ховалинг – чашмаи меҳр» («Адиб», 1995) ба табъ расонидам.

Дар арафаи ҷашнгирии 680-солагии зодрӯзи алломаи бузург Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бошад, дар Осорхонаи бузургвор, дар шаҳри Кӯлоб бо Одина Раҳмон ном ҷавони эҷодкор вохӯрдем. Ӯ бо камоли майл истеъдоде, ки дошт, ҷамъомади фарҳангиеро мебурд. Нутқрониҳои зебои ӯ маро бо он водор кард, ки аз хонадони бонуфузи фарҳангие буда бошад, ба ин хотир аз ҳолу авлоди эшон пурсон шудам:

– Додар, мегӯянд, ки пурсидан айбе надорад, асли гузаштаҳоятон аз куҷост?

– Аз деҳаи Тутаки Ховалинг, – ҷавоб дод ӯ.

– Аз авлоди кӣ? – боз суол додам ва аллакай асроре бароям ошкор шуд.

– Аз авлоди Шайхи Мулло Давлат ва Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул – гуфт ӯ.

---

1. Мо оид ба ин гуфтаҳо дар китоби «Суханварони диёри Восеъ» (саҳ. 54) муфассал ишора намудаем.

Ҳамин тавр, гуфтугӯи мо хеле тӯл кашид ва барои ман сирре кушода гашт.[1]

...Соли 2002 яке аз омӯзгорони факултаи Механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон Пирназаров Алиназар Турдиназарович аз номи дотсенти ҳамин факулта Сироҷиддин Тиллоев мактубе бароям овард. Маълум шуд, ки ӯ низ абераи Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул будааст.

Тифоқо мо бо Сироҷиддин дар коргоҳаш соли 2003 вохӯрдем ва гиреҳи муаммое бароям кушода гашт. Дидам, ки Сироҷиддин яке аз олимони бузургу барҷаста ва ихтироъкори Тоҷикистон мебошад...

Инак, дар тӯли (қариб) бист соли ҷустуҷӯҳо, асосан пас аз вохӯрӣ бо Сироҷиддин Тиллоев бароям муяссар пашг, ки бо аксар бозмондагони ин авлоди номдор вохӯрам.

Пас аз ҷамъбасти гирдовардаҳо ба хулосае омадам, ки бо замми он дидаву шунидаҳо бо номи «Шоҳимардиён» ин қиссаро нависам.

Мақсади асосии таълифи қисса аз он иборат аст, ки хонандаи арҷманд бидонад, мардуми тоҷик саросар бесавод набудаанд.

Аксари онҳо соҳиби хату савод ва ҷасорат буданд. Бо адабиёту фарҳанг дилбастагӣ доштанд. Ва ин истеъдод, ҷасорату бузургиҳо аз насл ба насл мегузаштанд...

Қисса аз як авлоду ҳафт насл иборат буда, асосан аз як издивоҷ ба дунё омада, чун як хонавода ба сифати мисол оварда шудааст.

Пас аз мутолиаи ин қиссаи таърихӣ, албатта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки агар аз як ҷумлае, ки соли 1956 дар бораи як нафаре аз ин авлод дар маҷаллаи «Шарқӣ Сурх» ишора рафта буд, акнун тавассути ҷустуҷӯҳо чӣ қадар шахсони маъруф маълум шудаанд. Ҳол он ки мо як оилаи ин авлодро ба сифати мисол дар ин асар ҷо намудем...

1. Дар ин бобат дар саҳ.54-и асари зикршуда муфассал ишора шудааст.

Маълум гашт, ки анъанаи омӯзиш ва дилбохтагӣ ба адабиёту фарҳанг чун анъанаи бобоӣ расм гардида, дар ҳар давру замон чӣ қадар симоҳои хоса ба дунё омада, дар ҷамъият мавқеи воло мегирифтааст.

Дар гузашта деҳаи Тутакро «Юнони Хатлон» гуфтан низ ҷон доштааст ва ин фикр, албатта, сири ниҳонеро дар худ таҷассум менамояд...

Сипас аён мегардад, ки хоку диёри кӯҳсори кишвари тоҷик бисёр чунин авлоду оила ва шахсиятҳои маъруфро ба камол расонидааст, ки аксари онҳо айни ҳол барои мо мавҷуданд ва зинда гардонидани номи гузаштагони онҳо амали накӯ ва кори хайр мебошад.

Хулоса, қиссаи мазкур натиҷаи ҷустуҷӯву заҳматҳои қариб бистсолаи муаллиф буда, ҳидоятест дар роҳи худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори миллӣ. «Шоҳимардиён» ном гирифтани китоб ҳам рамзист. Албатта, писанд омадани он барои хонандаи арҷманд боиси хушнудии мо мебошад. Ва иншоа-л-Лоҳ шохимардиёни дигари зиёде аз асли хеш бархӯрдору воқиф хоҳанд шуд...

*Муаллиф*

## БОБИ 1

# КОРВОНИ РАФТА

*Онон, ки куҳан буданду онон, ки наванд,*
*Ҳар як пайи якдигар якояк бишаванд.*
*В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,*
*Рафтанду равему боз оянду раванд.*

*Умари Хаём*

Амир Абӯҳасан хотирпарешон бо хона баргашт. Аз ваҷоҳаташ айён буд, ки дар банди мушкилие гирифтор аст. Аҳли оила низ ба омаданаш интизорӣ мекашиданд. Ҳамин ки ӯ ҳавлӣ даромад, падару модарашро ноорому ноҳинҷор дид.

– Биё, писарам. Қариб ҷигарам пухта мерехту дилам об мешуд. Шунидам, ки ба исён рафтаӣ, – гуфта, модар аз пешонии ҷигарбандаш бӯсида, суханашро идома дод: – Ба хаёлам, дар вақташ омадӣ, вагарна маро дар ҷасади хунук меёфтӣ.

– Ҳа, ҳамин тавр. Чун аз исён суханҳо шунидем, моро ошуфтапарешонии хаёл заъф кард, – гуфт падар ва суханашро давом дод: – Аз ин нохушӣ озурдадил шудем.

Бигӯ, ки чӣ асрору гапу калочаҳост?

– Қариб ки тинҷӣ аст. Ҳама аз шарораҳои оташи беинсофиву беимонӣ ва зулму таъадии арбоби амалдор, ки гирду атрофро фаро мегирад, безоранд. Исёни сахт шуд. Мардум ба шӯр омада, ба сари арбоб ба ҳуҷум бархеста, коргоҳи ӯро гирифтанд. Арбоб ба ким – куҷое гурехт. Дигар амалдорон низ зуд пароканда шуданд. Вале ин амал дер давом накард. Дар муддате фавҷи сершумори сипоҳиён ба сӯи исёнгарон ҳуҷум оварданд. Аз афташ, хабари сар задани исёни мардум ба муқобили амалдори маҳаллӣ ба ҳокими мулк расидааст. Набошад аз куҷо ин хуруҷу ҳуҷум рӯй медод. Хулоса, аз ҷониби исёнгарон талафоти зиёд шуд. Қисме ба гарав гирифтаву ба асорату азобҳои алим дучор гардид...

– Валлоҳ, ки ту осеби ҷисмонӣ надидӣ? – пурсид падар.

– На, шукр, ки дар набард чанде аз ситамгарони амалдорро маҳв кардам, вале рӯ ба рӯи таъмини ғалаба девори баланд буд. Чун дидам, ки қувваи душман фаровону аз мо коставу шикаста, дигар ба пеш, ба муқовимат напардохтам, зеро дигар фоида надошт. Пас ба хона баргаштам.

– Боз чӣ нақшае дар дил дорӣ?

– Мехоҳам боз ба таври махфӣ амалро давом диҳему қасос бигирем.

– Не, писарам. Дар ин бора ман зоррае розӣ нестам, модарат низ ҳамчунин.

– Набошад, чӣ коре бикунам?

– Амир Абӯҳасан, писарам, медонӣ, ки ту донишманд ва аз аҳли илму адаб ҳастӣ. Бигӯ, ки зарбаи мушт бар дарафш чӣ ҳоҷат асту чӣ медиҳад? Ҳар кору бор, амалиёт ва зиндагиву бандагӣ вақту замон дорад. Ҳамин ки он лаҳза фаро расид, навиштаҳои лавҳи пешониро мебинӣ. Дигар не, биё, раъйатро тағйир бидеҳ. «Шӯхӣ макун бо арбоб, арбоб занад ба ҳар боб», гуфтанд.

– Чӣ кор кунам? Оё, аз раъйам гардам, номардӣ намешавад?

– Чаро? Магар дидаву дониста худро ба дарё ва ё ҷарии бетаҳт партофтан аз рӯи ақл аст? Ҳаргиз не!

– Чӣ амалеро матраҳ созам? Охир, таъаддӣ аз ҳад гузаштааст.

Мабодо ҳама мардум хоку хокистари амалдорони беинсофу беимон нашаванд?

– Гуфтам-ку, ҳар амал вақт дорад. Суханат, фикру амалат баҷост. Вале бояд ақлу қувваву қудрати мардум пухтаву бартар гардад. Вагарна ҳамонем, ки ҳамон.

– Хайр, маслиҳати Шуморо мехоҳам шунавам.

– «Бел ба равиши об» гуфтаанд. Муддате тарки ин диёр бикун. Чун тинҷӣ шуд, дар оғӯши зодгоҳ зиндагиро давом медиҳӣ.

– Ба куҷо равам?

– Ба мулки аҷдодиамон бирав, ба Хатлон. Ин сарзамини фарҳангу гурдзой ҳаст. Табиати хуш дорад. Иншоа-л-Лоҳ,

пушаймон намешавӣ. Аввал илоҷе ёфта, Мазори ҳазрати Шоҳи Зиндаро зиёрат бикуну дуо бигир.[1]

Пас ба сӯи мазори ҳазрати Шоҳи Абдол рахти сафар банд. Агар оромгоҳи ҳазрати Шоҳи Зинда дар Самарқанд бошад, аз ҳазрати Шоҳи Абдол дар сарҳаду саргаҳи Хатлон аст.

Мазорҳои сари роҳро то шахри Кӯлоб зиёрат кун. Он ҷо Мири Кабир – ҳазрати Амирҷон хуфтааст. Чун онро зиёрат кардӣ, ба Мунки кӯҳан бирав, он ҷо дар гӯшае аз шаҳр мазори ҳазрати Хоҷа Аюби Ансорист. Фаромӯш накун, ки ин ҳазрат саҳоба – яъне ҳамсуҳбати Пайғамбари Худост (с). Пас, дар се фарсахи болотари он мазори ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ воқеъ аст. Онро, ки зиёрат кардӣ, рӯ ҷониби офтоббаро равон шав, дар гӯшае дар кӯҳи баланд мазори ҳазрати Шоҳи Абдол назаррабост.

Чун мазори бузургворро зиёрат кардӣ, ба қадова баргард. Ин ҷои биҳиштосо сарзамини кони зари сари Хатлон Ёхсу ном дорад. Ёхсу дар гузаштаҳои дур бо номи Ахшу, Бахшу ва Вахшу шуҳратманд буд. Ана, дар ҳамин ҷо марде аз қавму қабилаи худамон бо номи Амир Сайид Аҳмади Даҳбедӣ шуҳратманду муқим аст. Чун ӯро ёфтӣ, саломи маро ба вай бирасон ва аз вазъияту кайфияти ҳол ба ӯ махфӣ бифаҳмон. Бигӯ, то бо розигии мо чанд муддате он ҷо бошӣ.

Кори Худову Расул (с) ва меҳнатро фаромӯш накун. Ҳамин ки зиқ шудӣ, ба зиёрати оромгоҳи ҳазрати Шоҳ бирав. Худро дар Даҳбеди Самарқанд, дар назди оромгоҳи Мазори ҳазрати Шоҳи Зинда тасаввур бинамо. Омӯзишу омӯзонидани мардумро аз ёд набарор.

Амир Абӯҳасани ҷавон ҳамаи гуфтаҳои қиблагоҳашро оромона шунида, баъзе аз гуфтаҳоро дар варақе қайд кард. Пас аз адои намози бомдод аз падару модар дуо гирифт ва аз рӯи васияту маслиҳати онҳо ба зиёрати мазори ҳазрати Шоҳи Зинда рафт ва сипас озими охирин ҷои сафар – подомани оромгоҳи ҳазрати Шоҳи Абдоли саргаҳи Хатлонзамин шуд...

---

1.Мазори ҳазрати Шоҳи Зинда дар шаҳри Самарқанд аст.

Ӯ баъди зиёрати мазори ҳазрати Шоҳи Абдол ба подомони ҳамин кӯҳи сарсафеди ҳамноми Бузургвор, ба қадоваи Ёхсу фуруд омад. Ин ҷо низ деҳаи Даҳбед суроғ кард, вале онро наёфт. Наёфта бошад ҳам, хиҷолатманд нашуду пурсу посро идома дод. Хушбахтона, аз пиронсолон таҳҷои ин деҳаи матруки қадимаро бо нишонаҳои ниёгон дарёфт. Таҳҷои деҳа ба хок яксону дар оғӯши сабзаву себарга ва долу дарахтони ҷангалӣ буд.

Пай бурд, ки мардум ҳудуди фарогири деҳаи Даҳбеди собиқро «Дубед» ва мардумонашро «Даҳагиҳо» мегуфтаанд. Номи деҳаҳои Дашти Бедҳо ва Даҳбед низ ба ин ном наздикӣ мекарданд...

...Ҳама ҷо гулбасару сабзу хуррам буд. Зиндаги ҷараён дошт. Садои шаршараҳои чашмаобҳои кӯҳӣ аз таъсири шамолаки сабуксайр гоҳ аз дур ва гаҳе аз наздик, гоҳ паст ва гаҳе баланд ба гӯшҳо мерасад. Рӯдҳои ширполои обҳои мусаффо аз ҳар тараф аз чашмаҳои аз дохили кони зарбароянда ду шохобчаҳоро ташкил мекарданд, ки яке шохоби Талбар ва дигаре Сафедоб ном доштанд. Ин шохобҳои чашмасорони заркӯҳ поёнтар дарёи морпечи Ёхсу (ё Ахшу ва ё Бахшуи қадим)-ро ташкил дода, ин дарёи кӯҳӣ сар ба соҳилҳо мезад ва мисли мори печон ба пойин раҳсипор буд.

Накҳати гулу гиёҳҳои шифобахш форам ба машом мерасид. Савту навои андалебон низ ба қалб ҳаловат мебахшид.

Амир Абӯҳасан аз манзараҳои диёри падариву бобоӣ ҳаловат бурда, худро дар биҳишти афсонавӣ медид. Меболиду хондаву шунидаҳояшро оид ба ин гӯшаи фирдавсмонанд ба ёд меовард.

Бо пурсу пос деҳаи Амир Сайид Аҳмадро ҳам ёфт. Ба водии хомӯшони бари ин деҳ рафта, ба турбатҳое, ки сабзаи болои хокашон қариб ду ваҷабӣ буд, дуру дароз нигарист. Бо шеваи дилфигор порае аз Қуръони Каримро хонда дуо кард ва бо дили софу солими худ паст-паст ким-чӣ гуфтугӯ намуд.

Офтоби фасли тамуз пойинтари кӯҳҳои сар ба фалаки Чилдухтарон дар сари теғ буд. Рӯз ба ҷое рафта бошад ҳам, ӯ аз тамошо серӣ надошт. Чашмаву сангу хок, кӯҳу камару

дараҳо ва ҳар ваҷаб замини ин Ватани аҷдодӣ барояш шиносу азиз менамуданд. Ҳол он ки дар зодгоҳаш чунин манзараву ангораҳо ва боигариҳои худододи табиатро надида буд. Зиндагӣ маҷро дошту мардум машғули кору бори худ. Кӯдакони густохи кӯҳистонӣ машғули бозӣ буданд. Онҳо чун Амир Абӯҳасани ҷавонро диданд, бозиро бас карда, ба наздаш омаданд. Вай ба бачаҳо салому алайк карда, бо меҳрубонӣ суҳбат орост.

Бачаҳо аз ташрифи ин ҷавонмарди зебопайкару ширинсухан шод шуданд. Рангу рӯ, қаду қомат ва гапу гуфтори ӯ барои бачаҳо наҷибу дилфор буд. Қиёфаи зебо, риши суннатии сип-сиёҳ, дандонҳои ширмонандаш ба ӯ зебида, ба гуфтору амалаш ҳусн зам менамуданд...

Меҳмон аз бачаҳо хонаи Амир Сайид Аҳмадро пурсида ёфт. Бачаҳо бо дастонашон ишора карда, ҳудуди аз Ёли Шӯрбоӣ то ба Сари Харсангро пишон дода, гуфтанд, ки ин замину оби зархариди акаи Амир Сайид Аҳмад мебошад.

Амир Абӯҳасан дар ин лаҳзаҳо хеле сирру асрори ин гӯша ва мардуми онро фаҳмида, лаҳзае пас роҳи хонаи Амир Сайид Аҳмадро пеш гирифта, ӯро суроғ карданӣ шуд. Чун ба назди дарвозаи он кас расид, дарвозаро тақ-тақ куфта, овоз баровард:

– Акои Амир Сайид Аҳмад, ҳо акои Амир Сайид Аҳмад, барои мусофир ҷое ҳаст?

– Биё, марҳамат, ҷо ҳаст. Вале хонадор ба шикор рафтааст. Иншо ал-Лоҳ ҳозирҳо меояд,-ҷавоб дод зане аз ҳавлӣ.

– Мардинае ё писарбачае ҳаст?

– Не, муттассифона, ҳамаи мо авратем.

– Ин тавр бошад... – гуфта, ба фикр фурӯ рафт меҳмон ва боз овоз баровард:-Агар розӣ бошед, шабамро дар ҳу ана ҳамин каҳдон рӯз кунам.

– Биё, хона биё, хонадор набошад ҳам, хонааш ҳаст-ку, додар.

– На, маро бубахшед. Дар хонаи бемардина меҳмон буданро раво намедонам. Розӣ бошед, каҳдон бароям ҷои хуби шабрӯзкунист. Ҳамон ҷо хоб мекунам.

– Аҷаб коре. Нохуб мешавад.

– Розӣ бошед, гап не. Шариат ҳамин зайл талаб дорад. Модом ки дар хона мардина нест, меҳмонии марди бегона чандон хубу аз рӯи одоб намешавад.

– Хайр, майлаш.

Чун Амир Абӯҳасан ба каҳдон даромад, вақти говгуми пас аз намози шом буд ва болои коҳ дароз кашид.

Соате нагузашта хонадор омад. Ӯ вазъиятро аз ҳамсараш фаҳмида, каме мушаввашхотир шуд ва сӯи коҳдон рафт. Чун дар назди дар омад, овози форами тиловати Қуръон ба гӯшаш расид ва дарро кушода, меҳмонро дар болои ҷойнамоз, дар тиловат дид.

Меҳмон намоз кӯтоҳ карда, ба охир расонд ва сӯи дар чашм давонд.Баъди ба ҷо овардани одоби мулоқот гуфтугӯву шиносшавии ҳарду оғоз ёфт:

– Пурсидан айб набошад, ин ҷо саргардон менамоӣ, – гӯён пурсид хонадор.

– Ҳа, бале. Аз роҳи дур, аз Даҳбеди Самарқанд омадам, то оромгоҳҳои бузургону ниёгонро зиёрат кунаму ин диёри аҷдодиро аз наздик бинам, – арзи ҳол намуд Амир Абӯҳасан.

– Хеле хуб. Зиёрат ҳам аз гӯшаи эътиқоду эҳтиром аст. Бисёр кори хуб кардаӣ, додар. Хуш омадӣ. Аммо дар хона наистоданат чандон хуб не. Хонадор нест, хонааш ҳаст-ку. Муъмин бародари муъмин гуфтаанд.

– Маро бубахшед, ака. Ин талаби қоидаҳои шариат ҳаст. Ба хонаи бемардина меҳмон шудани одами ғайр аз рӯи одобу шариат нест.

– Дуруст аст. Хайр, марҳамат, ба хона равем.

– Хуб.

Ҳарду ба меҳмонхона даромаданд. Пилтачароғҳо ҳам оварда шуданд. Хонадор ба меҳмондорӣ пардохт.

Акнун пилтачароғҳо аз чанд гӯша милт-милт забона зада, хонаро рӯшан мекарданд. Лаҳзае пас оромиро овози чирчиракону садои рӯғани бо гӯшт омехтакардаи дег пахш мекард. Ҳамсояҳо низ як-як табақи «нон»-ҳо дар даст ба пеши меҳмон меомаданд. Дастурхон ҳам аз дигар нозу неъматҳои кӯҳистон пур шуда буд. Ҳакими Ҳофиз низ дар даст табақ

ва дар таги кашаш дутор вориди меҳмонхонаи Амир Сайид Аҳмад шуд.

Нахуст гӯштбирёни гӯшти сайдӣ кашида шуд. Пас дигар намуд хӯрокиҳо паси ҳам ба дастурхон оварда шуданд. Баъди хурду хӯрок ва меҳмондорӣ ҷилави суҳбат сӯи нақлу ҳикоятҳои ширин ва шеъру сурудҳои дилнишин кашида шуд.

Ҳакими Ҳофиз чунон бо шеъру суруд ва хушгӯиҳояш ҳамаро хандонд, ки як умр дар хотирҳо монд. Пас тезгӯякҳо сар шуданд. Хушиву хурсандӣ ҳадду канор надошт. Вақт аз намози хуфтан гузашта буд. Бо иҷозаи хонадор дуову фотиҳа гирифта, мардум ба хонаҳои худ баргаштанд.

Амир Абӯҳасан бо тамоми анвои хӯрданиву рафтору гуфтори ҳамсуҳбатонаш зеҳн монда, мурғи хаёлоташ ба дуриҳо парвоз мекард. Аммо сир бой намедод, бе пурсиш ҳарфе намезад.

Бо вуҷуди он, чашми қалбаш сӯи дигаре нигарон буд ва зимнан ба хонадор муроҷиат карда гуфт:

– Ҳазратам, агар имконият бошад, маро иҷоза бидеҳ, то дар ин меҳмонхона танҳо бошаму бихобам.

– Чаро не, хуб, ба чашм,-гуфт мизбон ва воҳимае дар қалбаш ҷо шуда, рахти хоби меҳмонро он ҷо густурда, назди аҳли байташ бирафт.

Амир Абӯҳасан либосҳояшро дар гӯшае гузошт ва бо таҳпӯшҳои карбосии сафед рӯи рахти хоб ба тиловату китобхонӣ шурӯъ намуд.

Забонаҳои пилтачаҳои чароғҳо мавҷак зада, дохили хонаро мунаввар мекарданд. Овози тиловати ин марди наҷиб бо садои чирчиракону шаршара ва рӯдҳои кӯҳӣ ҳамроҳ шуда, оромии шаби атрофро халалдор мекарданд.

Хонадор аз ин вазъият дар ҳарос афтода, аз ҷои хобаш озод хеста, ноҳинҷор беруни дар баромад. Ба манзараи атрофи шаб каме назора намуд. Моҳи шаби чордаҳ чун қурси гурзи заррине ба замин шӯъла мепошид. Ситорагон зери деги кабуди осмон чашмак мезаданд. Роҳи Коҳкашон равшан намудор буд...

Ӯ аз мӯҳрӣ ба дохили хона нигарист ва дуру дароз зеҳн монд. Меҳмонро дар тиловату тоату ибодату китобхонӣ

дарёфт. Ба назараш аз рӯи меҳмон нур мебориду хона дар таҷалло буд. Дар чеҳраи ин фарди назаркардаи Худованд нури Илоҳӣ ҳувайдо мегашт.

Дар симояш рангу намуди ниёгон медурахшиданд. Сиришки чашмонаш дилрабо буд. Хона фурӯзонӣ дошт...

Нури дурахшони ангезанда, нури Илоҳӣ дили Амир Сайид Аҳмадро тасхир кард...

Ӯ фавран баргашта, ҳолро ба завҷаву духтарони моҳпайкари худ гуфта, шарҳ дод:

– Намедонам, меҳмон инс аст ё ҷин, парӣ аст ё паризод, дар назарам аз рӯяш нур меборад. Талъати рӯяш хонаро мунаввар мекунад. Меҳмонхона тамоман пурзиёст.

– Наход, ё наузуби-л-Лоҳ, – бо ғайрат аз ҷойгаҳ хестанд завҷаву духтаронаш. Чун ҳар чаҳор ба такрор ба меҳмон аз беруну аз мӯҳрии хона зеҳн монданд, манзара ҳаловатҷо буд ва хавфу хатар аз қалби ҳамаашон парид.

Меҳри ҳама нисбати ин меҳмон фузуд ва ба дилҳо нақш баст...

Меҳрубонии аҳли хонавода, пас мардуми ин деҳаи хурдакак нисбати меҳмони даҳбедӣ паси ҳам меафзуду ӯро меҳмондорӣ менамуданд...

Амир Абӯҳасан муддате дар хонаи Амир Сайид Аҳмад зиндагӣ ихтиёр кард. Аз файзи ташрифи ӯ хурду калони деҳа аз ҳар ҷиҳат баҳравар мешуданд.

Рафтору гуфтораш барои мардум сабақу дарс ҳисоб меёфт. Меҳри мардум ба ӯ зиёд шуда, чун гулҳои тару тоза рӯз ба рӯз мешукуфт.

Аҳли хонаводаи Амир Сайид Аҳмад аз меҳмонии ӯ ифтихор доштанд. Ҳурмату эҳтиромашро аз сидқ ба ҷо меоварданд. Аз гуфтору рафтору фазилаташ завқ мебурданд.

Бале, ин истеъдоду амали худодод буд. Ӯ низ чун фарди назаркардаи Худованд ба зудӣ ба дилҳо ҷо мегашт.

Амир Сайид Аҳмад ва аҳли оилааш бисёр мехостанд, ки ӯ муқими ин диёр ва фарзанди ин хонадон бошад. Гиреҳи кушодани ин муаммо пеш меомад. Пайвастагии риштаи ҳаётие фаро мерасид. Зеро аз зани солеҳа ва марди солеҳ фарзандони солим ба дунё меоянд гуфтаанд...

– Бисёр мехоҳам, меҳмонро ба фарзандӣ қабул намоем – иброз дошт соҳибхоназан ба шавҳараш.

– Фикри накӯ аст. Ман инро низ дар дил дорам, – фаҳмонд ба завчдаш Амир Сайид Аҳмад, – вале чунин лаҳзаҳои мувофиқ ҳанӯз фаро нарасида буданд.

– Чӣ кор кардан лозим? Бо чӣ тарз ин мақсадро амалӣ кардан мумкин?

– Мушкил аст.

– Бо ӯ аввал дар бораи зиндагӣ гап пеш биёр ва дар равиши сухан «пеш аз пода-чанг»-гуфтагӣ барин, арзи мақсад бикун. Агар марди солеҳ ба зани солеҳа издивоҷ кунад, кори хайрест, аз онҳо фарзандони накӯ ба дунё хоҳанд омад.

– О, балое. Ин фикри оличаноб аст...

Рӯзи дигар пас аз хӯрокхӯрӣ суҳбат қӯр гирифт.

– Мо, ёхсугиҳо асли гапа мегем. Гап гуфтем, сар аз тан медиҳему аз гапамон намегардем. Ба ростӣ, чуртгапем, – Амир Сайид Аҳмад бе парда ба меҳмон фаҳмонд.

– Додар, мехоҳем фарзанди мо бошӣ. Ана, ин ду духтари мо дар ихтиёрат. Яке бӯи бағал шамидагӣ, шавҳараш раҳматӣ аз дунё даргузашт. Дигараш бокираи душиза аст. Аз инҳо кадомашро хоҳӣ, марҳамат. Албатта, ту бегона нестӣ...

– Оббо! Мабодо нохуб нашавад – гуфта, лаҳзае ба нуқтае дида дӯхт Амир.

– Хуб мешавад. Ин фармони Худову Расул (с) аст. Мо сад бор розием.-Аҷабо, мардуми мо, ки аз ҳамин «кунда»-анд «чуртгап» мебошанд. Магар ман ҳам «чуртгап»-ӣ кунам.

– Марҳамат, гап нест. Ин амали хунии мост.

– Набошад, барои ман ҳамон бӯи бағал шамидагӣ меарзад.

– Хуб, гап нест. Илоҳо, оқибати ин фикр хуб шавад.

Хулоса, Амир Абӯҳасанро Амир Сайид Аҳмад ба фарзандӣ қабул намуд ва он кас муқими ин хоку об гардида, аз паи зиндагӣ равон шуд.

Хушбахтона, дар давоми чанд соли охир аз Амир Абӯҳасану духтари Амир Сайид Аҳмад панҷ фарзанд ба дунё омаданд, ки нахустинаш Амир Абӯсаид, дувумаш Амир

Шоҳимард, севумаш Амир Умар, чаҳорумаш Амир Некбахт ва панҷумаш Моҳи Хуросон (аз номи духтари ҳазрати Амирҷон) ном гирифтаанд. Ва ҳамаи онҳо хату савод гирифта, ба камол расиданд. Ба қавле, парончак шуданд...

Аз файзи хиради Амир Абӯҳасан бисёр фарзандони ин мавзеъи дурдасти Хатлонзамин баҳраи маънавӣ бардоштаанд. Шуҳрати ин бузургмард хеле фузуд. Амир Оли Ҳасан ном гирифта, нақши бемисл нишон дод.

Амир Оли Ҳасан дар қадоваи Ёхсу бештар аз 20 сол ҳаёт ба сар бурд. Қиблагоҳаш Амир Сайид Аҳмад ва кампири ӯ паси ҳам аз дунё даргузаштанд. Хонаву дар, замину об ва боигариҳояш ба ин кас монданд. Чун шахсияти номдору нондор баобрӯ ва бодавлати ин қадова ва музофоти Мунки қадим шуҳратманд гашта, бо номи ҳазрати Амир Оли Ҳасан машҳур шуд...

Фарзандонаш фармонбардору дастгиру дастёри ӯ шуданд. Дар ҳудуди Мазори ҳазрати Султон ва поёнтари он заминҳои зиёдеро бо зар харид. Заминҳои зархариду дороияш боз ҳам фузуд.

Боғу роғи зиёде бунёд намуд. Ҳар як гӯшаи биҳиштосои қаламравашро ободу зебо кард. Вақт мегузашт. Умрҳо низ чун корвон паси ҳам равон буданд…

## ВАСИЯТ БА ФАРЗАНДОН: МАРЗА, НАЙЗА ВА РӮИНА

Рӯзе аз рӯзҳо Амир Оли Ҳасан ҳамаи фарзандонро наздаш хонда гуфт:

– Ҷигарбандонам! Акнун синам ба ҷое расид. Хоб дидам. Расули Акрам (с) дар хобам даромад. Он Ҳазрат (с) ҳидоят намуд, ки ба зодгоҳам равам. Маро сафари зодгоҳам – Даҳбеди Самарқанд дар пеш омадааст. Албатта, мехоҳам, ки он ҷо биравам. Он ҷо низ ватани аҷдодии мову шумост. Бисёре аз мардуми Даҳбед низ аз ҳамин ҷойҳо дар замонаш рафта буданд. Аввалан, мехоҳам равуову риштаи авлодӣ гусаста нашавад. Мудом дар алоқаву равуо бо авлодони даҳбедиятон бошед. Дувум. Васияту насиҳатҳоямро бипа-

зиред:

– Амир Абӯсаид?!

– Лаббай.

– Васиятамро қабул намо.

– Хуб.

– Ба ту деҳқонӣ, ворисии замину об – марза.

– Майлаш, ба чашм.

– Амир Шоҳимард!

– Лаббай.

– Ту нисбатан шердилу чусту чолоку ҷасуру зӯроварӣ, медонӣ? Бояд ҳимоягари бародаронат бошӣ. Мондаҳоятро низ дар ин роҳ ва илму адабомузӣ ҳидоят намо. Дар ин сарзамин ҳам илму адабомӯзӣ хуб аст.

– Шояд, иншоа-л-Лоҳ.

– Барои ҳамин, ба ту зуроварӣ – ана, ин корду найза.

– Амир Умар, медонӣ ба ту чӣ васият хос аст?

– Не.

– Надонӣ, ҷони падар, бидон! Ба ту заркорӣ. Заркорӣ дар хоку оби бобоӣ-рӯина.[1]

– Ба Амир Некбахт, ки чун худам серзеҳну соҳибистеъдод аст, омӯзиши илму адабро ҳидоят мекунам. Ҳама фаҳмид?

– Бале, қиблагоҳ...

– Набошад, ба ёд бигиред, ки шумо соҳиби ҳамин хоку об – марзаву найзаву рӯинаед. Мо бо Амир Некбахту Моҳи Хуросон акнун ба сафари Даҳбед азм мекунем. Илоҳо, омин ва Раббу-л-оламин...

Амир Оли Ҳасан бо фарзандон, хешу табору наздикон хайру хуш намуда, бо Амир Некбахту Моҳи Хуросон озими Даҳбеди Самарқанд шуд...[2]

Чун Амир Оли Ҳасан ба зодгоҳаш рафт, фарзандони

---

1.Рӯина – ҳар чизе, ки аз филиз сохта шудааст.Филиз-металл (оҳан, арзиз, мис, нуқра, тилло, сурб ва ғайра).

2.Рӯина ин ҷо заркорӣ дар назар аст.

*Мард, ки оҳандилу рӯинтан аст,*
*Не зиреҳаш ҳоҷату не ҷавшан аст.*

(Амир Хусрави Деҳлавӣ).

бағайрату ба ору номусаш паи васияту маслиҳатҳои ӯ шуданд. Ҳар яке аз рӯи ҳидояти падар ва баэътиборгирии қонунҳои шариату адлу инсоф амал мекард.

Дар ботлоқи нафси бад ва беинсофиву ноодамӣ касе по намегузошт. Ҳама ба Амир Абӯсаид гӯш медод.

Ӯ чун «асои пир ба ҷои пир» фарзандони падарро «зери пар» менамуд. Амир Шохимард низ дар чорчӯбаи васияти падар амал мекард. Амир Умар низ ҳамчунон.

Аз ин ҷигарбандони Амир Оли Ҳасан фарзандони зиёде ба дунё омаданд, ҳар яке далеру ҷасур, шоиру олиму донишманд, паҳлавону қаҳрамон. Ин тухма афзоиш ёфт. Ҳатто аз доираи ҳудуди Мунки куҳану қадоваи Ёхсу ба дигар ҷоҳо паҳну парешон гашт. Дар Рашту Кумеду Самарқанду Бухоро, Вахшгирду Шумону Панҷшеру Бадахшону дигар ҷойҳои Осиёи Вусто…

Амир Оли Ҳасан, Амир Некбахт ва Моҳи Хуросон аз мавзеи Хаси Сафеди назди Чормағзак мегузаштанд. Тифоқо, меҳмони кӯчманчие аз кабоили туркҳо мешаванд. Чун турк аз авлоди «Сайид»-ӣ будани Амир Оли Ҳасан огоҳ мешавад, бо меҳру муҳаббат ва хизмати хоса он касро меҳмондорӣ мекунад ва онҳо ду-се рӯз дар он мавзеъ мемонанд. Хоксорӣ ва меҳрубониҳои мизбон ба Амир Оли Ҳасан писанд омада, ба хулосае меояд, ки духтарашро ба писари он кас хонадор кунад ва ҳамин тавр ҳам мекунад...[1]

Ин мардум зираку доно, далеру часур, донишманду боғайратанд. Танҳо аз авлоди Амир Оли Ҳасан, яъне аз авлоди Даҳбедиҳо бисёр қаҳрамону мардони ҷасур, шоиру донишманд ва арбобҳои давлатӣ ба дунё омадаанд:

Аз ҷумла, мардони далеру шуҷоъ:

---

1.Мо оид ба баъзе мондаҳои Амир Абӯсаид, ки сад сол ҳокимони Мавзеи Мазори Ҳазрати Султон буданд, дар китоби «Ҳокимони Мазори Ҳазрати Султон» муфассал сухан рондем.

Дар бораи Ехсу ва ёхсучиёни Хатлон, ки мардумашон куллан Даҳбедии Самарқанданд, нақлу ривоятҳои зиёде аз даҳон бо даҳону аз қалб ба қалбҳо мегузарад. Шиори ин қавм: «Худо якто, шариат якто, Куръони Маҷид якто, сухани ман якто, сарам мераваду аз сухану мақсаду маромам намегардам» аст ва ё «Ёхсучӣ як гап дорад, сараш мераваду аз гуфтааш пас намегардад».

Қаҳрамони халқи тоҷик – Восеъ (1841-1888), Карими Шариф – иштирокчии шӯриши Восеъ, Мирзоширинбӣ, Давлатмандбӣ, Қосим-туқсабо. Саидаҳмади Карим-Каримқаҳрамон (1912-1991), Генерал-полковник Саидамир Зуҳуров, Генерал-лейтенант Саиданвар Камолов, собиқ сардори фронти халқии Тоҷикистон Сангак Сафаров. Аз шоирон Сайдалӣ വализода, Саидаҳмади Карим ва ғайраҳо...

Ёхсу чандин бор чазиру обод шуда, мардумонаш паҳну парешон гаштааст...

Равобити ин мардум ба аҷдодони Даҳбедиашон дар қарнҳои қаблӣ хеле қавӣ буд...

Тавре аз таърих ва нақлҳои пирони солор маълум аст, Даҳбеди Самарқанд яке аз марказҳои ободону бисёрмардуми тоҷикнишин буда, аксари мардуми он боғайрату далеру шуҷоъ буданд. Мудом мардуми ин ҷо ба муқобили ғосибу золимон мубориза мебурданд. Дар байни бисёр гирдиҳамоиву ошӯбҳои мардум се исён дар ёдҳо мондааст.

Дар ҳар як шӯриш ин ҷо харобу валангор шуда, мардумаш ба ҳар куҷо паҳну парешон мегаштанд.

Яке аз ин исёнҳо задухӯрди байни ин мардум ва тохтутозҳои қабилаҳои турки манғит дар охирҳои асри XVIII ва аввалҳои асри XIX ба ҳисоб меравад. Дар ин задухӯрдҳо Даҳбед ба харобазор табдил ёфта, мардумаш ба деҳаҳои кӯҳистони Зарафшон, қисман ба Афғонистон ва дигар гӯшаву канор фирор карданд.[1]

Дар Бадахшон ба ҳокимият расидани Ёрбеки Самарқандӣ низ бе сабабу асос набуд...

Аз ин мардум бисёр фарзандони далеру шуҷоъ, донишманду адибон ба дунё омада, нақши неку осори гаронбаҳое ба ёдгор мондаанд. Аз ҷумла Қаҳрамони Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуди Панҷшерӣ,[2] Шоири халқии Тоҷикистон устод Муъмин Қаноат, Шоири халқии Тоҷикистон, устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ, шоираи маҳбуб

---

1.Ниг.: «Садои Шарқ», № 106, 2001, саҳ. 5.

1.Номи Панҷшер аз номи панҷ паҳлавони ҷасури Даҳбедӣ, ки Панҷшери имрӯзаро обод кардаанд, шуҳратманд гаштааст.

Гулрухсор ва бисёр дигарон...[1]

Аз рӯи ҳидояту васияти Амир Оли Ҳасан фарзандони Амир Абӯсаиду Амир Шоҳимарду Амир Умар дар заминҳои зархариду бобой ба зиндагӣ шурӯъ намуданд. Дар ҳудуди Мазори Ҳазрати Султон «Абдӯсаидиҳо», дар мавзеи Тутаки пойинтари Мазор Шоҳимардиҳо ва дар қадоваи Ёхсу Умариҳо ҷой гирифтанд. Бо вуҷуди он, дар ин замину обҳо дигар наберагони ин саромадони авлод умр ба сар мебурданд. Аз ҷумла, бобои Карим Шарифи падари Саидаҳмади Карим, ки «шоҳимардӣ» буд, дар қадоваи Ёхсу умр ба сар мебурд, пас ба деҳаи Ҷонбахт кӯчид. Имрӯз бозмандаҳои Амир Оли Ҳасан, бахусус аз шоҳимардиён дар Файзобод, Обигарм, Рашт, Қумсангир ва дигар ҷойҳо зиндагӣ мекунанд…

Ҳамин тавр, бо сабабҳои гуногун наслҳои ин авлод ба дигар гӯшаҳои наздику дур низ фирор намуданд ва ё кӯчиданд, ки инро худи боқимондаҳои онҳо медонанд...

Маълум аст, ки ҷавҳари ғайрату истеъдод, ҷасорату шуҷоат аз хун ба хун ва аз насл ба насл мегузарад. Ин фикр дар мисоли ҳамин авлод нағз таҷассум меёбад.

Агар насли аввалро дар мисоли Амир Оли Ҳасан, ки шаҷараи авлодии он то ба ҳазрати Зайналобиддин мерасад, гирем, насли дувум фарзандони ӯст.

Ҳар се фарзандони Амир Оли Ҳасан дар сираҳу ҳаёт нақши бузург доранд, вале ҳанӯз ҳам қариб гумноманд. Тақдири худи ӯ ва фарзандони дигараш Амир Некбахту Моҳи Хуросон низ то ҳол рӯшан нест...

Бозомадони ин авлод хеле зиёданд ва тавре қаблан ишора кардем, мо бо назардошти худшиносӣ боқимондаҳои як нафар аз тухмаи шоҳимардиёнро ба сифати мисол меорем, ки онҳо дар ҳаёт чӣ нақш гузоштанду доштанд...

* * *

Бо ҳидояти падар Амир Шоҳимард муддате дар деҳае аз подомани Мазори Ҳазрати Султон, ки Тутак ном дошт,

---

1.Ҳамон маҷалла. Мақолаи Қоришарифи Шералӣ (бародари Устод Лоиқ) «Лоиқ видое карду рафт»... 1. Шаҷараи Ёкубиён саҳ. 5-6.

зиндагӣ ихтиёр намуд. Фарзандони ӯ далеру шуҷоъ ва донишманд буданд...

Аз ин бозмондаҳо – набераҳои он кас Собир ва Наим муқими ин деҳа шуданд ва аз тухмаи онҳо наслҳои зиёде ба дунё омада, паҳну парешон гаштанд.

Собир ва Наим асосан дар ин гӯшаи фирдавсмонанд камол ёфта, дар мадрасаҳои Ховалинг ва дигар мадрасаҳо хонда, соҳиби хату савод шуданд. Соҳибмаърифативу донишмандӣ буд, ки ҳарду чун мударрис унвони ифтихории «Домулло»-ро ба худ гирифтанд.

Домулло Собир ва Домулло Наим деҳаи Тутакро хеле обод намуданд.[1] Боғу роғ бунёд карда, осиёб сохтанд ва касби кулолгариро тараққӣ доданд.

Тутак саргаҳи «Шерози Хатлон» ба ҳисоб мерафт.

Аз Домулло Наим Муҳаммад, Табар, Зуҳур, Мирзо ва дигарон, аз Домулло Собир бошад, Муҳаммадрасулу Давлат ва дигарон ба дунё омаданд. Ва боиси зикр аст, ки аксари номбурдагон шоиртабъу донишманду ҳунарманд ва паҳлавону шердилу шерчангол буданд. Барои тақвияти гуфтаҳои боло мондаҳои Домулло Собирро мисол меорему аз ҳаёту фаъолият ва нақши неки қисме аз онҳо ёдовар мешавем.

Домулло Собир-Муҳаммадрасулу Давлатро хононд, дунёбохабар намуд ва аз рӯи васияти бобоӣ тарбият карда, ба дараҷаи паҳлавонӣ расонд...

Ҳарду паҳлавони номии қаламрави Мунки қадим, яке чун шоир ва дигаре чун донишманд ном баровscore. Номбардорони «Шерози Хатлон» ҳисоб меёфтанд...[2]

---

1.Пештар дар таҳҷои ин деҳа тути пирсоли хурде буд ва ҳудуди онро Қоқобод ном мегирифтанд.

2.Дар замонҳои қаблӣ ҳудуди деҳаҳои аз Тиҳиёну Хосиён то ба Хонақоҳу Шайхуваисӣ, Қуллаку Зардакӣ ва Тутакро аз рӯи дар ин ҳудуд зиёд зиндагӣ кардани адибу донишмандон, аз ҷумла шоирон: Хотирӣ, Мирзохизмат, Оина, донишмандон Халифаи Тиёнии Кӯҳистонӣ, Домулло Қурбон, Домуллои Лавова, Шайхи Мулло Раҳим, Домулло Эшопхӯҷаи Хатлонӣ ва бисёр дигарон «Шерози Хатлон» мегуфтанд…

# БОБИ 2

# БОЗМОНДАГОНИ ДОМУЛЛО СОБИР

## ҲОҶӢ МУҲАММАДРАСУЛ
## (1839-1911)

Муҳаммадрасул соли 1839 дар деҳаи Тутак ба дунё омад. Аввал дар назди падар ва баъдан дар мадрасаҳои маҳаллӣ хонд, хату савод баровард ва ба дараҷаи шоирӣ расид.

Ӯ одами сабзинаи қадбаланд буд. Дасту пайҳои нисбатан калон-калон дошт. Қиёфаи сабзина, лабу лунҷ, чашму қошони сип-сиёҳаш ба ӯ мезебид.

Ҳамин ки ба майдони гӯштингирӣ мебаромад, мешукуфт. Боз ҷуссааш бузургтар метофт ва ҳарифашро дар як дам ба тахтапушт меафтонд. Ӯ паҳлавони номӣ буд.

Дар ҷавониаш баробари корҳои кишоварзӣ ва гӯштингирӣ ба шеъру шоирӣ низ рағбати калон дошт. Бештар шеърҳои ҳаҷвӣ мегуфт. Достонсаро буд. Ҷасорат ва ғайрати зиёд дошт. Суханронӣ, рафтор ва гуфтораш пуртаъсиру хандазой буд. Ӯ аз ҳеҷ кас тарсу ҳарос надошт, магар, ки аз Худо. Бо неруи ҷисмониву сухан ба ҳар кас ғолиб меомад.[1]

Тавре қаблан ишора рафт, Муҳаммадрасул дар ҳаҷвинигорӣ ҳамто надошт ва дар музофот номдор буд. Вале, чун солаш ба пирӣ наздик шуд, ба гӯштингириву ҳаҷвнигорӣ хотима гузошт ва аз рӯи шоириву донишмандиаш ба қаландарӣ пардохт. Акнун роҳу равиши зиндагиаш дигар гашт ва қаландариро пеша намуд.

Ӯ дигар жандапӯш шуда, качкули қаландарӣ дар бар «ҳақ дӯст» мегуфту дар васфи Худову Расул (с) суруд мехонд. Ба

---

1. Дар бораи Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул дар китоби «Ховалинг-чашмаи меҳр», «Адиб». 1995 ва «Суханварони диёри Восеъ», «Адиб» 2001 маълумот овардаем. Бинобар он, аз такрори сухан худдорӣ карда, маълумоти навро меорем...

як бурда нон қаноат карда, ҳамеша бо назм бо Худо роз мегуфт.[1] Мудом дар бозори Ховалинг буд ва одобу ахлоқи накӯ, хайру эҳсон ва накӯкориро бо назм замзама менамуд.

Акнун ӯ «Муҳаммадрасули Қаландар» ном гирифта, дар музофот эътиқодмандони зиёде пайдо карда буд.

Ногуфта намонад, ки Муҳаммадрасул замину об, молу мулки зиёде дошт, яъне бадавлат буд. Вале ба қаландария пайвастани ӯ сабабҳои то ба ҳол ба мо номаълум дорад…

Ӯ соли 1907-1909 сафари ҳаҷ намуд. Ва пас аз зиёрати хонаи Худо ва ба ҷо овардани маросими ҳаҷ тарки қаландарӣ намуд. Вай сафари тӯлонӣ кард, акнун шоириву ҳаҷвнигориро низ ба писараш Шоҳғариб дод. Равиши зиндагиаш боз аз сари нав дигар гашт ва чун Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул шуҳратманди диёр гардида, соли 1911 аз олам даргузашт.

## НАҚЛ

Рӯзе Муҳаммадрасул дар ҷои мувофиқи рӯди назди деҳа осиёбе сохтанӣ шуд, то ки ба мардум мададе шавад. Аммо ба ин амали хайр Шали Алимардони Шангӣ ном бое зид баромда, ҷанҷол кард. Ҷанҷол ба ҷанги тан ба тан печид.

Муҳаммадрасул, ки ҳам дар сухану ҳам дар неруи ҷисмонӣ шуҷоат дошт, Шангиро сахт алам дод. Шангӣ бошад, «эсту бест» накарда, аз вазъияти рухдода ба қозӣ арз кард. Қозӣ ҳардуро наздаш хонд.

Муҳаммадрасул, вақте ба назди қозӣ даромад, қозиро воҳима зер карда, «даступохӯрда» шуд ва беихтиёр овоз баровард:

– Оҳ, хонасӯхта, и лабу рӯро бин-е?!

– Лабай! Чӣ мегӯй? – гӯён баланд овоз баровarда пурсид

---

1.Қаландария силсилаи тасаввуфест, ки пайравонаш Ҷамолиддин Соваҷиро (а.13) пешвои худ медонистанд. Онҳо ба ҷои таълимоти ирфонӣ бештар ба ҳаёти риндонаи маломатиён таваҷҷуҳ доштанд. Онҳою аҳли Хонақоҳро бо унвони «Сӯфиёни хориҷ» ном мебурданд. Мавлоно Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс»-аш таълимоти қаландариро бо афкори маломатиён шабеҳ медонад. Ин фикр дар «Мантиқ-ут-тайр» ва «Маснавии маънавӣ» низ мушоҳида мешавад. Абдуллоҳи Ансорӣ «Қаландарнома» ном асар дорад. (ЭСТ. Ҷ.8.с. 819-820) Қаландария то кунун дар адабиёти форс-тоҷик пурра омӯхта нашудааст...

Муҳаммадрасул.

– Мегӯм, ки тану тушу рангу рӯра бин-е!

Аз ин пурсишҳои ноҷои қозӣ Муҳаммадрасул ба хашм омада, аз ҷой бархест ва ба қозӣ рост нигоҳ карда, бо ишораи даст овоз баровард.

Шариатпаноҳи гаранг,
Дастгири Шангии ланг,
Гарат зи ман нафорад,
Назан ба афти ман санг.

«Абдукарим ҳамин хел сохтмун, агар бтонӣ, бигир ай сар бхелу бесозмун».

Чун Муҳаммадрасул ин мисраву суханонро гуфт, дарро кушода беибо аз назди қозӣ баромада рафт.

Қозӣ аз ин амал ба ҳайрат афтод ва аз ноибу дигар наздиконаш кӣ будани ӯро фавран пурсон шуд. Чун фаҳмид, ки он кас Муҳаммадрасули шоири ҳаҷвнигор аст, ӯро дарав аз роҳаш гардонида, аз вай бахшиш пурсид ва мурофиаро бо фоидаи ӯ ҳал кард.

Муҳаммадрасул нуқсону камбудиҳои мардумро ҷасурона мегуфт, то ки онҳо саривақт ислоҳ карда шаванд.

Рӯзе дар маъракаи нони худоие аз деҳаи Хонакоҳ хурду калон омада буданд. Муҳаммадрасул инро дида фавран дар иштироки онҳо ин байтро гуфт:

Ба ҳар ҷое шавад нони худоӣ,
Ба ҷои як равад сад Хонақоӣ.[1]

Мисраъҳои зеринро дар яке аз тӯйҳое гуфта буд:

Тӯй кардам, аввалаш хуб, охири он ганда шуд,
Рауфу Раҳмоналӣ дар тӯи мо шарманда шуд.

---

1.Хонақоҳ – Хонақоҳи Севадара дар назар аст. Ин мисраъҳоро шоири халқ, сокини деҳаи Хонақоҳи Шаҳри Мунк Қодир Дастӣ (1895-1946) ин тавр тағйир додааст:

*Кадуи пӯчала нимаш худоӣ,*
*Ба сад кас мезанад як Хонақоӣ.*

Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул умри дарози бобаракат дид. Аз ӯ фарзандони зиёде ба дунё омаданд. Аз зани аввалааш: Раҳматулло, Асадулло, Шоҳғариб, аз зани дигараш Туманшоҳ, Ӯзбакбӣ, Ҷароил, Фарез ва Фаровон таваллуд ёфтаанд. Ин фарзандон дар назди падар ва мадрасаҳо таълим гирифта, бохату савод шуданд. Аз онҳо низ фарзандону набераву аберахҳои зиёде ба дунё омад, васияту андарз ва анъанаҳои бобоиро идома доданд Писаронаш боғу бӯстонҳо бунёд карданд, баҳри зебогии диёр кӯшишҳо ба харҷ доданд. Нону намакдиҳӣ ба мардум васияти бобогии онҳо буд...

Зани дуюмаш Қурбонгул аз деҳаи Айлонӣ буд ва чун табиби халқии номӣ дар музофот шуҳрат дошт...

Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул соли 1911 дар Тутак аз дунё даргузашт, оромгоҳаш дар гӯристони деҳаи Табариён аст.

НАҚЛ

Дар деҳаи Айлонии Судара тӯйи Сари сол – яъне Наврӯз буд. Аз тамоми ҳудуди Судара, ба қавле, аз сесаду шасту шаш дараи ин сарзамини зеботабиат ва деҳаҳои музофоти Мунки куҳан ва дигар ҷойҳо паҳлавонҳо гирд омада буданд. Маъракаи гуштингирӣ дар ҳамвории назди деҳаи Айлонии боло барпо гашт. Паҳлавонон гӯштини рафиқона гирифта, қувваозмоӣ мекарданд. Дар охир маърака ба Эгамбердӣ паҳлавони қизилмазорӣ монд. Касе аз паҳлавонони боқимонда ҷуръат накарданд, ки бо ин паҳлавон қувваозмоӣ кунад.

Муҳаммадрасул, ки чанд вақт инҷониб гуштин намегирифт, ба қавле, гӯштингириро «бас» карда буд, гуштинро тамошо дошт.

Довар пай дар пай ба охир расидани маъракаро ба фоидаи Эгамбердӣ эълон мекард. Лаҳза ба лаҳза аз эълони довар номусаш бедор мешуд. Ҳамаи 4-5 фарзандонаш пеши назараш меомаданд. Дандон ба дандон монда, ғайраташ ҷӯш мезад. Тамоми авлодони паҳлавонаш дар пеши назараш ҷилвагар мешуданд.

Чун бори охири эълони довар буд, ӯ аз ҷой бархест, ли-

боси паҳлавонеро пӯшид, гирди давраи маърака давр зад ва ба ҷое нишаст.

– Паҳлавон аз Қизилмазор, Эгамбердипаҳлавон.

– Паҳлавон аз Тутаки Ховалинг, Муҳаммадрасули Шоҳимардӣ, дар байнашон як сар гову як сар асп, марҳамат.

Эгамбердипаҳлавони тануманди сиёҳи фарбеҳ, ки дар гуштингирӣ ном ба номи ӯ буд, ба гирди давра оҳиста – оҳиста давр зада, гоҳ – гоҳ ба қираи чашмаш ба Муҳаммадрасул нигариста, дандон ба дандон монда, дастоҳашро таҳ карда ба танаш, ки мисли ду сӯрохиҳои қайчӣ мешуд, боз ба пеш сар медоду сар меҷунбонид.

Муҳаммадрасул бошад, номусаш ғайраташро бедор кард, меғуррид. Гирди давра мегашту мешукуфт, аз ҷелаки танааш қарс-қарс дарз меканд. Гирди давра давр заду рӯ ҷониби қибла ду даст ба замин гузошта ёди Худову Расул (с), Пир кард ва ба рӯяш кашид. Дастҳояшро рӯболо рост карда панҷ панҷаашро сахт ларзонд, ғурриду ба ҳарифаш сахт часпида, ҳалуки сари савҷиро ба кор бурд, нашуд.

Эгампаҳлавони вазнин аз доми мағлубият раҳо ёфта, рамуз гирифт, вале чашму дилаш аз дасту бозу ва қувваи ҳарифаш тарсид, ларзиш дар дастону баданаш намудор гашт. Дафъаи дуюми гардишу бо ҳам сахт часпидани паҳлавонон ҳалкунанда менамуд. Ҳама ҳозирин ҳушу гӯш буданд, оромиро қадам, дасту пову қувваозмоии паҳлавонон халалдор мекард. Эгамбердипаҳлавони вазнин мехост вазнашро дар шонаи Муҳаммадрасул бор карда, ӯро бо фанд мағлуб кунад.

Муҳаммадрасул усули «фанди хов»-и бобоиро дар лаҳзае истифода намуда, ҳарифашро мисли чанори сариҷар чаппагардон ба замин чунон сахт зад, ки вазни паҳлавон гарданашро аз кор баровард. Паҳлавон ба тахтапушт ғалтиду ӯро ҳамроҳонаш базӯр аз маърака берун бурданд.

Гуштин бо фоидаи Муҳаммадрасул ҷамъбаст шуд. Гуштини танӣ, ба мардум хурсандӣ овард. Меҳмонону паҳлавонон ба хонаҳои худ баргаштанд. Эгамбердипаҳлавон ҳам ба худ омада ба Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул хайру хуш карда, бо ҳамроҳонаш ба диё-

раш рафт. Аммо Муҳаммадрасулро дар деҳаи Айлонӣ меҳмон гирифтанду хеле хуб меҳмондорӣ карданд ва дар ин ҷо бахташ хандид.

Мӯҳаммадӣ паҳлавони пири паҳлавонони Айлонӣ аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид, гуфт ки, Муҳаммадрасулпаҳлавон, ки номуси деҳа, халқ ва миллатамонро ҳимоя кард, ман духтари пайи қинғолаамро бароят ҳамчу ҳамсар мебахшам.

Муҳаммадрасул духтари Муҳаммадалии паҳлавон – Қурбонгулро ба никоҳи худ гирифта, аз ӯ низ баракат ёфт.

НАҚЛ

Баъди 50-60 соли вафоти Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул мардуми Тутак, Табариён ва дигар деҳоти гирду атрофро муҳоҷир намуданд. Деҳаҳо ҷазир ва макони чуғзҳо шуданд. Дар гӯристон дарахтони зиёди худрӯй баромаданд. Болои гӯри Ҳоҷӣ Муҳаммадрасулро дарахти туғмонанде соя мекард Дарахт азим шуда буд.

Рӯзе аз бемористони ноҳия барои зимистонгузаронӣ баҳри ҳезум рафтанд. Онҳо нофаҳмида аз гӯристон ба буридани дарахтон сар карданд. Чун дарахти болои гӯри Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул бурида шуд, аз ҷои буридашуда моеъи хунмонанд баромад. Пас он дарахтро касе кордор нашуд. Ҳезумтайёрмекардагиҳо аз ҷангали дигар ҳезум тайёр карда, ба беморхона овардаанд. Чун ба бемористон расиданд, коргоҳашонро сӯхта диданд.

Маълум шуд, ки беморхона дар гирифта, ба сӯхтан сар кардааст...

Ҳодисаро нақл карданд...

Ҳоло он дарахти бурида дар паҳлуи гӯри Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул хобидааст.

* * *

Рӯзе дар деҳаи Тутак Муҳаммадрасул тӯй кард ва вобаста ба шумораи мардуми деҳа маърака орост. Бинобар сабаби хушгапу ҳаҷвнигор будани Муҳаммадрасул як идда аз одамони деҳахои атроф маслиҳат карда, ба тӯи ӯ бе даъват омаданд.

Муҳаммадрасул асрори ташрифи онҳоро медонист ва дар

ҳақашон мисраъҳои зеринро гуфт, ки он мисраъҳо ба мо дар шакли пароканда расидаанд...

Ҳай дареғо, туй хуб буд, лек боз ҳам ганда шуд,
Мардаки тӯйдор хиҷилу деҳаам шарманда шуд.
Бар хилофи даъвати мо марди бисёр омадаст,
Даъватӣ не, дастае бешарму беор омадаст.

Давлати Қуллакиву кӯри Муроду Сайалӣ,
Қурбони Соҳибназар, кали Сафар, рӯбай Валӣ.
Кӯсаи Иброҳиму Шайхи Раҳим, кӯри Шукур
Бемуроот мераванд дар тӯю сӯр кӯҳрӣ базӯр...

Баъди дар байни мардуми деҳаҳои гирду атроф аз даҳон ба даҳон гузаштани ин мисраҳо чанд нафар аз дӯстдорони назм ва ҳазлу шӯхӣ аз ҳамсояҳои Охтераку Зардакӣ ва Шехвесӣ тӯйи Ҳоҷӣ Муҳаммадрасулро ба тариқи назм сахт танқид карданд ва бадаҳатан чунин ҷавоб гирифтанд:

Тӯй кардем, тӯйи мо ба гуфти аблаҳ хуб нашид,
Лек, саду панҷоҳ асп дар тӯйи моён буз кашид.
Ошу нону гӯшту равған баҳри кас буд беқиёс,
Гӯшту равған беадад, сӯхтагӣ нона кас надид.

Нолаи Шомаҳмади Иброҳими Охтеракӣ,
Ҳамчунон кури Шукуру Калкарим аз Зардакӣ,
Беасосу «пақ-пақ»-и бисёр андар шаъни мо.
Гуфтаам ман ҳар якеро, ноҳақиву меҷакӣ…

Боре Умарбой ном бойи маҳаллие ду рама гӯсфандро барои фурӯш ба Саройкамар (Панҷи имрӯза) бурданӣ шуда, барои ҳимоя Муҳаммадрасули паҳлавонро бо чанд нафари дигар ҳамро бурдааст.

Чун рама дар чул равон буд, ба ногоҳ роҳзанҳое пайдо шуда азми ғорат намуданд. Дар ин асно бой ва чанд нафар гурехт ва Муҳаммадрасули паҳлавон роҳзанҳоро бо зарби

мушту латукӯб мағлуб карда, рамаву ҳамроҳонашро аз маргу ғорат наҷот дод ва пас ин мисраҳоро бадоҳатан гуфт:

Умарбойи сагахта,
Моро кардан пустахта,
Нахурди мушти сахта,
Бахчӣ халос накардӣ?

Гардум мулло Набира
«Ур» гуфта зад хапгира.
Б… зани тоҷирра,
Бахчӣ халос накардӣ?

Аз бахри молу танга,
Роҳзан гирифта ҷанга,
Задан ду-се гаранга,
Бахчӣ халос накардӣ?…

Ин мисраъҳо дар васфи пирбойё ба тариқи ҳаҷв гуфта шудааст:

Ту, эй пирбойи кал, ёдам накардӣ,
Қурутов кардӣ, фарёдам накардӣ.
Буте танга, бигуфтӣ музди бозор,
Фурӯхти нарбузат бо пули бисёр…
Надорам танга эй чашмдарида,
Бузам рафта ба хона нохарида…

* * *

Зимистон шуд дарозу растаҳо лой,
Ба мисли дағдағай тӯйи Умарбой…

Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул, дар ҳақиқат, истеъдоди баланди шоирӣ дошт, бо назм сухан мегуфт. Хубу бад ва мадду ҷазри зиндагиро эҳсос намуда, даррав ба риштаи назм бар – мекашид. Мисол, вақте ӯ бо ҳоҷие ҳангоми аз ҳаҷи акбар омаданаш ба Норак мерасад, Норак ва Гулуни Зиндон дар

он замонҳо ҷойҳои ниҳоят гарми мисли дӯзах буданд. Ҳоҷӣ ба ин эътибор дода, дар он ҷо мегӯяд:

> Эй Худо, бар мо аҷаб нақши муборак бохтӣ,
> Дӯзахи дигар чӣ ҳоҷат буд, ки Норак сохтӣ?

Чунин мисраъҳои пароканда аз ҳаҷвнигориҳо дар ашъори Муҳаммадрасул бисёр аст. Ӯ шеъри ҳаҷвие дар васфи Худоёрхони ҳокими қӯқандӣ (ё ҳисорӣ) дорад ва он дастраси мо нашуд.

Умуман, аз ашъори Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул ба дасти мо мисраъҳои парокандаи зиёде расидааст...

## ДОМУЛЛО РАҲМАТУЛЛО
## (1873-1926)

Ин мард таълими ибтидоиро дар назди падараш Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул гирифт. Чун заминдору чорводор ба меҳнат машғул буд. Дар ҷавонӣ дар маъракаҳо гуштин мегирифт. Сиёсату ҷасорат дошт. Дар тӯю сур аз ашъори падараш қироат мекард. Шахси баобрӯ, паҳлавонҷусса, кордон, нону намакдеҳ ва дунёбохабар буд. Мудом анъанаи падару модар, гузаштагон ва аҷдодонашро идома дода, фарзандон ва мардумро ба худшиносиву худогоҳӣ ҳидоят менамуд.

Донишманд, нуҷумшинос, китобхон ва шоҳномахони моҳир буд. Аз рӯи номи кас сину соли ӯро муайян мекард, риёзидони хуб буд. Вале, афсус, бар асари дигаргуншавии авзои замон аз ӯ сифати нек ва фарзандон боқӣ монду халос…

Аз домулло Раҳматулло Ориф, Замон, Тилло, Файзулло, Муъмин ва дигарон ба дунё омадаанд.

Айни замон аз ин фарзандони Раҳматулло набераву абера ва чабераҳои зиёде дар қайди ҳаёт буда, дар навоҳии Ховалинг, Кӯлоб, Восеъ, шаҳри Душанбе ва дигар гӯшаҳои кишвар зиндагӣ карда, ба халқу Ватан хидмат мекунанд.

Ҳар яке аз ин авлод дар вуҷуди худ ғайрату ҷасорат ва истеъдоди баланд доранд ва аз онҳо дар ин ва ё он касби

интихобкардаи худ истифода мебурданд ва мебаранд.

## ДОМУЛЛО ОРИФ

Ин бузургмард соли 1900 дар оилаи Домулло Раҳматулло дар деҳаи Тутак ба дунё омад. Дар назди падар ва мадраса таълим гирифт, донишманди шинохта буд. Чун Домулло Ориф шуҳрат дошт. Вай донишманду шоҳномахон буд.

Ӯ бо Ниҳолбӣ ном духтар хонадор шудааст. Баъди чанд муддате, соли 1939 аз тарафи НКВД ба маҳкама гирифта, то ҳол «бе ному нишон» мондааст. Аҳли оилаи ӯ аз соли 1940 дар гузари Сари Мазори Хоҷа Аюби Ансорӣ зиндагӣ карда, баъди солҳои 1950-ум ба водии Вахш кӯч бастаанд. Аз ин хонадон писараш Эмомалӣ боқӣ мондааст. Ҳоло бобои Эмомалӣ соҳиби 7 нафар фарзандон мебошад ва онҳо дар хоҷагии ба номи Файзалӣ Саидови ноҳияи Бохтар зиндагӣ мекунанд. Аз ӯ Тоҳир (1966), Саидакбар (1972), Тоҷинисо (1970) ба дунё омада, баъди хатми мактаби миёна Донишгоҳи техникию аграриро хатм кардаанд Шарифбек (1960), Одинагул (1963) ва Сафармоҳ (1969) коргари хоҷагии номбурдаанд.

Бобои Ориф писари дигареро ба номи Қурбоналӣ тарбия кардааст. Аз ӯ Сафаралӣ (корманди Сарраёсати тухмипарварии ҷумҳурӣ мебошад) соҳиби 10 нафар фарзанд буда, дар хоҷагии номбурда зиндагӣ мекунанд. Фарзандони Сафаралӣ 3 нафарашон донишгоҳҳои ҷумҳуриро хатм кардаанд.

Вақте Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул (1907) аз сафари ҳаҷ баргашт, бо худ дар қатори дигар савғотиҳо як (чаллаи) ангуштарини тиллоӣ, матои сафед ва чанд чизи дигар оварда буд. Ангуштарин тиллоии нигинаш сурх дар болои нигин тасвири Хонаи Худо, то солҳои фавти Домулло Раҳматулло дар дасти ӯ буд. Пас домулло ин нишонаи падариро ба келини дӯстдораш, зани Орифи писараш ба ёдгор дод. Ҳоло ангуштарини мазкур дар дасти бобои Эмомалӣ маҳфуз мебошад.

Матои суф (дока) бошад, дар дасти Парчамоҳ – ҳамсари Мулло Тилло, дар деҳаи Зардолубоғи ноҳияи Восеъ мебошад.

Имрӯз набераву абераҳои Домулло Ориф дар совхоз-техникуми Қӯрғонтеппа, шаҳри Душанбе ва дигар ноҳияҳо умр ба сар мебаранд...

## ДОМУЛЛО ЗАМОН
## (1908-1944)

Замон соли 1908 дар деҳаи Тутак таваллуд шуд. Дар назди падараш таълим гирифта, хату савод баровард.

Донишманд ва шоҳномахон буд. Табъи баланди шоирӣ дошт.

Ба Басгули духтари Эшони Амир, аз деҳаи Охтерак издивоҷ кард.[1] Аз ӯ Раҷабалӣ, Қиматгул, Маҳмадалӣ ва дигарон ба дунё омаданд. Баъди фавти Басгул, Замон ба Маимгул ном духтаре хонадор шуд. Аз Маимгул Тағоймурод. Хатиҷамоҳ, Маҳтоббӣ ва Бибиҷон таваллуд ёфтанд. Ҳоло Маҳмадалӣ дар шаҳри Душанбе ва Бибиҷон дар ноҳияи Ховалинг ҳаёт ба сар мебаранд.

Ба ҷуз аз ин ду нафар, аз 7 фарзанди дигари фавтидаи Домулло Замон ёдгоре намондааст. Домулло Замон бою бодавлат буд. Гову мол ва боғу роғи зиёд дошт.

Ӯро «Замонбой» ҳам мегуфтанд. Хонааш се дарвоза дошт...Ӯ соли 1944 дар деҳаи Тутак дунёро падруд гуфт.

Чун Замонбой аз дунё даргузашт, аёми душвори зиндагӣ, давраи вазнинии ҶБВ буд...

## МАҲМАДАЛӢ



Маҳмадалӣ, ки соли 1939 таваллуд ёфта буд, бе сарпаноҳ монд. Соли 1946 модараш аз дунё даргузашт. Дар 8-солагиаш ӯро апааш Бибиҷон ба Хонаи бачагони Ховалинг бурд.

Маҳмадалиро бо сабабҳое аввал ба Хонаи бачагони Норак, пас ба Шаҳидони ноҳияи Ашт бурданд. Синфи 8-умро дар ноҳияи Ашт соли 1958 хатм кард. Соли 1958-1961 дар техникуми тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон хонд. Пас аз хатми

1.Басгул аз авлодони марҳум Сайидмӯъмин Табари Токакӣ буд.

техникум дар ноҳияи ба номи Куйбишев (ҳоло Хоҷамастон – ба номи Ҷомӣ) омӯзгор буд. Соли 1961 ӯро ба хизмати аскарӣ гирифтанд. Ӯ се сол дар шаҳри Серпухови вилояти Москва хидмат карда, соли 1964 ба Ватан баргашта, дар шаҳри Душанбе дар хонаи акааш Раҷабалӣ истиқомат ихтиёр кард.[1] Маҳмадалӣ қиссаи зиндагии аҷоиб дорад. Ба ӯ дар хонаи бачагон насаби Сайдамиров доданд.

Ҳоло насабаш Саидамиров аст. Апааш Бибиҷон ӯро ба хонаи бачаҳо супорида бошад ҳам, чандин сол ӯро мекофт ва хушбахтона, тавассути матбуот дар натиҷаи чустуҷӯҳои зиёд ӯро ёфт... Ҳоло соҳиби 6 фарзанд мебошад. Дар тӯли солҳои зиёд нав баъзе хешовандонашро ёфта истодааст...

Бо дотсент Сироҷиддин Тиллоев равуо дошта, писараш Сафаралиро бо духтари Тиллоев-Зебогул хонадор кардааст...

Маҳмадалӣ алҳол имом-хатибии яке аз масҷидҳои шаҳри Душанберо ба уҳда дорад.

Маҳмадалии писари Домулло Замон – яъне Маҳмадалӣ Саидамиров табъи шоирӣ дорад. Раҳораҳ бо назм гап мезанад, вале ашъори худро ҷамъ накардаву то ҳол ба табъ нарасонидааст.

Ана, ин мисраҳоро ҳангоми аз маросими ҳаҷи акбар омадани Бобоҷон ном ҳоҷие бадоҳатан гуфтааст, ки ин ва чанде чакидаҳои табъи ӯро бетаҳриру бе таҳлил меорем:

Омадед аз роҳи дур,
Хона бишуда пурнур.
Овардед Шумо бар мо,
Бӯи хуши Мустафо.
Назди Шумо зиёрат
Омадем аз диёрат.
Ҳоҷӣ мулло Бобоҷон.
Сиҳат бошию хандон,

1.Раҷабалӣ Сайдамиров дар шаҳри Таганроги Федератсияи Руссия хидмат кард. Бо духтари русе издивоҷ намуда, соли 1952 аз сафи аскарӣ омада ва дар шаҳри Душанбе милиса шуда кор мекард...

Бошӣ ба рӯи роҳат,
Ба мо кунӣ шафоат...

Бобои Маҳмадалӣ ҳофизи хуби суруд, наът ва фалаксаро мебошад.

### БАҲОР

Ана, биомад баҳор
Гулҳо шукуфта қатор.
Ҷамъ шавед бачаҳо,
Меравем сӯи саҳро.
Гул мечинем аз саҳро,
Ин барои бонуҳо.
Бобоятон ҷонона,
Шеъру ғазал мехона.
Ҷои зисташ «Хоруғ» аст,
Андар дилаш фурӯғ аст.

### ГУЛРӮ

Гулрӯ гули анорай,
Дар ҳама кор тайёрай.
Ҷорӯб мегирад ба даст,
Ҳавлӣ мерӯбад ба шаст.
Ӯ аҷоиб духтар аст,
Дар хона гулпарвар аст.

### ОМАДГУЛ

Дар ин хона омад Гул,
Ёрдамчии Раъногул.
Шумо меравед ба кор,
Дар ин хона Гул даркор.
Ин Гули меҳрубон аст,
Арӯси Султонҷон аст.
Бахти баланд ёраш бод,
Меҳри дучанд ёраш бод.

### БА НАБЕРААМ

Духтараки Кӯлобӣ

Гулаки лаби обӣ.
Гирифтамат ба дастам,
Хаёл кардам, ки мастам.
Ту шаъну шони бобо,
Наберачони бобо.
Худо, калон бишавӣ,
Зи мо нишон бишавӣ
Чун бибит табиб шавӣ,
Ба мардум ҳабиб шавӣ.

БА СУЛТОНҶОН

Султончон, эй Султончон,
Худат ҷавони кордон.
Ҳар корро бикардӣ сар,
Дуо бигир аз модар.
Падари ту олим аст,
Машғул ба таълим аст.
Бо роҳи падарат рав,
Ба халқ манфиат шав.
Хизмат ба модар бикун,
Ҳар илмро аз бар бикун.

ШОДАМ

Бобо Маҳмадалиам,
Амаки Файзалиам.
Номи падарам Замон,
Аз Тутаки Хутталон.
Донишманд буд авлодам,
Аз авлоди худ шодам.

Аз Домулло Замони Раҳматулло фарзандон ва набераву аберахои зиёд дар ноҳияҳои Восеъ, Ховалинг, шаҳри Душанбе ва Руссия умр ба сар мебаранд...

## ДОМУЛЛО ТИЛЛОИ РАҲМАТУЛЛО
## (1910 – 1966)

Тиллои Раҳматулло соли 1910 дар деҳаи Тутак ба дунё

омад. Назди падараш таълим гирифт, пас дар мадрасаҳои маҳаллӣ хонда, хату саводи кофӣ пайдо кард.

Ӯ китобдору китобхони хуб буд. Баробари деҳқониву чорвордорӣ дар ҷавонӣ дар маъракаҳо гуштин мегирифт. Паҳлавонсурат буд. Бо вуҷуди ҳамаи ин гуфтаҳо, табиби номӣ ва чун падараш ҳисобдону мунҷҷим низ буд.

Тилло аввал ба Ҷиёнгул ном духтар хонадор шуд, вале аз ӯ фарзанд наёфт... Пас, соли 1947 ба набераи Шайхи Мулло Давлат – бародари бобояш Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул, ба Парчамоҳ хонадор шуда, аз онҳо фарзандони зиёде ба дунё омад.[1]

Аз он ҷумла, Муҳиддин, Сироҷиддин, Қутбиддин ва Исмоил, се нафари аввалаш Донишгоҳи аграрӣ ва чорумаш факултаи англисии Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбеpо хатм кардаанд.

Муҳиддин дар ноҳияи Ховалинг, Қутбиддину Исмоил дар ноҳияи Восеъ ва Сироҷиддин бошад, дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекунанд. Муҳиддин соли 1948, Сироҷиддин соли 1950, Қутбиддин соли 1953 ва Исмоил соли 1957 дар деҳаи Тутаки ноҳияи Ховалинг ба дунё омадаанд.

Домулло Тиллоро «писари мулло» гуфта, ба ҶБВ набурданд. Пас аз соли 1943 ӯро ба баталиёни коргарӣ гирифта, ба вилояти Свердловски Сибир бурданд. Домулло Тилло аз соли 1943 то соли 1946 дар ин гӯшаи Сибир ба ҷӯббуриву азобу уқубат гирифтор буд.

Дар Сибир бо ҳамроҳии писари бобои Мираки Калағракӣ – Сайдаҳмад хизмат карда, 500 нафарро ба намозхонӣ ҳидоят намуда, аз чоҳе оби таҳорат додааст ва китобхон: Ҳофизу Бедилхон кардааст.[2]

Соли 1946 ба ватан омада, ба ҳаёти осоишта пардохт ва соли 1966 аз дунё даргузашт.

Имрӯз аз Домулло Тилло ва Парчамоҳ фарзандон ва набераву аберахои зиёде дар Ховалинг, шаҳри Душанбе ва

1.Парчамоҳ духтари Домулло Шарифи писари Шайхи Мулло Давлат аст. Соли таваллудаш 1926, ҳоло дар деҳаи Зардолубоғи ноҳияи Восеъ зиндагӣ мекунад.

2 Аз нақли бобои Сайидаҳмади 110 сола.

ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ умр ба сар мебаранд.

Дар вуҷуду симои ҳар яки фарзандони ин авлод ғайратмандие ҷой дорад. Агар мондаи ин авлод деҳқон бошад, ғайрати он ба деҳқонӣ сарф мешавад. Агар олим бошад ба илм. Мо дар муддати бештар аз бист соли чустуҷӯ ба бисёре аз фарзандони ин авлод вохӯрда, ошноӣ пайдо кардаем.

Марбути ин гуфтаҳо очерки мухтасареро аз ҳаёту фаъолияти илмии писари Домулло Тилло-номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи «Механикаи назариявӣ ва ҷузъиёти мошинҳо»-и Донишгоҳи аграрии Точикистон, Аълочии маорифи Тоҷикистон Сироҷиддин Тиллоев мутолиа намоед:

## СИРОҶИДДИН ТИЛЛОЕВ



Аълочии маорифи Тоҷикистон, олими ихтироъкор, номзади илмҳои техникӣ, дотсент.

Бо ӯ дар утоқи кориаш вохӯрдем. Дар бораи сифатҳои корӣ ва донишмандиву ихтироъкориаш борҳо шунида бошем ҳам, «шунидан кай бувад монанди дидан». Вақте ки ба ӯ вохӯрдему аз кору бор ва дигар паҳлуҳои ҳаёташ пурсон шудем, асрори нуҳуфтае бароямон падид омад.

Лаҳзае пас, дар авҷи суҳбат ҷавони миёнақади гандумгуне вориди ин коргоҳ шуда, овоз баровард:

– Устод, бубахшед, гапатонро мебуррам.

– Майлаш, марҳамат, – гӯён розигӣ дод ҳамсуҳбатам.

– Механизм тайёр, нағз кор мекунад, қисми гуфтагиатонро дар устохонаи оҳантарошӣ тайёр карда овардем.

– Хуб, айни муддао. Мо ҳам дар ҳамин мавзӯъ гуфтугӯ дорем. Агар розӣ бошед, якҷоя меравем, – ба мо ишорат карда, гуфт ӯ.

– Боз хубтар, – табассум дар лаб бо хушнудӣ қабул намуд он ҷавон.

Мо ва чанде аз ҳамкору шогирдони ин марди фидоӣ аз утоқи кории ӯ ба ошёнаи якум, ба устухонаи факулта равон шудем.

Чун вориди устохонаи таълимӣ гаштем, чанд нафари дигар низ интизори мо буданд.

– Механизми нави сохтаи мо «Механизми сайёравӣ бо водилаи (барандаи) таркибӣ» ном дорад, – гӯён ба ҳозирин тарзи коркунии механизмро намоиш дода, суханашро идома дод ӯ, – ин ҷо ба ҷои пружинаи механизмҳои пештар сохташуда водилаи таркибӣ иборат аз элементҳои зерин: каҷмила, поршен, кулиса ва барранда сохтааст. Ин аз ҳар ҷиҳат содда, муфид ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар мебошад...

Ин лаҳзае буд аз ҳаёти қаҳрамони навиштаҳои мо, номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи механикаи назариявӣ, ҷузъиёти мошинҳо ва графикаи муҳандисии факултаи механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикиситон Сироҷиддин Тиллоев.

Ҳар фард дар ҷамеъа бо салобату мавқеи вай дар чодаи ихтироъкориву навъоварӣ ё инкишофу рушди ин ва ё он соҳаи илм, техника, ҳаёти маънавию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ муайян гашта, пас натиҷаҳои заҳмати ақлонии ӯ аз тарафи омма пазируфта мешавад.

Сироҷиддин Тиллоев ҷавонмарди соҳибистеъдоду ихтироъкор аст. Ӯ бештар аз 35 сол инҷониб дар факултаи механиконии кишоварзии Донишогоҳи аграрии Тоҷикистон кор мекунад. Хизматҳои арзандаву шоёни ӯ дар ҳалли масъалаҳои соҳаи техникӣ, кишоварзӣ, гузаронидани корҳои илмӣ-методӣ ва тарбияи мутахассисони ҷавон калон мебошад.

Ӯ дар давоми фаъолияти меҳнатиаш чун яке аз омӯзгорони соҳибтаҷрибаву нексиришт, ихтироъкору сермаҳсул дар корҳои ҷамъиятиву илмӣ ва фарҳангии донишгоҳ нақши калон дорад.

Алҳол бо қалами вай зиёда аз 170 номгӯи асарҳои илмиву методӣ ба табъ расидааст. Ӯ соҳиби якчанд шоҳодатномаҳои муаллифӣ буда, аз ҷумла 30 корҳои илмии

ӯ корҳои ихтироотӣ мебошанд.

Дар ҳақиқат, Сироҷиддин Тиллоев соҳибистеъдоду донишманди бузурги ихтироъкор аст. Вақте ки ӯ ба корҳои илмии Президенти назарияи механизм ва мошинҳо дар ҷаҳон ва собиқ Идтиҳоди Шуравӣ (то соли 1985), академики АУ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, директори Институти мошинсозии АУ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ Иван Иванович Артабалевский ошно гашт, шавқу завқаш нисбати тахассуси интихобкардааш дучанд афзуд. Гаштаю баргашта асарҳои ин олими машҳури оламро мутолиа намуд. Илҳому истеъдод, дониш ва ғурури ориёиаш ҷӯш зада, ба такмили яке аз корҳои илмиву ихтироотии ӯ камар баст.

Академик И.И.Артабалевский дорандаи 7 ҷилд шарҳу тавзеҳи механизмҳо, ки дар маҷмӯъ 15 ҳазор механизмҳоро дар бар мегирад, мебошад…

Академик И.И. Артабалевский дар ихтирооташ оиди «механизмҳои сайёравӣ бо водилаи (барандаи) чандирӣ-пружинавӣ»[1] муайян намуд, ки механизми мазкур ҳангоми кор карданаш бо пружинаи чандири дорои суръати тағирёбанда буда, роҳи дигари кор надорад.

Аммо олими ҷавони тоҷик С. Тиллоев механизми ихтирокардаи олими намоён И.И. Артабалевскийро бори дигар гаштаю баргашта омӯхт, дар амал санҷид ва ба хулосае омад, ки ин ҳадди охирин нест ва механизм такмил мехоҳад.

С. Тиллоев солҳои 1982-1983 пурра муайян намуд, ки фикри И.И. Артабалевский дар ин бобат коста аст ва ӯ баръакси гуфтаҳои академик ба сохтани механизми нав пардохт.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми ба кор даромадани механизми И.И Артабалевский хусусияти суръати тағирёбандаи сателлит дар натиҷаи кӯтоҳ ва дароз шудани пружина (элементи чандирӣ) ба амал меояд.[2]

1.Справочник механизмов современной техники. Т. 3. с. 110.
2.Сателлит – вожаи лотинӣ буда, маънои муҳофизу ҳамсафарро дорост. ЭСТ.Ҷ. 3. саҳ. 613.

С. Тиллоев бошад, исбот намуд, ки чархи сайёравӣ дар механизм на танҳо доирашакл, балки он элипсмонанд ё чархи ғайридоиравӣ шуда метавонад. Вай муайян намуд, ки механизми И.И Артабалевский камбудиҳои зерин дорад:

Дар механизми И.И. Артабалевский часпиши қуввагӣ иҷро намешавад, яъне механизм дар натиҷаи деформатсия шудани пружина ё элементи чандирӣ кор карда наметавонад. Сателлит аз чархи сайёравӣ дур мешавад ва кор карданаш қатъ меёбад.

Олими тоҷик С. Тиллоев баръакси кори академик И.И. Артабалевский механизми нави сайёравӣ: «Механизми саёравӣ бо водилаи (барандаи) таркибӣ» сохт. Ва дар механизми сохтаи ӯ ба ҷои пружина водилаи таркибӣ иборат аз элементҳои зерин: каҷмила, поршен, кулиса ва баранда ҷой дода шуданд.

Тадқиқотҳо ва ихтирооти С. Тиллоев ниҳоят фоиданок буда, моҳияти байналмилалӣ доранд. Аз чумла, аз истифодабарии механизмҳои сайёравӣ бо водилаи таркибӣ аз ҳар як адад комбайнҳои ғалладаравӣ – 220 сомонӣ ва ба ҳаракат даровардани шпинделҳои ҳар як мошинҳои пахтачинӣ – 330 сомонӣ фоидаи софи иқтисодӣ ба даст оварда мешавад.

Механизми ихтироъкардаи С. Тиллоев дар назарияи мошину механизмҳо ҳамчун ихтирои нав қабул карда шуда, ба ӯ шаҳодатномаи муаллифи ихтироъкории №29, аз соли 1983 бо рақами 1033797 БИ дода шудааст.

Гуфтаҳои боло яке аз 30 ихтироъкориҳои С. Тиллоев буд...

* * *

Дотсент Сироҷиддин Тиллоев 12 апрели соли 1950 дар деҳаи Тутаки ноҳияи Ховалинг, дар оилаи донишманд таваллуд ёфтааст.

Падари Тиллоев донишманду домулло буда, ба деҳқонӣ шуғл меварзид. Ӯ набераи Хоҷӣ Муҳаммадрасули шоир буд.

Модараш низ аз оилаи шахси донишманд Шайхи Домулло Давлат, бародари Ҳоҷи Муҳаммадрасул ба дунё омадааст.

Сироҷиддин таълимии ибтидоиро дар ноҳияи Ховалинг гирифт. Ҳамин, ки соли 1958 оилаи онҳоро ба собиқ колхози ба номи Ленин (ҳозира ба номи М. Маҳмадалиев) ноҳияи Восеъ кӯчониданд, ӯ дар мактаби рақами 2, ба номи В.И. Ленин таҳсилро идома дод ва мактабро соли 1967 бо муваффақият хатм намуд. Аз моҳи августи соли 1967 то моҳи ноябри соли 1968 дар колхози номбурда колхозчӣ буд. Солҳои 1968-1970 дар округи ҳарбии назди Балтика дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Шуравӣ хизмат намуд.

Солҳои 1970-1971 дар колхози номбурда боз колхозчӣ шуда, кор кард. Ва чун шароити оилавиву иқтисодиаш каме «ҷон» гирифт, фавран соли 1971 ба факултаи Механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1976 бо баҳои хубу аъло хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳ ӯ аввал устои таълим ва аз моҳи декабри соли 1976 то октябри соли 1980 ба сифати ассистенти кафедраи механикаи назариявии факултаи механиконии кишоварзӣ кор кард.

Меҳри илм дар дили ӯ ҷӯш зада, барои давом додани таҳсил дар аспирантура (моҳи майи соли 1980) ба аспирантураи Институти механика ва зилзиласанҷии ба номи М.Т.Уразбаеви АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон имтиҳон супорида, таҳсилро идома дод. Моҳи сентябри соли 1983 аспирантураро пеш аз муҳлат хатм намуда,ба Донишгоҳи аграрии Точикистон баргашта, корро дар кафедраи механикаи назариявӣ ба ҳайси ассистент идома дод. Рисолаи илмии худро ба Шӯрои илмии Институти политехникии ба номи А.Снечкуси шаҳри Каунаси Ҷумҳурии Литва супорид ва аз истеҳсолот ҷудо нагашта, дар маркази илмии «Вибротехника»-и ҳамин Институт курси «Математикаи амалӣ»-ро солҳои 1985-1988 ба итмом расонд. Баъди бомуваффақият супоридани имтиҳонҳо барои ҳимоя иҷозат дода шуд.

Моҳи январи соли 1989 дар Маркази илмии «Вибротехника»-и Ҷумҳурии Литва аз рӯи мавзӯи «Ихтироот ва тадқиқи механизмҳои сайёравӣ-фриксионӣ бо таносуби интиқоли тағйирёбанда» рисолаи номзадӣ ҳимоя намуд ва соҳиби дипломи номзади илмҳои техникӣ гашт.

Рисолаи доктории ин донишманди асил кайҳо тайёр карда шуда, дар донишгоҳи шаҳри Саратов, аз тарафи Шӯрои илмии ин донишгоҳ бо сарварии А.Г.Рибалко тасдиқ шуда буд. Вале, як рӯз пеш аз ҳимояи доктории С.Тиллоев роҳбари илмиаш аз дунё даргузашт ва ин ҳимояи рисолаи илмӣ мавқуф гузошта шуд…

Ҳоло бошад, рисолаи доктории С.Тиллоев тайёр аст…

Аз соли 1989 то соли 1993 омӯзгори калони кафедраи «Механикаи назариявӣ» буд. Аз январи соли 1993 то моҳи июли соли 2000 дотсенти ҳамин кафедра ва аз моҳи июли соли 2000 то имрӯз мудири кафедраи механикаи назариявӣ ва ҷузъиёти мошинҳо» аст.

Тавре ишора намудем, дотсент С.Тиллоев дар давоми фаъолияти илмиаш то ба имрӯз бештар аз 170 корҳои илмӣ ба нашр расонида, дар бисёр конферинсияҳои илмии Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Руссия ва Литва иштирок ва суханронӣ намудааст. Ӯ дар конференсияҳои байналмиллалии «Механика-94» «Механика-97», «Вибротехника-98», «Садсолагии академик Н.И.Вавилов» – 2007, 2008, «Саратов – 2008» ва ғайра суханронӣ карда, мақолаҳои илмиаш дар маҷмӯаву маҷаллаҳои бонуфуз ба нашр расидаанд. Ӯ муаллифи як қатор асарҳост. Аз ҷумла, «Дастгоҳҳо барои истеҳсол ва коркарди хӯроки чорво» (бо ҳаммуаллифии Н.Шамсиев ва У.Исоев, китоби дарсӣ барои факултаҳои кишоварзӣ. Душанбе, 2002) ва ғайра мебошад.

Мақолаҳои алоҳидааш дар маҷмӯаҳои «Инертно-импульсное механизмы природы и устройство», Челябинск 1983, «Сборник трудов, научно-практический семинар», «Вавиловские чтение», Саратов – 2008 «Вестник Саратовского госуниверситета»…, Паёми Донишгоҳи техникии Тоҷикистон, «Внедрение разработок учёных Таджикистан в промышленности», Душанбе, 2001 ва бисёр маҷмӯаҳои дастҷамъии дигар ба табъ расидаанд.

Ҳоло ӯ рисолаи докториашро дар мавзӯи «Ихтироот ва тадқиқи механизмҳои сайёравии ҳаракатовари олотҳои мошинҳои ҳосилғундор ба таносуби интиқоли тағирёбанда» таҳти роҳбарии академики АУ Россия, Лауреати мукофоти

ба номи Вавилов Р.К. Миколас тайёр намудааст…

Дотсент Сироҷиддин Тиллоев баробари омӯзгори соҳибтаҷриба ва пухтакору пурсамар буданаш, дар тарбияи олимони ҷавони донишгоҳ саҳми арзанда дорад. Таҳти робарии ӯ ҷавонони лаёқатманд У.П. Исоев, А. Гиёев, Б. Аҳмадов, А. Гесу, М. Саидов ва дигарон бо илм ва тадқиқотҳои илмӣ ҷалб карда шуда, онҳо аллакай як силсила корҳои илмиро ба табъ расонида, корҳои зиёди тадқиқотиро ба анҷом дода истодаанд.

Шогирдонаш У.П.Исоев, Б.Аҳмадов аллакай рисолаҳои илмиашонро ҳимоя карда, ба гирифтани унвони илмии номзади илми техникӣ мушарраф шуданд. Б.Аҳмадов бошад аз моҳи январи соли 2009 ба декании факултаи механиконии кишоварзӣ ба кор шуруъ кард. Т.Холмуродовро ба вазифаи декани факултаи механика ва математикаи ДМТ ба кор гирифтаанд…

Аллакай рисолаи илмии У. П. Исоев тайёр шуда, ба Шӯрои илмии шаҳри Саратов супорида шудааст. Сироҷиддин Тиллоев дар шаҳру навоҳии ҷумҳуриямон ҳамкору шогирдони зиёде дорад. Онҳо ба ин олими ихтироъкор алоқаи зич дошта, дар такмил додани бисёр қисмҳои механизмҳои кишоварзӣ аз ӯ маслиҳат мепурсанд. Масалан, Бобо Файзуллоев (аз хоҷагии ангурпарварии ноҳияи Восеъ), Қурбон Мадисоев (аз МРМ-и шаҳри Кӯлоб) ва чанде дигарон аз он қабиланд.

Ба замми гуфтаҳои боло С. Тиллоев ва дигар ҳамкоронаш машинае сохтанд, ки он ҳангоми ҷамъоварии ғӯзапоя се намуди корро дар як вақт иҷро мекунад.

Инак, барои тақвияти фикрҳои боло иқтибосҳоеро аз ҷаласаи Шӯрои факултаи механиконии кишоварзӣ, аз 27 марти соли 2001 ва гуфтаҳоеро аз ҳамкорон дар бораи С. Тиллоев меорем.

А. Б. РИЗОЕВ, дотсент, номзади илми техникӣ, собиқ декани факулта:

– Ман СироҷиддинТиллоевро аз солҳои донишҷӯияш мешиносам ва бо корҳои илмиаш, ки дар Давлатҳои Муштаракулманофеъ, ҷумҳуриҳои назди Балтика баромаданд,

шиносам. Ӯ механизми сайёравиҳоеро, ки дорои водилаи таркибӣ мебошад, ихтироъ намудааст. Ин механизмҳо барои ба ҳаракат даровардани узвҳои кории мошинҳои ҳосилғундор истифода бурда мешаванд.

Н. С. Шамсиев, дотсент, номзади илмҳои техникӣ, проректор:

– Ӯ ба якчанд муаллимони ҷавон роҳбарӣ илмӣ мебошад. Онҳо аз рӯи механизмҳои сайёравӣ кори илмӣ мебаранд. Аз он ҷумла У. Исоев ҳоло 3 кори илмӣ дорад. Б. Аҳмадов, А. Гиёев ва М. Саидов ҳар кадоме аллакай 4 то 10 корҳои илмии аз чоп баромада доранд...

Х. Раҳмонов, дотсент, номзади илмҳои физика ва математика, мудири кафедраи математикаи олӣ:

– Ман ба корҳои доир ба муодилаҳои диференсиалие, ки ба механизмҳои сайёравӣ бахшида шудаанд, шинос мебошам.Ин муодилаҳо ба тариқи аналитикӣ ҳал карда мешаванд. Чунки коэффитсентҳои онҳо тағйирёбандаанд. Ӯ ин муодилаҳоро бо усули Рунге-Кутта ҳал кардааст, ки ба талабот мувофиқ мебошад. Ҳалли ин муодилаҳо ба лоиҳакашии мошину агрегатҳо мувофиқ мебошанд.

М. С. Масаидов, дотсент, номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи тракторҳо ва автомобилҳо:

– Ман дар дарсҳо ва бахусус лексияҳои С. Тиллоев борҳо иштирок кардаам. Ӯ лексияро шавқовару пурмазнун ва бо маҳорати баланд мехонад. Корҳои илмии ӯ хеле зиёд буда, дар маҷмӯаҳои конференсияҳои «Механика – 94», «Механика – 97» ва «Векротехника-98» аз чоп баромаданд. Ин корҳо моҳияти умумиҷаҳонӣ доранд. Сатҳи омӯзгории ӯ ба олимони машҳури соҳаи илму техника баробар буда, ҳамеша дар чустуҷӯ аст...

А.Г. Ғаффоров, дотсент, номзади илмҳои техникӣ:

– Сироҷиддин Тиллоевро аз давраҳои донишҷӯияш мешиносам. Солҳои донишҷӯӣ аз назарияи механизм ва мошинҳо корӣ илмӣ мебурд. Ин соли 1974 буд. Корҳои илмии вай дар конференсияҳои илмии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатҳои хориҷӣ солҳои 1982, 1994, 1997, 1999 ва 2000 – ум дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои бонуфуз аз чоп

бaромадаанд. Ӯ механизмҳои наверо кашф кардааст, ки дорои водилаҳои таркибӣ буда, барои ба ҳаракат даровардани узвҳои кории мошинҳои ҳосилғундор истифода бурда мешаванд. Ин ихтироот дар АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва хоҷагии кишлоқи Тоҷикистон аз озмоиш гузаштааст. Дар ин бора мақолаҳои зиёди илмӣ аз чоп баромадаанд...

Т.И. Охунов, доктори илмҳои техникӣ, профессор, директори Коллеҷи аграриву технологии шаҳри Турсунзода:

– Ман С. Тиллоевро хеле хуб мешиносам ва аз корҳои илмиаш бохабарам. Корҳои оид ба «Механзмҳои сайёравӣ бо водилаҳои таркибӣ», ки дорои суръатҳои тағирёбанда мебошанд, ба мошинҳои кишоварзӣ вобастагӣ дошта, аҳамияти ҷаҳонӣ доранд. Ин механизмҳо барои ба ҳаракат даровардани олотҳои кории мошинҳои ҳосилғундори соҳаи кишоварзӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Корҳои илмии ӯ аҳамияти амалӣ дошта, дар оянда барои ихтирои мошинҳои нави кишоварзӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд...

Ҳоҷӣ Тӯра Акрамов, номзади илмҳои техникӣ, дотсент, Корманди Шоистаи Тоҷикистон, Аълочии маорифи Тоҷикистон, собиқ декани факултаи механиконии кишоварзии Тоҷикистон:

– Ман Тиллоев Сироҷиддинро аз давраи донишҷӯияш, яъне аз соли 1971 ҳамчун шогирди болаёқат, меҳнатдӯст, хоксор мешиносам. Ӯ баъди хатми донишгоҳ ба аспирантураи Академияи умуми Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил шуда, дар шаҳри Каунас рисолаи номзадии илмҳои техникиро соли 1988 бомуваффақият ҳимоя намуд.

Дар давраи кориаш аз ассистенти оддӣ то мудири кафедраи «Механикаи назариявӣ, ҷузъиёти мошинҳо ва графикаи муҳандисӣ» сабзидааст. Дар баробари кори омӯзгорӣ Тиллоев Сироҷиддин ба корҳои илмӣ хеле аҳамияти калон медиҳад, муаллифи ихтирои панҷ механизмҳои навъи сайёравии дорои таносуби гузарониши тағйирёбанда, муаллифи панҷ китоби дарсӣ, се дастурамалҳои таълимӣ ва зиёда аз 170 мақолаҳои илмӣ мебошад, ки аз онҳо зиёда аз 30 мақола дар давлатҳои берун аз марзи ҷумҳуриямон чоп гардидааст.

Ивженко Станислав Андреевич –академики илмҳои педагогии ФР.профессори кафедраи «Механикаи назариявӣ ва НММ»-и Донишгоҳи давлатии аграрии ба номи Н.И.Вавилови ш. Саратов-«Он сильно подкованый» ман дар тамоми умрам аз халқиятҳои Осиёи миёна ва Кавказ ин хел олими пурқувватро акнун вохӯрдам. Шиносои ман аз моҳи ноябри соли 2007 то феврали 2008 давом кард. Ӯдар фанни назаряи механизм ва мошинаҳо мавқеи муҳиме дорад. Як институти илмӣ ин қадар кори илмӣ карда наметавонад, ин қадаре Сироҷидин кардааст, «целый институт столько не работает как Сироджидин» (дар шоҳидии муаллими калони ДАТ Назаров С. ва дотсенти академияи кишоварзии Доғистон Бекбулатов Т. моҳи феврали 2008 гуфтааст.)

Дар зери роҳбарии Тиллоев Сироҷиддин якчанд шогирдон аз он ҷумла, Исоев Умар, Аҳмадов Баҳром, Саидов Мансур ва Гиёев Аъзамбек рисолаҳои илмии худро дар соҳаи илмии назарияи механизм ва мошинҳо тайёр карданд.

Тиллоев Сироҷиддин инсони покниҳод, дар ҷомеаи инсонӣ, дар кадом пояе, ки набошад, мавқеи хоса дорад. Ӯ аз фарзандони фарзона ва обрӯманди халқу кишварамон буда, ҳамчун олим, тарбиятгар, ташкилотчӣ ва шахси кордон, миёни ҳамагон ба ҳурмату эҳтироми бузург сазовор гардидааст.

Раҳимов Файзалӣ, собиқ ноиби ректори донишгоҳ:

– Ман дар ҳимояи Сироҷиддин иштирок карда будам. Аз рӯи гуфти академики АУ СССР Рагулкис Казимирас Миколас ва Академики АУ Ӯзбекистон Усмон Хоҷаев ӯ потенсиали калони интелектуалӣ ва илмиро доро мебошад. Аз рӯи мушоҳидаи худи ман Тиллоев С. олими пурқуввати тоҷик мебошад. Ӯро барои давом додани кори илмӣ ба Ҷумҳуриҳои Литва, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо даъват карда буданд. Вале ӯ ба ҳеҷ куҷо нарафт. Дар хидмати халқу ватанаш истод (ин январи соли 1989 буд).

Сироҷиддин Тиллоев ибтидои соли 2008 ҳангоми барои ҳимояи рисолаи докториаш дар Донишгоҳи шаҳри Саратови Федератсияи Руссия муддате дар ин Донишгоҳи шаҳр монда, дар як муддати кӯтоҳ 8 мақолаҳои илмии худро дар маҷҷалаву маҷмӯъаҳои «Вавиловские чтение», Вестник Са-

ратовского Госуниверситета…» ва ғайра ба табъ расонд.

Ӯ, дар ҳақиқат, эҷодкору ихтирокор ва омӯзгори бузург аст. Танҳо дар солҳои 2007-2009, 8 ихтирооти нави ӯ соҳиби шаҳодатномаи ихтироотӣ гардидааст.

Алҳол Сафаралӣ Саидамиров аз 8 ихтирокорӣ 5-то, Мансур Саидов аз 6 ихтирокорӣ 3-тоаш, Баҳром Аҳмадов аз 6 ихтирокорӣ 3 тоаш, Саидасрор Тошев аз 4 ихтирокорӣ 3 тоаш, Аъзамбек Гиёев 3 то, Сафаралӣ Чиллаев 2, Хайруллои Султон (набераи бобои Асадулло) аз 4-то 2-тоаш, Самариддин Валиев 1-то, Фаррух Наҷмизода 2-то ихтироҳҳояшон соҳиби шаҳодатномаҳои ихтирокорӣ шуданд.

Инчунин Н.Шамсиев 3-то, Н.Амиров 3-то, Ҷумъахон Орифов (абераи бобои Асадулло) 3-то, Лутфия Тиллоева (абераи бобои Раҳматулло, духтари С.Тиллоев) ихтироъкорӣ дошта, аз пайи ихтироот ва андӯхтани илм мебошанд.

Дотсент Сироҷиддин Тиллоев донишманд, ҷӯянда, ихтирокор ва эҷодкор аст. Тавре ки ишора кардем, ӯ дар давоми 2-3 соли охир 20 ихтироот ва мақолаҳои зиёди илмиро эҷод намудааст. Аз ҷумлаи ихтирооташ танҳо аз моҳи феврали соли 2008 то моҳи феврали 2009 нахустпатентҳои № Tj 157, Tj 158, Tj 200, Tj 201, Tj 202, Tj 225, Tj 226, Tj 227, Tj 268, Tj 269, Tj 270, ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Ӯ соҳиби 200 мақолаи илмӣ ва 25 шаҳодатномаҳои муаллифӣ ва нахустпатентҳо мебошад. Ба қалами ӯ зиёда аз 10 китоби дарсӣ барои донишҷӯёни ҷодаи муҳандисӣ таалluқ дорад. Аз он ҷумла, «Масоилоти супоришот барои иҷрои кори курсӣ аз статика», «Масоилоти супоришот барои иҷрои кори курсӣ аз кинематика», «Масоилоти супоришот барои иҷрои кори курсӣ аз динамикаи нуқта», «Масоилоти супоришот барои иҷрои кори курсӣ аз динамикаи система ва ҷисми сахт», «Масоилоти супоришот барои иҷрои кори курсӣ аз механикаи назариявӣ барои донишҷӯёни барқикунонӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ», «Масоилоти супоришот барои иҷрои кори курсӣ аз механикаи назариявӣ, қисми 1», «Масоилоти супоришот барои иҷрои кори курсӣ аз механикаи назариявӣ, қисми 2» ва «Ҷузъиёти мошинҳо ва мошинҳои борбардору нақлиётӣ» солҳои 1993-

2010.

Таҳти роҳбарии ӯ Исоев У.П. (н.Ҳамадонӣ), Аҳмадов Б.Р. (н.Рӯдакӣ), Саидов М.Х. (н.Ҳамадонӣ) ва Шоев А.Н. (ш. Кӯлоб) корҳои илмиро барои қуллаи баланд давом дода истодаанд.

Унвонҷӯёни зерин таҳти роҳбарии С .Тилоев ва олими намоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Донишкадаи захираҳои об ва экологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ профессор Кобулиев Зайналобудин Валиевич, Гиёев А.А. (н. Ғарм), Марозиқов Қ. (н. Шурообод), Тошов С.Д. (н. Ваҳдат) ва Холмуродов Т.Р. (н. Деҳи нави Ҷумҳурии Ӯзбекистон) корҳои илмиашон дар арафаи анҷомёбист ва дар Донишкадаи химияи академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон охирҳои соли 2010 ба анҷом мерасанд.

Унвонҷуёни зерин Шарипов Ф.Б (н.Ҳисор), Саидамиров С.М. (ш.Душанбе), Тиллоева Л.С., Тиллоева Ш.С. (ш.Душанбе – сетои охир аберaҳои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул мебошанд), Валиев С.З. (н.Ховалинг), Қаҳҳоров А.Б. (ш.Душанбе), Маҳмадшоев А.А. (н.Восеъ), Қаландарова Г.С. (н.Кӯлоб), Алиев М.Т. (ш.Конибодом) ва Раҳмонов Қ.Ф. (н.Восеъ) зери роҳбарии С.Тиллоев фаъолият доранд.

Тиллоев С. бошад, таҳти роҳбарии профессор Кобулиев З.В. корҳои илмии докториашро дар мавзӯи «Механизмҳои сайёравии дорои параметрҳои тағъирёбанда барои ба ҳаракат даровардани мошинҳои ҳосилғундор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба охир расонидааст.

Корҳои илмии ӯ дар ФР – 14, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон – 7, дар Ҷумҳурии Литва – 5 ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – 172-то аз чоп баромадаанд.

Тиллоев С. дар конференсияҳои умумииттифоқӣ соли 1982 дар донишгоҳи техникии ш.Челябинск, дар конференсияҳои байналхалқии солҳои 1994, 1997 – 1998 аз рӯи «Механика» Вилнюс – Каунас, конференсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон соли 1993 ва Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1982 – 2010 иштирок ва баромад кардааст.

Аз ин ҳуҷҷатҳое, ки идораи давлатии патентӣ дар

Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифтааст, нахустпатенти № Tj 157 ба ихтирои «Механизми эписиклии сайёравии дорои ду сателлит», № Tj 158 ба ихтирои «Механизми эписиклии шпинделҳои дастгоҳи пахтачинӣ» ва дигарҳояш барои дигар ихтироот дода шудаанд.

Ин олими сермаҳсулу пухтакор баробари ихтироъкориҳояш назарияро ба амалия татбиқ намуда, мақолаҳое дар соҳаи техникаи кишоварзӣ навишта дар паёму маҷаллаҳои бонуфузи илмии кишвар ва берун аз он ба табъ расонидааст, ки ҳамаи онҳо боиси таҳсину офаринҳо мебошанд. Масалан, барои мисол якчанд чунин мақолаҳои дар ду соли охир ба табъ расонидаи ӯро номбар менамоем: «Муодилаи ҳаракати дузинадори сайёравии механизми бакордарорандаи ғӯзапоякашак бо қисмҳои кории роторӣ» (бо ҳаммуаллифон), «Самаранокии иқтисодии истифодабарии ҳаракатдиҳандаҳои механизмҳои воситаҳои техникӣ барои ҷамъоварии пахта ва зироатҳои ғалладона (бо ҳаммуаллифон), (Маҷаллаи Паёми Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон, 1 (42), Душанбе, «Сино» – 2008), «Муодилаи ҳаракати бакордарорандаи механизми воситаҳои техникии мошинҳои ҳосилғундор» (бо ҳаммуаллиф, маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи техникӣ» № 3, 2008) ва ғайраҳо…

Инчунин, дар заминаи тадқиқотҳои ишорашудаи муаллифӣ 5 моликияти зеҳнӣ дар замони собиқ Шуравӣ, 2 моликияти зеҳнӣ айни ҳол тасдиқ гардида, аз 6 чунин моликиятҳои зеҳнии пешниҳодшуда, сетои онҳо дар арафаи тасдиқшавӣ қарор доранд.

Хулоса, ишора намудан кофист, ки олими соҳибистеъдоди заҳматкаши ватандӯст Сироҷиддин Тиллоев дар такомули соҳаҳои гуногуни кишвар, ба хусус, техникаи соҳаи кишоварзӣ, нақши неку бузурге дорад. Тамоми маҳсули илмиву эҷодӣ ва ихтироъкориҳои ин донишманди тавоно, ки бо истеъдоду тафаккур вобастагӣ доранд, ба истеъдоди модарзодии гузаштагонаш алоқаи зич дорад.

Чунин истеъдод дар вуҷуди падар, бобо ва бобокалонҳояш вуҷуд дошт, ки онҳо дар шеъру шоирӣ,

паҳлавонӣ, далерию шуҷоат, деҳқонӣ, боғдорӣ ва дигар корҳо сарф мекарданд…

* * *

Дар ҳақиқат, гуфтаҳои ҳамкоронаш дар ҳақи ӯ айни муддаову дурустанд С. Тиллоев беҳтарин хислатҳои неки инсониро дорост. Вай, пеш аз ҳама, омӯзгори ҷӯянда, сахтгиру меҳрубон ва нексиришт аст. Ӯ дар тарбияи ҳазорон мутахассисони ҷавон нақши арзанда дорад.

Хислатҳои неки фарққунандаи дотсент Сироҷиддин Тиллоев аз дигарон дар он аст, ки ӯ шахси оддирафтору оддигуфтор ва инсондӯст аст. Дар симои ҳар як фарзанди халқи тоҷик бародарону хоҳарони худро мебинаду ба онҳо муносибат мекунад.

Ин фарзанди барӯманди халқи тоҷикро «бозёфти нодир» гуфтан мумкин аст. Зеро илму техникаи тоҷик имрӯз чунин шахсони муътабарро мехоҳад. Аз чунин олиму ихтироъкорони худ ҳар як миллати олам ифтихор дорад.

Бале, ин фикрҳо дурустанд. Вақте ки С. Тиллоев ба аспирантураи Институти механика ва зилзиласанҷии ба номи М. Т. Уразбоеви АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил шуда, онро соли 1983 пеш аз муҳлат хатм намуд ва рисолаи номзадиашро барои ҳимоя намудан ба маркази илмии «Вибротехника»-и Институти политехникии ба номи А. Снечкуси шаҳри Каунаси Ҷумҳурии Литва ва аз рӯи зарурат барои ихтисоси 05. 02. 18 – «Назарияи механизмҳо ва мошинҳо» солҳои 1985 – 1988 дар ҳамин марказ курси «Математикаи амалӣ»-ро хатм намуд, дар бораи корҳои ихтироотиву тадқиқотҳо ва илмии ӯ дар ин марказҳо падидаҳое рух медоданд. Чун чанд нафароне аз бародарони ӯзбек дар шаҳри Каунас бо натиҷаҳои корҳои илмиву ихтирокории хатмкардаи аспирантураи Институти механика ва зилзиласанҷии АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ошно гаштанд, аз пайи дидори олими ҷавон шуданд. Билохира Сироҷиддин Тиллоевро соли 2001-ум дар Донишгоҳи аграрии Тиҷикистон ёфтанд...

Зимнан бо сарлавҳаи «Калежак сари қуйилиган қадам» дар рӯзномаи ҷумҳуриявии «Халқ овозӣ», 29 марти соли 2001 мақолае аз чоп баромад...

Мебоист ин марди гавҳаршиносу нурафшон кайҳо рисолаи докторӣ ҳимоя мекард. Соҳиби унвони доктори илм, профессор ва дигар дараҷаҳои илм мешуд, вале шароити рӯз ва иқтисодиёт ба ӯ даст надод. Корҳои илмии ӯ солҳост тайёру «хоб»-анд... Агар дар Тоҷикистон илму техника ба дараҷаи даркорӣ тараққӣ меёфт ва чунин марказҳои бузурге оид ба илму техника, бахусус, механикаи кишоварзӣ бунёд меёфтанд, имрӯз чандин ҷавонони лаёқатманд аз мушкилоти зиёде халосӣ меёфтанд. Аммо поёни шаби сиёҳ сафед аст. Мерасад рӯзе, ки Тоҷикистони азизу соҳибистиқлоли мо низ дорои марказҳои бузурги техникӣ мегардад...

С. Тиллоев оиладор, соҳиби 5 нафар фарзанд аст. Наберааш (писари Сафаралӣ ва Зебогул), ки 6 марти соли 2007 ба дунё омадааст, бо номи саромади ин авлод Муҳаммадрасул номгузорӣ карда шудааст. Апаи ӯ Мадина ном дорад…

Аълочии маорифи Тоҷикистон мебошад...

Хулоса, сифатҳои нек ва тавсифу таърифи ин олими ихтироъкор, омӯзгори пухтакору инсони шарифу нексиришт чӣ дар соҳаи пешбурди ихтироъкориву илму техникаи тоҷик ва чӣ соҳаи таълими кадрҳои илмии соҳаи кишоварзӣ беҳаду канор аст.

Дотсент Сироҷиддин Тиллоев дар айни камолоти эҷодӣ аст. Илму техникаи тоҷик аз ӯ дастовардҳои бузургеро интизор мебошад.[1]

Фарзандонаш: Зебогул, Султонмурод – иқтисодчӣ, Лутфияю Шамсия – муҳандис ва Зарангезу модарашон – духтур мебошанд. Завҷааш Раъногул Боймуродова 20 январи соли 1956 дар деҳаи Охтераки ноҳияи Ховалинг ба дунё омадааст. Ӯ яке аз наберагони Иброҳимбойи Дараи Хурдакӣ мебошад. Падараш Боймурод Иброҳимов солҳои зиёд муовин ва котиби кумитаи ҳизбии колхози ба номи Ленини ноҳияи Восеъ буд. Ӯ бо раиси колхоз М. Маҳмадалиев солҳои зиёд кор кардааст...

Сироҷиддин Тиллоев, дар ҳақиқат, аз бузургтарин до-

---

1.Ин навиштаҳои муаллиф бо сарлавҳаи «Ақли офаранда ваҳдатсоз аст», соли 2003 дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба табъ расидааст.

нишмандону ихтироъкорони кишвари тоҷик мебошад.[1]

## ФАЙЗУЛЛО

Файзуллои ҷавон аз рӯзи ба дунё омаданаш дар муҳити замони Шуравӣ тарбия ёфт ва ба камол расид. Соли таваллудаш 1917 аст. Хушқаду қомат ва паҳлавонҷусса буд. Чун дигар аҷдодонаш ғурур, зеҳни бурро ва истеъдоди баланд дошт. Аз ашъори бобову амаконаш шеърҳо қироат мекард ва худ низ шеър мегуфт. Орзу дошт, ки хонданро идома диҳад. Вале ӯро соли 1939 ба хизмати аскарӣ гирифтанд. Ӯ дар ҷанги Финляндия иштирок кард. Бо саршавии ҶБВ ӯро ба ҷанг бурданд. Аз набардҳои хунин мактубҳояш паси ҳам меомаданд. Аммо чанде пас аз ӯ хату хабар дигар наомад.

Аз фронт дигар барнагашт. Дар куҷо шаҳид шудан ва ё зинда будани ӯ маълум нест.

Аз ӯ ворис ва ё нишонае намондааст.

## МУЪМИН

Муъмин акои Файзулло буд. Соли таваллудаш тақрибан 1915 аст. Ду пояш фалаҷи модарзодӣ буд.

Баробари саршавии ҶБВ ӯро барои табобат ба шаҳри Душанбе бурданд ва ӯ дигар барнагаштааст.

Вале, мувофиқи нақли баъзе мӯйсафедони диёр гӯё ӯ баъди ҷанг дар Даҳбеди Самарқанд зиндагӣ карда, бо номи Домулло Муъмин шуҳратманд будааст. Аз рӯи баъзе гуфтаҳои дигар бошад, ӯ мударриси мадрасаи шаҳри Тошкент будааст...[2]

## ДОМУЛЛО АСАДУЛЛО

---

2.Ӯ дар солҳои 1985 – то 1989 дар вақти таҳсил дар Донишгоҳи техникии ш. Каунаси Ҷумҳурии Литва 5 маротиба ба сари қабри тоҷикписар – Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ Сафар Амиршоев рафта аз Қуръони Карим оятҳоро тиловат карда, ба арвоҳаш бахшидааст (дар деҳаи Жежмарияй вилояти Каунас). Дар ободонию нигоҳубини оромгоҳ ва боғи дар ҷои набардгоҳи қаҳрамон – таҳҷои деҳаи Лиони назди Жежмаряй бунёдёфта саҳми арзанда дорад...

2 Яке аз хешовандони Домулло Муъмин Усто Фаттоҳ ӯро дар истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Тошкент дидааст. Муъмин суроғаи худро ба Усто Фаттоҳ медиҳад, вале ин пайғом расад ҳам, суроға гум мешавад.

**(1875-1953)**

Асадулло дар деҳаи Тутак таваллуд ёфт. Дар назди падараш Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул таълим гирифт. Зеҳни бурро ва истеъдоди фавқулода дошт. Ин буд, ки ӯ дар як муддати кӯтоҳ чун мулло ном баровarда машҳур гашт. «Шоҳнома» – хон буд. Достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, саргузашти Ҳазрати Сулаймон, Ҳазрати Юсуф, Амир Ҳамза, Ҳотами Той, достонҳои ҷангномаи Эмом Ҳасану Эмом Ҳусайн ва дигар китобҳои динӣ, адабӣ ва бадеиро аз ёд медонист ва ба дигарон меомӯзонд…

Махсусан ба ҳамаи қаҳрамонҳо ва персонажҳои «Шоҳнома» дилбастагӣ дошт.

Лаҳни ширин ва нақлҳои равон дошт. Дунёбохабар буд. Бисёр китоб мехонд. Хондаашро ба осонӣ аз бар мекард. Кас аз суҳбати ӯ сер намешуд.

Асадулло борбардор ва паҳлавони беҳамто буд. Ҷуволи 100 – килоҳаи ғалларо озодона бардошта ба асп бор мекард. Барои деҳқонӣ каланду доси ба худ хос дошт. Каланду доси ӯро мардуми оддӣ бардошта бо онҳо кор карда наметавонист.

Ӯ, дар ҳақиқат, паҳлавонҷусса буд. Бештари вақт хӯроки равғанӣ мехӯрд. Бисёр вақтҳо як коса равғани зағирро нон реза карда мехӯрду пас ним кӯза обро менӯшид. Баробари 5 – 10 нафар кор мекард…

Домулло Асадулло дар давраи барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар диёраш хизмати босазо намуда, бисёр домуллову донишмандонро аз марг ва «сегона» раҳонидааст. Ӯ, ки марди ғаюру нотарс, донишманд ва аз ҳама муҳимаш, нону намакдеҳ буд, ҳарбиёну намояндагони ҳукумати Шӯравиро мудом нону намак медод, агар лозим мешуд, чорво забҳ карда ба онҳо «нон» медод, то ки ба мардуми диёр зарар нарасад…[1]

Домулло Асадулло 8 марти соли 1953 аз дунё даргузашта, оромгоҳаш дар гӯристон деҳаи Табариён мебошад.

---

1 Аз нақлҳои мӯйсафедон, набераaш Абдулҳайи Қаландар – устоди ДОК ва омӯзгор аз деҳаи Гулистон ноҳияи Восеъ Қамариддин Ҷабборов ва дигарон…

Домулло Асадулло ба Қурбонбӣ – духтари Сӯфӣ Алии Тутакӣ издивоҷ кард.[1]

Фарзандони Домулло Асадулло Муҳаммадӣ соли 1959 аз деҳаи Тутак ба деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ муҳоҷир карда шуд. Ӯ дар Охтерак омӯзгор ва ҷонишини директори мактаб буд. Пас дар Гулистон сардори бригадаи пахтакорӣ шуда кор кард. Ҳоло писари ӯ Одина домоди Бобои Ҷароил аст.

Писарони дигараш Сулаймон ва Қурбоналӣ низ дар деҳаи Гулистон умр ба сар мебаранд.

Онҳо бо набераву абераҳои зиёде дар хидмати халқу Ватананд. Духтараш Паригул (1908-1995) ба Қаландар ном ҷавони боғайрату ҳунарманд ва бомаърифат, ки солҳои зиёд котиби колхоз буд, хонадор шуда, аз онҳо Ҳоҷӣ Саидабдулло, Неъматулло, Абдулҳай, Саидасрор, Саидюсуф ва дигарон таваллуд ёфтаанд. Оилаи онҳо соли 1952 ба деҳаи Хонободи ноҳияи Кӯлоб кӯчид...

Ҳамаи фарзандони онҳо соҳиби маълумот, соҳибистеъдод ва шоиртабъ мебошанд. Ғайратмандӣ дар онҳо дар рагу хун аст...

Ҳоҷӣ Саидабдулло низ солҳои зиёд директори мактаб ва шахси обрӯманди шаҳри Кӯлоб буд. Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон мсбошад. Ҳоло ӯ дар шаҳри Душанбе кору зиндагӣ мекунад. Ҳар яке аз ин мондаҳои набераи Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул дар пешрафти илму фарҳанг, маърифат ва адабиёти тоҷик саҳми арзанда доранд.

Абдулҳай баробари афрӯхтани чароғи илму маърифат ба шеъру шоирӣ шуғл дорад…

## АБДУЛҲАЙ ҚАЛАНДАР



Аълочии маорифи Тоҷикистон. Аълочии матлуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Итифоқи нависандагони Тоҷикистон.

---

[1] ... бузургони диёри худ, шахси парҳезкору ирфонӣ буд. ... Абдурасул, Қурбонбӣ, Назокат (фарзандонаш Наим, ... – писаронаш Умарполвон, Аскар полвон) абераҳои ... Маҳмадрасуланд. Ҳоло аз онҳо ворисони зиёд

Абдулҳай Қаландаров соли 1944 дар деҳаи Табариёни ҳамшафати Тутак ба дунё омад.

Маълумоти ибтидоиро дар ҳамин деҳа гирифт. Чун аҳли оилаи онҳо ба деҳаи Хонободи колхози ба номи Сафар Амиршоеви ноҳияи Кӯлоб кӯчид, Абдулҳайи ҷавон таҳсилро дар мактаби ин деҳа идома дод. Пас соли 1961 омӯзишгоҳи маданию равшанамоии ноҳияи Ленин ва соли 1966 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Кӯлобро бо дипломи аъло хатм кард.

Солҳои зиёд дар Донишгоҳи ишорашуда, кумитаи ҳизбии вилоятӣ, иттифоқҳои касабаи вилоятӣ кор кард. Айни замон бошад, дотсенти Донишгоҳи номбурда ва мудири кафедраи адабиёти тоҷик мебошад.

Абдулҳай Қаландар дар вуҷудаш аз хурдӣ чун бобоҳояш ғуруру ҷасорату истеъдод дорад. Ин аст, ки ӯ аз ҷавонӣ баробари хидмати босубот ба халқу Ватан, ба шеъру шоирӣ дилбастагии қавӣ дошт ва дорад.

Чун анъанаи авлодӣ ба илму адаб роғбат доштани ин марди наҷиб аз чакидаҳои хомааш пайдост. Набераи шоир-Ҳоҷӣ Муҳаммадрасули паҳлавон-Абдулҳайи Қаландар мудом шеър мегӯяд ва аз ашъораш ҳамеша дар рӯзномаву маҷаллаҳои маҳалливу ҷумҳуриявӣ ба табъ мерасанд.

Абдулҳай Қаландар шоири баркамолу солор аст.

Шеърҳои бисёри Абдулҳай Қаландар дар маҷмӯъаҳои дастҷамъии «Арзи меҳр» (1991), «Ҳабиби дилҳо» (1998), «Чашмасори Ховалинг» (2001), инчунин дар саҳифаҳои матбуот – рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Хатлон», «Ҳақиқати Хатлон», «Субҳи меҳнат», «Кулябская правда», «Ҳақиқати Ховалинг», «Навиди Кӯлоб», «Анвори Дониш», ҳафтавори «Адабиёт ва санъат», маҷаллаи «Садои Шарқ» ва ғайра ба табъ расидаанд.

Ӯ вассофи Ватан ишқу ошиқӣ, зебогиҳои зиндагиву диёр, модар ва бузургони миллати тоҷик аст.

Ҳамчун адибу донишманд иштирокчии бисёр симпозиуму ҷамъомадҳои илмии ҷумҳуриявиву байналмилалӣ, аз ҷумла 680 – солагии аллома Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар шаҳри Кӯлоб, 1100 солагии Давлати Сомониён, Бузург-

дошти Имоми Аъзам Абӯҳанифа дар шаҳри Душанбе (2009) ва ғайри буда, мақолаҳои зиёде дар мавзӯъҳои гуногун ба қалами вай мутааллиқ мебошанд…

Шогирдони зиёдеро ба олами илму адаб тарбия ва ҳидоят намудааст…

То имрӯз шаш маҷмӯъаи шеърии ин марди илму адабдӯст ба табъ расидааст. «Интизорӣ» (1987), «Марди роҳ» (2001), «Хоки Ватан» (2003), «Тафаккур ва таҳайюр» (2004), «Роҳи дилҳо» (2005), «Фироқнома», «Ашки дил».

Ӯ аз соли 2002 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад. Дорандаи ҷоизаи адабии ба номи Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар аст.

Абдулҳай Қаландар дар айни камолоти эҷодӣ буда, алҳол бо аҳли оила, фарзандону набераҳояш дар шаҳри Кӯлоб ҳаёт ба сар мебаранд.

Меҳнатҳои бисёрсолаи ӯ бо даҳҳо дипломҳову ифтихорномаҳои ҳукуматӣ ва соҳавӣ қадр карда шудааст.

Инак, чанд намунае аз ашъори ӯ:

## ҶОНУ ДИЛИ МАН БОШАД

Боде, ки зи афсунаш себарга ба рақс ояд,
Дарё тану соҳилро бо ҷӯши дигар сояд,
Ҳусни чаманистонро бо панҷааш ороянд,
Ҷону дили ман бошад!

Дасте, ки зи эъҷозаш сад гуна ҳунар резад,
Лафзе, ки ба такрораш аз лаб чу гуҳар резад,
Чашме, ки ба дилдоре бас шӯри дигар резад,
Ҷону дили ман бошад!

Он қатра, ки дар барги гулҳои чаман бинӣ,
Абре, ки гуҳарафшон дар дашту даман бинӣ,
Он дил, ки ту саршораш аз ишқи Ватан бинӣ,
Ҷону дили ман бошад!

## ШУКРОНА

Ба номи ин Замин – Модар,
Кунам сад бор шукрона.
Ба Хуршеду Маҳи Ховар,
Кунам сад бор шукрона.

Даме, ки донаи гандум,
Бубандад хӯша дар саҳро.
Ба ризқу рӯзии мардум
Кунам сад бор шукрона.

Сурудам – тухми армонам,
Агар чун ишқ сарсабз аст.
Ба хоки Тоҷикистонам,
Кунам сад бор шукрона...
Ҳазорон бор шукрона!

* * *

Як ғунча зи боғи навбаҳори Ватанам,
Як шохаи сабзи шохсори Ватанам.
Баргу бари ман бо як замон хушк шавад,
Он рӯз, ки дур аз канори Ватанам.

* * *

Доне чинам зи хирмани деҳқонӣ,
Дони гули мазраи басар, медонӣ?
Ҳарчанд ки хонае пур аз дон дорам,
Бо тухмаи шеъри худ кунам деҳқонӣ.

* * *

Сад дона ба дил дораму най дур зи мост,
Як масти хуморастаму май дур зи мост.
Шукронаи сарнавиштам аз давлати шеър,
Ин дораму он дораму вай дур зи мост.

* * *

Занҷири ситам зи пой кандӣ, Восеъ,
Доғи ғами ноҷоя фикандӣ, Восеъ.
Дар пояи ҳайкалат кунун мебинам,
Чун ҳиммати халқи худ баландӣ, Восеъ.

* * *

Азбаски ман аз асл – таомулпеша,
Дар ҳар амале кунам дусад андеша.
Бар тозаниҳоли ормони дигарон
Ҳаргиз назанам захми табар ё теша.

Тавре ки ишора намудем, паҳлавонӣ низ чун дигар паҳлӯҳои истеъдод, аз насл ба насл бо хун мегузарад. Шояд баъди чанд наслу давр истеъдод ва фарзанди соҳибистеъдод ба дунё биояд.

Имрӯз аберaҳои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул набераҳои духтарии Салимамоҳ, Умар ва Аскар – писарони Абдураҳмон паҳлавони хешованди ҷаҳон – паҳлавон Саймумин Раҳимов қаҳрамони (чемпиони) Тоҷикистон оид ба гӯштингирӣ мебошанд…

## САЙИДАСРОР ҚАЛАНДАРОВ

Аълочии маорифи Тоҷикистон.

Ин воқеа чил сол пеш рух дода буд. Мо дар синфи 8-уми мактаби миёнаи деҳаи Доробӣ таҳсил мекардем. Ба мо муаллими қоматбаланди газгӯшти ҳалиму хоксоре аз фанҳои физикаву математика дарс мегуфт.

Номашро намедонистему насабаш Қаландаров аст.

Муаллим Қаландаров хушсару либосу бомаърифат буд. Аз симо, рангу рӯ, сару либос, рафтору гуфтораш халоват мебурдем. «Туфли»-хои нӯкборики пошнабаланди сиёҳи пояш бо сару либосаш мезебид.

Муаллим сахтгиру ҳалим ва донишманд буд. Ҳамаи мо, шогирдон дарсҳояшро нағз тайёр мекардем. Ӯ аз ин фаъолияти мо хурсанд мешуд. Моро чун додару хоҳарони худ медонист. Аз ин рӯ, меҳраш дар қалби мо ҷо мешуд.

Баъди як моҳи таҳсил моро ба маъракаи пахтачинӣ ба деҳаи Чанори колхози ба номи Кирови ноҳияи Восеъ бурданд. Мо, наврасони пахтаро нодида, мудом дар заминҳое, ки пахтаҳояшонро бо мошин мечинанд, пахта мечидем. Пахта ба диламон зада буд. Аз ин вазъият дигар муаллимони мо аз ҳарос чизе гуфта наметавонистанд. Мо дар ихтиёри ду нафар: бригадири бесаводе ва ҳисобчие будем.

Навбати ба роҳбарии мо омадани Қаландаров фаро расид. Ӯ бо чанд муаллиме назди мо омад. Аз вазъи асорат ба ӯ фаҳмондем. Ӯ пагоҳ дид, ки мо хонандагонро бригадир ба замини пахтаашро мошинчиндагӣ ва боз аз болои он дуюмбораю сеюмбора чиндагии беҳосил мебарад, сахт қаҳраш омад, вале чизе нагуфт. Бригадир моро бисёр хорӣ дода, ба чиндани хоникҳо маҷбур мекард. Аъзоёни бригадааш бошанд, дар ҷои пахтадори серҳосил пахта мечинанд. Ҳар яке онҳо рӯзе то 100-200 кг мечинданду мо бошем 10-20 кг.

Як рӯз бригадир моро ба чунин пахтазори бепахта бурд. Муаллим Қаландаров бо як ғайратмандӣ ба бригадир муқобилият нишон дод.

Бригадири ордендор ӯро тарс доданӣ шуд. Ӯ натарсид. Бригадирро аз саҳро ронд:

– Ҳозир назди котиби райком мерам. Ту, муаллимча, ҳамаро вайрон мекунӣ – тарс дод бригадир.

– Бирав, куҷое, ки мехоҳӣ арз кардан гир. Кӯдаки мусофири кӯҳистон гунаҳкор аст, ки одамони худатро дар ҷои серҳосил мебариву онҳоро иҷозат намедиҳӣ. Боз шӯр меандозӣ, ки фалониҳо пахта намечинанд...

– Оли мон, ман равам.

– Ба куҷое, ки меравӣ, бирав. Ана, бин, мо куҷо меравем. Мо пахтачинӣ омадем, ё хониктозакунӣ-гуфта, муаллим моро замини серҳосили назди колхозчиҳо бурда, ба пахтачинӣ иҷозат дод.

– Аз ин амали хайрхоҳона, далериву шуҷоати муаллим Қаландаров ҳаловат бурдем. Ончунон боадабонаву ғайратмандона пахта чидем, ки аз колхозчиҳо зиёд.

Рӯзи дигар котиби райком бо чанд нафари дигар барои ҳалли мунокишаи мазкур омаданд. Чун ҳақиқатро диданд, ба муаллим Қаландаров раҳмат гуфта, бригадиро танбеҳ доданд...

Дар давоми даҳ рӯз ончупон пахта чидем, ки аз музди мукофоти он «сару танамон» – ро бо либос «нав» кардем...

Даҳаи дуюм ба охир расид. Муаллим Қаландаров ба мактабамон рафт. Дарак ёфтам, ки ӯро хафтаи дигар ба сафи аскарӣ гирифтаанд...

Он меҳр, ғайратмандӣ, ҷасорат, инсондӯстӣ, ҳақгӯӣ ва меҳрубониҳои ӯ як умр дар дили мо нақш баст. Мо низ касби он касро интихоб кардем.

Баъди сӣ сол кӣ будану аз кадом авлод будани ӯро фаҳмидем. Имрӯз ба мо аён гашт, ки Саидасрор Қаландаров набераи Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул, аз авлоди Шоҳимардиёни Амир Оли Ҳасан будааст.

Солҳои охир, аниқаш соли 2009 аз рӯи шеърҳояш, ки дар матбуоти маҳаллӣ ба табъ мерасидаанд, фаҳмидам, ки ӯ низ чун дигар авлодонаш ба шеъру шоирӣ дилбастагӣ дорад. Маҷмӯаи шеърҳояш омодаи чоп мебошад.

Дар ин ҷо чанде аз чакидаҳои ҳомаи ӯро пешкаши хонандаи арҷманд мегардонам.

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ЧУ НАВРӮЗИ АҶАМ САРСАБЗ

Аҷаб бӯи хуше дорад, насими боди Наврӯзӣ,
Гуворо, анбарин бин субҳи дилободи Наврӯзӣ.
Баробар рӯзу шаб гардид аз эҳсони Наврӯзӣ,
Зимистон пушти сар кардем мо бо ёди Наврӯзӣ.
Ба дашту теппаҳои кӯҳсори Тоҷикистонам
Хиромон, дар табассум гул ба базмободи Наврӯзӣ.
Бидидам гуларӯсеро дучандон гашта зеботар,
Зи ҳусну аз тароватҳои бас дилшоди Наврӯзӣ.
Зи зулмоти зимистон шуд брун фасли баҳори сол,
Ба ҳукми чархи гардун бо суботу доди Наврӯзӣ.
Чу оҳубарраи масти сапеду холдор аст он,
Бубин, ранги ба ранг афтода дар тазоди Наврӯзӣ.
Гирифта ҳусни Наврӯз, хуш, аз файзи Истиқлол,
Чӣ хуш ҳувияту Ваҳдат бувад бунёди Наврӯзӣ.
Ба дилҳо Ваҳдати миллӣ чу Наврӯзи Аҷам сарсабз,
Суруди сулҳи мейҳан дар забон бо ёди Наврӯзӣ.

## АЗ БАРОИ ОДАМУ ОЛАМ

Ҳастаи атом чизи бунёдӣ нест,
З-он, ки аз заррачаҳо худ холӣ нест.

Ҳаста аз нейтрон – протон бошадо,
Зарра гаштан хислати он бошадо.
Мол-ҳо аз ҳастаҳо берун раванд,
Ҳаста нуклонӣ – протонӣ шавад.
Ҷамъ андар як муҳити мўътадил,
Ҳастаҳо – хунсою бе қолу қил.
Қувваҳои ҳастагӣ – оваҳ, қавӣ,
Мисли ҳар як Родмарди паҳлавӣ!
Дар масоф ин зарраҳои ҳастагӣ,
Хурд аз нинову пико ҳар яке.
Массаи ҳаста ба ҳангоми сукут,
Хурд аз нейтрон – протон дар вуҷуд.
Суммаи нейтрон – протонҳо вале,
Бас калон аз массаи хаста, бале.
Қувваҳои ҳастагӣ андар шитоб,
Сўи ҳам оянд бо сад печу тоб.
Бо квантҳо нурпошиҳо кунанд,
Массаҳои хурдро пайдо кунанд.
З-ин сабаб дар он ҷаҳишҳо мешавад,
Сели гармо дастболо мешавад.
Аз барои одаму олам нигар,
Офарида нур чун субҳи саҳар.
Сулҳу Ваҳдат рўшноӣ бошадо.
Нур ҷилои Илоҳӣ бошадо.
Ҳастаи ҷисму ҷаҳони моддаҳо,
Ҳастапайванди Ҳудоӣ бошадо!

## РАДИО – НУР

Яксаду бисту чаҳор аз солгард,
Аз радио – нур инсон баҳравар.
Мавҷи он афканда шуд андар фазо,
Бо шадиде ҳамчу як мавҷи садо.
Бо Сухан омад бигуфто Генрих,
Ҳамчу кўдак боз гуфто Гертсин.
Уламо бас дар аҷаб омад яқин,
Ҳамчу Попов кошифе набвад, бубин.

Мавҷомӯз мавҷдоро Гертсин аст,
Чун падар Гертсин ба кошифмавҷ ҳаст.
Лек Попов волиди давру замон,
Ихтироаш дар тамос олимақом.
Мо кунун шогирди онон мешавем,
Кошифони даври кайҳон мешавем.
Радио дар хизмати мо то само,
Дар тамос бо ахтару сайёраҳо.
Гаҳ зи Моҳу гаҳ зи Зуҳра доимо,
Мавҷҳо оянд мавҷи радио.
Коинот омӯхтӣ мо аз Замин,
Дастгири илми кайҳон ҳамчунин.
Радио гӯяд Сухан бо ҳар забон,
Беҳ гардад дӯстии одамон.
Гаҳ зи ишқу амният гӯяд ба мо,
Гаҳ зи сулҳу Ваҳдати халқи ҷаҳон.
Гаҳ хабар аз родмардрон мерасад.
Гаҳ хабар аз кори деҳқонҳо диҳад,
Мужда аз вазъияти дунё диҳад.
Радио – ҳамкори мо дар зиндагӣ
Радио ёрирасони одамӣ.
Ваҳдати моро расонад дар ҷаҳон,
Радио мушкилкушо дар ҳар замон.

## НАКӮНОМУ ЗИНДА БУВАД ҚАҲРАМОН

Ба субҳе, ки буд соати чори шаб
Яке радиё гуфт сирри аҷаб…
Бигӯӣ ҳаво ногаҳон тира шуд,
Ба чашми халоиқ ҷаҳон хира шуд.
Садои мутар, тиру пайкон гирифт,
Заминро ҳама монда андар шигифт.
Даме нотавонбин – фашисти лаъин
Кашидо чӣ теғе ба фархи замин.
Ҳама халқи озодхоҳи Ватан,
Бигашта ба ҳам якдилу ҷону тан.

Камарбаниди мардӣ чу барбастанд,
Ба ҳифзи меҳан ҷумла бархостанд.
Бихонданд савганд баноми Ватан,
Ки бошанд ҳар як чун он Таҳамтан.
Чу матрос Александрии қаҳрамон,
Ба ҷанг андарун мисли шери жаён.
Ҳам он Тӯйчиву Неъмати Қарабо,
Амиршо Сафар низ марди шуҷоъ.
Бикарданд ҷонро фидои Ватан,
Натарсида аз маргу аз ҷону тан.
Ба дилҳо бимонда нишоне зи он,
Бигӯем аҳсан ба кирдорашон.
Намиранд то зинда ин зиндагист,
В-агар даври шоҳист ё бандагист.
Бар эдун дар ин олами ину он,
Накӯному зинда бувад Қаҳрамон!

## АЗ РУБОӢ ВА ДУБАЙТИҲО

Байроқи Ватан чу тоҷи даврон бошад,
Андар дилу дидаам намоён бошад.
Монанди кабӯтарони сулҳу Ваҳдат
Болои сари мо болафшон бошад!

Ёрам, ки даме тоқии нақшин дӯзад,
Бо риштаи ҷон варо чӣ рангин дӯзад.
Гуфтам, ки гули сапед сабз медӯзӣ?
Чун Шед дилам ба зиндагӣ месӯзад!

Манам аз ошиқони бовафоят,
Чу як лабташна з-оби пурсафоят.
Худоё, мағфират мехоҳам аз ту,
Диламро бурдаӣ, ҷонам фидоят!

Саидасрор Қаландаров айни замон дар шаҳри Кӯлоб зиндагӣ карда, дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳр ба омӯзгорӣ

машғул аст. Муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика ва математика мебошад. Ӯ соҳиби 6 фарзанд ва набераҳои зиёд мебошад…

## ШОҲҒАРИБ
## (1877 – 1935)

Шоҳғариб дар деҳаи Тутак ба дунё омада, ҳамон ҷо камол ёфтааст. Тақрибан солҳои 1933 – 1935 аз дунё даргузаштааст. Дар назди падар ва дар мадраса таълим гирифта, бохату савод мешавад. Ӯ дар байни ҳамаи фарзандони Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул аз ҷиҳати зеҳни бурро ва табъи равонаш фарқ мекард. Мудом аз ашъори падараш хонда, ба ӯ пайравӣ менамуд ва ҷасурона шеъри ҳаҷвӣ мегуфт. Шахсони фиребгар, ноуҳдабаро, бою амаддорони золим ва дигар шахсони каҷрафтору каҷгуфторро ба зери тозиёнаи танқид мегирифт. Бадоҳатан бо назм сухан мегуфт.[1]

Ин ва дигар хусусиятҳояш буд, ки Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул пас аз ба ҷо овардани ҳаҷи Акбар шоириву қаландариро партофта, ба шоирӣ писараш Шоҳғарибро ҳидоят намуд.

Шохғариб дар Тутак зиндагӣ карда, аз дунё даргузаштааст. Аз ӯ мо фақат мисраҳое, ки аз даҳони момаи Паригул – духтари Домулло Асадулло ва дигарон навишта гирифта шудааст, ин ҷо меорем:

Рӯзе ба боғ рафтам,
Дидам басо дарахтон,
Себу анору олу
Ҳар як ҳаловати ҷон...

* * *

Акрами манғити мир,
Мисли вафодори пир.
Аз ҳарбу зарби Восеъ,
Ёла гурехту адир.

1 Аз нақлҳои Бобои Ҷароил ва Ҳоҷӣ Аҳёхӯҷаи Хонақоҳӣ (соли таваллудаш 1929, иштирокчииҶБВ).

* * *

Мулло пайи ғазо шуд,
Гирифтори ҷазо шуд.

* * *

Худоёр хони хон аст,
Сарвари бангиён аст.
Мухлиси айшу мастӣ,
Ба зулм соябон аст.

* * *

Худоёрхон хон шудаст,
Фукаш ба осмон шудаст.
Дар роҳи ғасбу ғорат,
Ба халқ балой ҷон шудаст.

* * *

Мири ҳудобехабар,
Ба мулки мо кун назар.
Зулми гаронро бубин,
Зи худ нишонро бубин.

* * *

Ту мири Балҷувонӣ
Аблаҳи беимонӣ.
Манғити беҳаёӣ,
Дар сари мо балоӣ.

* * *

Абдулаҳад бобоят,
Дузах шавад ҷоят.
Дар Ховалинги обшор,
Хеши бадат амлокдор.

* * *

Аблаҳи бебок шудаст,
Сарвари амлок шудаст.
Умрат сахо надорад,
Зулмат бақо надорад.

* * *

Илоҳӣ, ки кӯр шавӣ,
Аз мулки мо дур шавӣ.
Мулк гулистон шавад,

Файз фаровон шавад.

* * *

Пирсаги мо хапгир шуд,
Аблаҳи нодон мир шуд.

* * *

Амлокдори бепадар,
Мангити бологузар.
Дар дари амлокхона,
Зиндагиаш сагона.

Аз Шоҳғариб Азимшоҳ, Умаршоҳ, Амиршоҳ, Савзамоҳ (ҳоло дар ноҳияи Фархор зиндагӣ мекунад) ба дунё омадаанд.

Аз Азимшоҳ соли 1926 Абдулҳаким ба дунё омад. Ӯ иштирокчии ҶБВ аст. Аз 17 солагӣ ба ҷанг рафта буд (1943-1950). Баъди ҷанг то соли 1950 дар Хитой хизмат кард. Пас ба диёр баргашта, солҳои дароз омӯзгор буд ва 11 июни соли 1998 вафот кард.

Ҳоло писараш Абдусамад омӯзгор, Абдулҳақ ва Нодиршоҳ механизатор, Доробшо барқчӣ шуда кор мекунанд.

Духтаронаш: Авзалбӣ, Шарифгул ва Ӯзбакбӣ дар қайди ҳаётанд.

Шоҳғариб дар ибтидои замони Шуравӣ аз таъсири замона ба деҳаи Пушиёни ноҳияи Кӯлоб, сипас ба деҳаи Чӯбеки ноҳияи имрӯзаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кӯчид, он ҷо зиндагӣ кард. Чун аҳволаш ҳеҷ беҳ нашуд, пас ба деҳаи Тутак баргашт. Писараш Амиршоҳ бо фарзандонаш дар он Ватан монд...

НАҚЛ

Аҳли оилаи Шоҳғариб бо машаққат дар деҳаи Чӯбек зиндагӣ мекард. Аҳволаш чандон хуб набуд. «Рӯзе духтарчаи шашмоҳааш Савзамоҳ дар «кулба» буд ва бо сабабе гум шуд. Савзамоҳро марди ӯзбеке ёфта, гирифта ба хонааш бурд, тарбият карда ба камол расонд. Савзамоҳ вақте ба балоғат расид, фарзанди кӣ ва аз кадом авлод буданашро фаҳмид ва соли 1958 ба Тутаки Ховалинг рафта, бо хешу таборонаш шинос шуд. Савзамоҳ ҳоло дар ноҳияи Фархор зиндагӣ карда

соҳиби хонаву дари хуб ва фарзандони некӯ аст».[1]

Аз Шоҳғариб набераву аберaҳои зиёд дар ноҳияҳои Восеъ, Ховалинг ва шаҳри Қӯрғонтеппа зиндагӣ мекунанд...

Ба замми он, оиди ҳаёту фаъолият ва дигар паҳлуҳои зиндагиаш маълумотҳои кам дастрас шуд.

Оромгохи Шоҳғариб дар гӯристони деҳаи Табариён аст.

## МУЛЛО ТУМАНШОҲ
## (1884-1948)

Фарзандони Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул ҳама боғайрату ҷасоратманд буданд. Дараҷаи хуби паҳлавонӣ доштанд. Аммо дар байни онҳо Туманшоҳ ва Шайхи Ҷароил паҳлавонони номии музофот ҳисоб меёфтанд. Дар бобати паҳлавониву ҷасорати онҳо нақлҳое аз даҳон ба даҳону аз дил ба дилҳо мегузаранд:

НАҚЛ

Боре дар назди Чилчанори Ховалинг гуштини хуб шуд. Дар он паҳлавонони зиёде берун аз водӣ омада буданд. Маърака ба Лақайпаҳлавон ном кас монд. Дигар касе ба ӯ зӯрозмоӣ карда натавонист. Ҳама мухлисонро воҳимаву хиҷолатмандӣ зер кард. Чӣ кор карданашонро намедонистанд.

Дар ҳамин вақт Асадулло ва Шоҳғариб ҳиҷолатмандона ба ҷустуҷӯи Туманшоҳ афтодаанд. Туманшоҳ онтарафтар болои аспи саманди бодпо ба бузкашӣ машғул буд. Чун ҳардуро дар дохили маъракаи бузкашӣ дид, фикраш каме ба дигар ҷо рафт ва фавран сӯи онҳо аспро маҳмез зад.

– Тинҷӣ ҳаст, ака? – пусид аз Асадулло

– Ҳо, додар, тинҷӣ. Лекин медонӣ чӣ, маъракаи гуштингирӣ ба Лақайпаҳлавон монд. Дигар касе «отанг» сахт накард.

– Чӣ кор кунем?

– Чӣ, намедонӣ, чӣ кор кунӣ?

– Медонам, ака, ана, ҳозир бо ҳам мерем. Чӣ, дар ин хоку об дигар паҳлавон нест, магар. Лақайи қатаған худаш кист,

1. Аз нақли Ҳоҷӣ Табаралӣ.

ки маърака ба ӯ мемондааст, – гӯён ғурунгид Туманшоҳ. – Ҳозир нигоҳ кун.

– А бача, «иншоа-л-Лоҳ» бигӯ.

– Ҳе ака, Худо хоҳад, ӯро ба «иншоа-л-Лоҳ» ҳам мезанаму бе «иншоа-л-Лоҳ» ҳам...

Хайрият, солуми паҳлавон дода нашуда буду ӯ дар канори давра бо либосҳои гуштингирӣ сари хам ва дасти рост ба гиребон менишаст.

Пашша пар намезанад. Ҳама аҳли давра хомӯш буд. Довар мунтазири паҳлавони дигар меистод.

Чун Туманшоҳ одамонро фарх карда ба майдон даромад, садои мардум баланд шуда, овози «Туманшоҳпаҳлавон омад», «Туманшоҳпаҳлавон омад», – ба гӯшҳо мерасид. Мардум аз шавқу хурсандӣ дуру дароз кафкӯбӣ карданд.

Туманшоҳ дигар либос напӯшид ва бо либоси бузкашӣ даст пеши бар боадабона аввал бо мардум имои саломдиҳӣ намуда, гирди давра чун шери жаён як давр зад ва назди Лақайпаҳлавон омада, бо ӯ дастӣ вохӯрдӣ намуд. Издиҳоми сершумори мардум ба ҷунбиш даромад. Ғайратмандии аҳли давра фузуда, ғулғулаи садоҳои аз дилу гурда барояндаи мухлисон ба само танинандоз гашт. Дам ба дам чапакзаниҳои пурмавҷ, ғалоғулаи овозҳои аз ҳар гӯшаи маъракабарояндаро пахш мекарданд.

– Дар маърака Туманпаҳлавон аз деҳаи Тутак, писари Ҳоҷӣ Муҳаммадрасулпаҳлавони шоир, аз авлоди Шоҳимардиён, – гӯён довар аз ташрифи он кас ба мардум эълон кард.

Дар лаҳзаи эълон намудану омадани Туманпаҳлавон ҳама боз хурсандтар мешуданд. Аз ин мухлисиву сипозгузории халқ ғайрати Туманшоҳ мефузуд. Либосҳо дар танаш тангӣ мекард. Ба гӯштингирӣ ҳанӯз сар накарда, аз ғурридани ҷӯшзании ғайрату ҷасорат остинҳои яктаҳи танаш «қарс-қарс» кафид. Танааш аз оринҷ то ба ҳарду китф урён шуд.

Аз ин ҳолат хурсандии аҳли маърака боз зиёдтар мешуду дар лабони ҳама табассум гул мекард.

– Дар маърака Лақайпаҳлавони ба шумо маълум аз тарафи дасти чап – гӯён довар дасти паҳлавонро боло бардошта

ӯро муаррифӣ намуд ва илова кард:

– Аз тарафи дасти рост Туманшоҳпаҳлавон. Байни онҳо як аспу як гови кори калон. Марҳамат.

Туманшоҳпаҳлавон ду даст боло бардошта, панҷаҳояшро ларзонда-ларзонда гирди давра як маротиба гашт. Хам шуда, ду панҷа ба замин зада бӯсид ва ҳаракатро идома дод. Меғуррид, ғайраташ ҷӯш мезад, худро баландқомату гаронвазн ҳис мекард. Ҳангоми панҷаларзониву гирди давра гаштанаш гоҳ-гоҳ ба қираи чашмаш ба Лақайпаҳлавон менигарист. Садои ғиҷироси дандонҳояш баланд ба гӯш мерасид.

Чун дафъаи дуюми сарак-сарак кардану гардиш фаро расид, рост рӯ ба қибла ҳарду панҷаҳояшро ба замин ором гузошта ба рӯ кашид. Ким-чӣ ба ёд оварда ба дилаш «куф» кард ва ба паҳлавони ҳарифаш дарафтод.

Лақайпаҳлавон дар назараш чун алафи «шулха» буд. Ӯ ду даст ба гиребони ҳариф гузошт. «Ё пирам, арвоҳи бобоҳом, даст бигиред», – гуфта, аз шавқ ва ё ғайрат аз миёни Лақайпаҳлавон ҳалук андохт.

Лақайпаҳлавон ҳам паҳлавони номӣ буд. Ба ӯ ҳар кас гуштин гирифта наметавонист. Дар ҳақиқат, зӯр буд, мардак...

Ҳама маърака оромиро ихтиёр кард. Мухлисон тамоми ҳаракатҳои Туманпаҳлавонро зеҳн монда менигаристанд. Дили аксар гум-гум мезаду интизори натиҷаи гуштингирӣ буданд.

Туманпаҳлавон дарав пои аз миёни паҳлавони ҳарифаш ҳалуқдохтаро ба замин зад, боз ин амалро ду бори дигар тез-тез такрор кард ва дафъаи сеюм паҳлавони ҳарифашро баланд «сари севҷӣ» бардошта, ба замин бо тахтапушти рост зад.

Мардум дар вақти аз замин бардоштану дар фазо лингакзании Лақайпаҳлавон ва ба тахтапушт афтидани ӯро дидан замон қад – қад парида, кафкӯбӣ мекарданд. Ҳама хурсанд буд.

Асадулло беихтиёр ба маърака даромада, Туманшоҳпаҳлавонро ба оғӯш кашида, бӯсид ва се бор ӯро дар бағал боло бардошт.

Чанд нафари дигар ин корро такрор карданд.

Довар байни паҳлавонҳо истода, дасти Туманшоҳпаҳлавонро баланд бардошта гуфт:

– Туманшоҳпаҳлавон ибни Ҳоҷӣ Муҳаммадрасули Шоҳимардиёни Тутакӣ ҳарифашро ҳалол зад.

Чапакзании пурмавҷ дуру дароз ба фазо печид.

Ҳарду паҳлавонҳо ҳамдигарро ба оғӯш кашида, ба зӯрии якдигар тан доданд.

Лақайпаҳлавон бо сари хам ва Туманпаҳлавон бо сари баланд аз давра баромаданд...

Акнун қадру қимату манзалати Туманпаҳлавон дар музофот боз ҳам фузуд.[1]

## НАҚЛИ ДИГАР

– Апаам Шарифмоҳро ба Исохӯҷа ном ҷавоне аз Тутак хонадор кардаанд, – ба мо нақл кард Ҳоҷӣ Аҳёхӯҷаи Хонақоҳӣ. – Чун арӯси ӯро ба деҳаи Тутак бурданд, ман ҳам дар қатори дигарон чун сарҷилаб ба хонаи домод рафтам. Ин соли 1939-1940 буд.

Вақте ки ба деҳа ворид шудем, мардуми зиёде моро пешвоз гирифтанд. Дар даромадгоҳи деҳа ҷавонон «Шаҳтоз» аз мо пурсиданд ва талаби онҳоро қонеъ карда, ба онҳо аз рӯи қоида ва расму русуми маҳаллӣ як серка додем. Ҷавонон бо хурсандии зиёд аз паи кори худ шуданд.

Арӯсро ба хонаи домод бурдем, марду зан ва пиру барнои зиёде ҷамъ шуданд. Базму бозӣ танинандоз шуд.

Як чиз диққати маро ба худ мекашид. Чун мардуми ин деҳаро дидам, ба ҳайрат афтодам. Мардинаҳо ҳама қаду қоматбаланд, боҳайбат буданд.

Қисме аз онҳо кафши чӯбин дар по доштанд.

Вақти ба хона воридшавии шаҳу арӯс ба пеши пои онҳо либосе пойандоз монда шуд. Баъди ба рӯи пойандоз гузаштани шаҳу арӯс, пойандозро пиру ҷавон ба кашидан сар карданд. Даҳ-дувоздаҳ нафар ҷавон пойандоз мекашиданд.

---

1. Аз нақли мӯйсафедони солори Ховалинг Ҳоҷӣ Аҳёхӯҷа ва Саидҷаъфар Қодирӣ ва дигарон.

Дар ҳамин асно паҳлавонҷуссае аз кашокашии ҷавонон завқ мебурду тамошо мекард. Ӯ дид, ки фавҷи ҷавонон ғолибиятро ба касе намедод, табассум дар лаб пеш рафта, ба кашидани пойандоз сар кард. «Ё пирум» – гуфта, ҳамаи даҳ-понздаҳ нафар ҷавонро тела дода, мағлуб кард ва пойандоз-ро ба осонӣ аз дасти ҳамаи онҳо кашида гирифт.

Пас аз чанд муддате фаҳмидам, ки он кас ҳамон Туманпаҳлавони номӣ будааст.[1]

Туманпаҳлавон бел, каланд, дост ва дигар асбобҳои корӣ дошт, ки онҳо калону вазнин ва ба ин паҳлавон мувофиқ сохта шуда, онҳоро ҳар кас истифодаву кор карда наметавонист.

## ӮЗБАКБӢ
## (1904-1944)

Ӯ низ зодаи Тутак аст. Дар ҳамин деҳа камол ёфта, ба Муҳаммад ном ҷавон издивоҷ кард. Аз онҳо чанд фарзанд ба дунё омаданд

Писараш Табаралӣ соли 1928 дар Тутак ба дунё омад.

Аҳли оилаи онҳо соли 1958 ба деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ кӯчиданд. Табаралӣ ҳоло дар деҳаи Гулистон зиндагӣ мекунад. Аз ӯ набераву аберaҳои зиёд он ҷо зиндагӣ мекунанд. Табаралӣ соли 1996 ба сафари ҳаҷ рафтааст, ҳоҷӣ мебошад.

Писари дигараш Саттор низ бо аҳли оилааш дар деҳаи Гулистон зиндагӣ мекард. Ӯ соли 2001 аз дунё даргузашт.Алиқул дар ҳамин деҳа зиндаги мекард ва соли 2006 аз дунё даргузашт.Ҳоло дар ин деҳа Оишамоҳ ва Худойдод зиндагӣ карда истодаанд ва соҳиби набераю аберaҳои зиёд мебошанд. Падари инҳо бобои Муҳаммад яке аз шахсони муътабар ва ятимпарвари қишлоқи Тутак буд ва соли 1958 аз дунё гузашт.

## МУЛЛО ФАРЕЗ

---

1.Нақл рӯзи 17 июли соли 2004 дар хонаи духтари Туманпаҳлавон холаи Қиматгул аз даҳони Ҳоҷӣ Аҳёхуҷа навишта гирифта шуд. (А. С. М.) Эшони Ҳоҷӣ Аҳёхӯҷа. соли таваллудаш 1925, иштирокчии ҶБВ аст.

**(1896 – 1998)**

Ин марди боғайрат дар Тутак ба дунё омад, камол ёфт ва ба хидмати падару модар пардохт, дуои нек гирифт ва умри дарози бобаракат дид.

Ӯ донишманд, достонсаро ва адабдӯст буд. Достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсиро аз ёд медонист. Китобхон, нақлгар, Қуръонхон буд. Нақлҳои ширин дошт. Дилбохтаи эҷодиёти Ҳофизу Бедил буд…

Ба Маҷлисгул-духтари Муҳаммади Дақи Табариёнӣ ном шахс хонадор шуда, аз онҳо фарзандони зиёд ба дунё омаданд. Шаъмигул, Абдурраҳмон, Маҳонӣ, Довуд, Фатҳулло, Мавлонбӣ, Гавҳарбӣ, Зулайхо ва дигарон. Соли 1953 ба деҳаи Сарёзии ноҳияи Кӯлоб муҳоҷир карда шуд. Пас ба деҳаи Гулободи колхози ба номи Сафар Амиршоеви ноҳияи Кӯлоб кӯчид ва то ба охири умр он ҷо зист. Китобдор буд ва шогирдони зиёде дошт...

Дар замони чанг дар баталиёни коргарӣ хизмат кардааст.

Имрӯз фарзандони Мулло Фарез маҳдуми Абдураҳмон, Довуд, ва дигарон дар деҳаи номбурда зиндагӣ мекунанд. Махдуми Довуд табъи шоирӣ дорад...

Мулло Фарез 102 сол умр дид. Оромгоҳаш дар гӯристони деҳаи Гулобод аст.

НАҚЛ

Мулло Фарез мурдумро бо накӯкориву роҳи рост ҳидоят мекард. Аз кору бори шоиста, хидмати нек ба мӯсафедону бузургон ва бунёди боғу роғ бо ҳарорат ҳарф мезад. Нақлҳои ширину тарбиявӣ дошт. Ҳофизхону бедилхон буд. Ашъори Хоҷа Ҳофизро қариб аз ёд медонист. Таърихи зинда буд...

Мулло боре дар маъракае дар охири нақлаш гуфт

– Ана, фарзандонам, аз кори накӯ, хизмати накӯ, хизмати хуб ва дар дасти бузургон об рехтан ман умри дароз мебинам.

– Чӣ хел, бо чӣ асрор? – пурсид шахсе.

– Аз хидмату аз дуогирӣ.

– Бубахш, бобои мулло, бифаҳмем ин асрорро?

– Кӯдак будам. Хонаи мо меҳмондор буд. Падарам Ҳоҷӣ

Муҳаммадрасул нону намакдеҳ буд. Аз ҳар гўшаву канор ба аёдати падарам меомаданд. Дуо мегирифтанд.

Чун дар хона аз аҳли илму адаб меҳмон мешуд, ҷаҳон-ҷаҳон ғизои маънавӣ мегирифтам. Агар аз аҳли ислом: шайху муллову сўфиҳо меҳмон мешуданд, подоши хизматам дуо буд.

Рўзе панҷ нафар ҳоҷиҳои пайравони тариқат, шахсони поку парҳезкори бузург, назаркардагони Худованд хонаи мо ба меҳмонӣ омаданд.

Аз пешвозгирӣ то ба хун кардани чорвои чорӣ, аз оби таҳоратдиҳӣ то ба гуселкунӣ ба онҳо хидмати босазо мекардам. Чун даст «ов» мегирифтам, яке аз он ҳоҷиҳои соҳибкаромот, ки сиришки чашмаш аз бузургӣ башорат медод, пурсид:

– Ҳоҷи Муҳаммадрасул, ин писари кист?

– Писари ман, – ҷавоб дод падарам.

– Чӣ ном дорад?

– Фарез

– Даст бардоред, ҳоҷиҳо – гуфт меҳмони мазкур.

Ҳама ҳоҷиҳо ва аҳли давра даст бардоштанд. Ҳоҷӣ овоз баровард:

– Илоҳо, мулло Фарез сад сол умр бинаду хадмати ўро низ ба мисли моҳо дигарҳо бикунанд...

Ҳама омин гуфта, дасти дуо ба рў баркашиданд...

– Ана, фарзандонам, ана ҳамон хидмату корҳои накў буд, ана, натиҷаи ҳамон меҳнату бунёди боғу бўстонҳо буд, ки сад сол умр дидем, -гуфт Мулло Фарез.

Мулло Фарези Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул дар тўли умраш хубу бади зиёдеро дид, вале дар ҳаёт нақши неке ба ёдгор монд, чун паҳлавони номӣ шуҳратманд буд. Аз ў наберාву аберҳои зиёде дар қайди ҳаётанд...

## ДОВУД ФАРЕЗӢ

Махдуми Довуди писари Мулло – Довуд Фарезӣ чун бобову бобокалонҳояш табъи шоирӣ дорад. Маҷмўъаи ашъораш бо номи «Субҳи содиқ» (1998) ба табъ расида, куллиёташ омодаи чоп мебошад.

Дар ашъораш Довуд «Фарезӣ» тахаллус интихоб намуда, истеъдоди баланд дорад.

Довуд Фарезӣ айни замон дар деҳаи Гулобод зиндагиву эҷод мекунад. Маълумоти олӣ дорад, вале пешааш ронандагист. Соҳиби 6 фарзанд буда, писаронаш Муҳаммадрасул маълумоти олидор, Мансур донишҷӯи мадраса аст...

Инак, намунаҳое аз ашъори ӯ:

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй Ватан, гар аз ту нолам, ҳарду чашмам кӯр бод,
Рӯйи он фарде, ки менолад зи ту, дар гӯр бод.
Ҳар кӣ ободат кунад, ҷонам фидои номи ӯ,
Ҷои ӯ дар дидаи мо, хонааш пурнур бод...
Ҳар касе парварда шуд бо обу хоку дони ту
Гар хиёнат пеша гирад, то абад носӯр бод.
Ҳар кӣ шод аст аз ҷафои миллату Модар-Ватан,
Ҷисми нопокаш пас аз мурдан хӯроки мӯр бод.
Юсуфи Мисрӣ, ки Канъонаш ҳамеомад ба ёд,
Ё Раб, аз хоки Ватан касро нахоҳам дур бод.
Тоҷикистонро ба меҳнат мо тавоно мекунем,
Ҳар касе инро намехоҳад, танаш ранҷур бод.
Бо қабили худ, Фарезӣ, ҳар кӣ бошад дар Ватан,
Қути ӯ ширин зи шаҳди хонаи занбӯр бод!

* * *

Дар ду олам дидани рӯят ҳавас бошад маро,
Субҳидам бӯйи латифат дар нафас бошад маро.
Оби чашм аз гиря бар ёдат намегирад қарор,
Ҳар замон дар гӯш овози ҷарас бошад маро.
Гар надорам симу зар, дар сар ҳавои мол нест,
Кулбаи вайронае аз хору хас бошад маро.
Мерасонад рӯзии ҳаррӯзаам бо ҳар сабаб,
Шукри он дорам, ки ин миқдор бас бошад маро.
Сӯхтам дар печу тоби шуълаҳои зиндагӣ,
Соябоне бар сар аз боли магас бошад маро.
Рӯзгоре шуд, ки магардам ба пои хештан,

Не ғами дунё, на муҳтоҷӣ ба кас бошад маро.
Не ҳасад бар қалб дорам, не ба шахсе булху кин,
Эй Фарезӣ, Ҳақтаоло додрас бошад маро.

## АЗ МУХАММАСОТ

Сар ба саҷҷодаи меҳроби пур аз хок занам,
Аз ғами ишқи ту ман нола бар афлок занам.
Намаки суда ба чоки дили ғамнок занам,
Хоки кӯят ба сару дидаи ғамнок занам,
Тани афсурдаи худ бар хасу хошок занам.

Сар ба савдои кӣ дорам, ки парешон мӯям,
Ба умеди рухи ту байти муқаввас ҷӯям,
Рӯ ба роҳат ниҳаму зикри ту доим гӯям,
Ё Раб, аз лутфу карам соз назар бар сӯям,
Наъра бо шавқи висолат мани бебок занам.

Қадаҳ аз Зам-зами Исмоили ту нӯш кунам,
Ранҷи роҳи Макатуллоҳ фаромӯш кунам,
Санги кӯҳи Арафоти ту дар оғӯши кунам,
Ман либоси Ҳаҷарат бо лаби хомӯш кунам,
Бишавам масту ба тан пироҳанам чок занам.

Ба зиёрат ба сари равзаи Сарвар тозам,
Накди ҷонро ба раҳат сарфи зиёрат созам.
То қироат бикунам, боз бигӯям розам,
Сарфарозам бикун аз ёдаму ҳам бинвозам,
Варна аз ҳаҷри ту фарёди аламнок занам.

## ШАЙХИ ҶАРОИЛ
## (1908-1992)

Ҷароил писари Ҳоҷӣ Муҳаммадрасули пир аз зани дигараш аст. Чун зани аввалаи Ҳоҷӣ аз дунё даргузашт, ӯ бо Қурбонгул ном духтаре издивоҷ кард ва соли 1908 аз онҳо Ҷароил ба дунё омад.

Ҷароили хурдсол ҳамагӣ се сол меҳрубониҳои падарро дида бошад ҳам, ӯро дар ёд надорад. Ӯ таълими исломӣ гирифта, бохату савод шуд. Иштирокчии ҶБВ буда, дар муҳорибаи Ленинград ҷароҳат бардошта, ба хона баргашт. То соли 1958 дар деҳаи Тутак зиндагӣ мекард. Соли 1958 ба

деҳаи Гулистони ноҳия Восеъ муҳоҷир карда шуд. Ӯ чун колхозчӣ меҳнат карда, муллои комилу фозили ноҳияи Восеъ ба шумор мерафт. Қасидахони машҳур буд...

НАҚЛ

Соли 1907 Муҳаммадрасули Қаландар сафари ҳаҷ намуд. Ӯ дар маросими ба ҷо овардани ҳаҷ соле дар мусофират буд. Дар ин давра дар хонааш «меҳмони нав» ба дунё омад.

Азбаски ҳамсари Муҳаммадрасули паҳлавон зани ҷавон буду ӯ шоири ҳаҷвнигор, бинобар он, дар байни мардуми «зиндадил»-и деҳа баъзе гапҳо мепухт.

– Агар Ҳоҷӣ биёяд «ту сафари ҳаҷ рафтиву ҳамсарат кӯдак таваллуд кард»-гуфта шӯхӣ карда механдидем, – мегуфт яке.

– Ҳа, паҳлавон зӯру тавоно бошад ҳам, аз 60-65 солагӣ гузаштааст. Ӯро шӯхӣ мекунем. Гапи хуб ёфт шуд, – мегуфт дигаре.

– Шояд писари Шумо набошад, мегӯямаш – бепарда мегуфт дигаре.

Ба дунё омадани кӯдак душвориҳоро пеш меоварданд. Дӯстони шоиртабъи Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул ҳар гуна «шӯхӣ»-ҳоро бофта то омадани ӯ тайёрӣ медиданд.

Баъди ба ҷо овардани маросими ҳаҷи акбар ва мусофирати пурмашаққат Муҳаммадрасули Қаландар ба деҳа баргашт.

Мардум аз омадани ҳоҷӣ хурсанд шуда, ӯро пешвоз гирифтанд. Чун ба хонааш расид, баъди салому алайк ва пурсу пурсонӣ дӯстону мӯйсафедони деҳа аз ӯ «ҳадя»-гирӣ намуда, яке бо завқ гуфт:

– Ҳоҷӣ, «ҳайдагирум», дар хонаатон меҳмони нав ба дунё омадаасту ҳанӯзам бе ном. Ҳама маъни Шумо, ӯро қабул мекунед ё не?

– Нахо? Раҳмат, нек бошад, – овоз баровард ҳоҷӣ табассум дар лаб, тахти гапро фаҳмида.

– Ҳова, рост, писар, – фикри ҳамсуҳбаташро тақвият дод дигаре.

– Чӣ хубе, ба Шумо ҳам муборак бошад, – гуфт ҳоҷӣ.

– Ташаккур, – гӯён аз ҳар тараф паст-паст овоз баромад.

– Худо дод, намега бачаи кийӣ, – шӯхиомез гуфт ҳоҷӣ ва хомӯш монд.

Даррав табассум дар лабони ҳама гул кард.

Ҳамин тавр, мӯйсафеде ханда дар лаб чунин фармуд:

– Ку, чанд кӯдаки ҳамсоли писари ҳоҷииро ин ҷо биёред. Оё Ҳоҷӣ фарзандашро мешиносад ё не.

– Ҳа, майлаш, биёред – табассум дар лаб розигӣ дод ҳоҷӣ.

Фармудагӣ барин, се-чор кӯдаки ҳамсоли писари Ҳоҷиро ба назди ӯ оварданд.

– Марҳамат, ҳоҷӣ, кадомаш писари Шумо? Аз ҳоҷӣ пурсид Шайх мулло Ширин.

– Ана ҳаминаш писари шумост, – ҳазломез як кӯдаки хушрӯйиро ба даст нишон дод ҷавонмарди шоиртабъе.

– Оҳҳо, имтиҳон шуд – ку, ана ҳаминаш, ки каллаву кандаи маро дорад, писари Бисми-л-Лоҳир Раҳмони-р-Раҳими ман аст, – ханда дар лаб ишора карда гуфт Ҳоҷӣ.

Аз ин амалиёт ҳама хурду калон хушҳол шуда, дар лабонашон табассум гул кард. Ханда атрофро пахш намуд.

– Шӯхӣ накунед бобо, – бо шакарханде ба шайх ишора намуда, завҷаи ҳоҷӣ ва суханашро идома дод, – фарзанди Бисми-л-Лоҳир Раҳмони-р-Раҳими худи ҳоҷӣ паҳлавони мазкур аст. Ҳоҷӣ дар сухану шеъру шоириву ҳамаи корҳо аз Шумо бартару зӯртар аст. Ӯ худотарсу худорост мебошад.

Табасуму хурсандӣ боз дар лабони ҳозирин нақш мебаст. Лаҳзае атрофро хомӯшӣ пахш кард, ҳама табассум дар лаб маътали сухангӯии ҳоҷӣ Муҳаммадрасул.

– Ба тифл чӣ ном гузоштед? – пурсид ҳоҷӣ бо шакарханда.

– Маъни Шумоем, чӣ номе Шумо монед, – гуфт ҳамсари ҳоҷӣ, ки онтарафтар машғули кору бор буд.

Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул лаҳзае ба кӯдак ва аҳли давра дида дӯхта, бо имои шӯхиомез даст ба пешонӣ бурд ва лаҳзае пас гуфт:

– Ба ростӣ, дар ин муддате, ки мо ба сафари хонаи Худо рафтем, пои пиёда ба кӯҳу ҷар, дашту даман, бо одамони хуб вохӯрдем. Дар дашту ҷару ҷӯ азобҳое кашидем. Барои ҳамин номи муборакн тифли мо – Ҷароил!

Ана, аз ҳамон рӯз ба кӯдак Ҷароил ном ниҳода шуд. Ӯ умри хеле зиёд дид ва соли 1992 дар деҳаи Гулистон аз дунё даргузашт.[1]

Ҳоло аз бобои Ҷароил набераву аберахои зиёде дар ноҳияҳои Восеъ, Ховалинг ва дигар гӯшаҳои Ватан ҳаёт ба сар мебаранд.

Писари дувуми Шайхи Ҷароил Ҳоҷӣ Нусратулло табъи шоирӣ дорад.

Тавре ишора кардем, Ҷароил чун дигар авлодонаш паҳлавони номӣ буд. Ба ибораи дигар, дар майдон пушташ заминро надида буд.

НАҚЛ

Миёнаи фасли баҳор буд. Мардуми Тутак маъракаи «Сари сол» мегузарониданд. Деҳа меҳмонони зиёде, бахусус паҳлавонони аз деҳоти дуру наздик омадаро дар оғӯши худ гирифта буд.

Маъракаи гуштингирӣ ба дараҷаи олӣ мегузашт. Аз саҳар то бегоҳ гӯштин идома ёфт. Дар байни ҳамаи паҳлавонон Ҷароилпаҳлавон дастболо шуда, майдон бо номи ӯ монд.

Аз ин вазъият Сӯфӣ Алӣ ном марди далеру шуҷоъ бениҳоят хурсанд мешуду меболид. Дар ҳамин лаҳзаҳо ду нафар паҳлавони номиро марди табариёние гирифта, дохили маъракаи гуштингирӣ бурд. Он мард яке аз рақибони Сӯфӣ Алӣ буд. Ҳарду паҳлавон дар маърака, дар паҳлуи Ҷароилпаҳлавон нишастанд ва бо навбат бо ӯ гуштин гирифтанд.

Ҷароилпаҳлавон дар як лаҳзаи кӯтоҳ паҳлавони аввалаpо ба тахтапушт ба замин зад. Дувуминаш аз «пушт»-и аввала ба гуштингирӣ хеста, дар дохили давра як чарх зад. Ҷароилпаҳлавон бошад, оромона ду панҷа боло бардошта ларзонд, ғуррид, шукуфт, гирди давра гирд гашта, ду панҷа ба замин зада бӯсид ва ба дидаҳо молид. Аз пирони нишаста дуо гирифт, ҳама омин гуфтанд. Чун навбати гуштингирӣ фаро расид, ба паҳлавон «часпид» ва ҳалуки искандарӣ ан-

1.Ин нақлро аз худи Шайхи Ҷароил тирамоҳи соли 1991 навиштаам (муаллиф).

дохта, ӯро баланд бардошт ва бо сари севҷӣ ба замин ба тахтапушт зад. Овози мардум баланд гардид, кафкӯбии бардавом шуд...[1]

Паҳлавони мағлубшуда лаҳзае аз ҷояш хеста натавонист. Паз аз лаҳзае ба худ омад ва ӯро ду нафар гирифта, аз маърака берун баромаданд.[2]

Сӯфӣ Алӣ аз хурсандӣ дар куртааш намеғунҷид. Қад-қад мепарид. Аз завқи дил нисбати гуштингирии Ҷароилпаҳлавон ба маърака даромада, эълон кард:

– Меҳмонони азиз, паҳлавонони арҷманд! Агар касе зӯру паҳлавон бошад, марҳамат ба майдон барояд, бо Ҷароилпаҳлавон гуштин бигирад. Дар сари «қара» духтари лахти ҷигари ман Точинисо ба хотири Ҷароилпаҳлавон!

Муддате оромӣ ҳукмрон шуд. Пас ғалоғулае сар зад. Муддате пас як паҳлавони меҳмони ҳисорӣ ба майдон баромада, дар назди Ҷароилпаҳлавон нишаст.

Довар як бори дигар паҳлавононро ба мардум муаррифӣ намуд. Дили соҳибзавқҳо гум-гум мезад. Ҳама ба натиҷаи маърака гӯшу ҳуш буданд.

Ҷароили ҷавон хурсанд буд. Дар пайкари худ мешукуфт, меғуррид, бузург менамуд. Ду даст боло карда, рӯ ба ҷониби қибла ду панҷа ба замин зада бӯсид ва ёди Худову пир кард ва ба ҳарифаш часпид. Ҳарифаш низ дар навбати аввал муқобилияти сахт нишон дод. Вале бахти Ҷароил омад карда, ӯро низ баланд бардошта, ба замин ба тахтапушт зад.Хурсандии мардум ҳадду канор надошт. Ӯро бо кафкӯбиҳои зиёди бардавом табрик намуданд.

Туманпаҳлавон ва Фарезпаҳлавон бо навбат

---

1.Моҳи ноябри соли 1991 ҳангоми навиштани китоби «Ховалинг - чашмаи меҳр» меҳмони Шайхи Ҷароил будам. Ӯ аз шароити замон ҳаросида. аз гузашта бисер ҳарф назад. Он вақт писарашон Ҳабибулло омӯзгор буд. Моҳи марти соли 2004 дафъаи дуюм вориди ин хона шудам ҳамроҳи Махсуми Сайҳомид ва набераи Қосим тӯқсабо Амиралӣ (ҳангоми навиштани китоби «Ҳокимони Мазори Ҳазрати Султон» ). Бинем, акаи Ҳабибулло соли 1997 маросими ҳаҷро ба ҷо оварда. аллакай ҳоҷӣ шудааст.

2.Мувофиқи нақли пирони солори Ховалинг он паҳлавони мағлубшуда дигар гуштингириро бас кард ва бо ҳамин дард аз дунё даргузашт.

Ҷароилпаҳлавонро ба оғӯш кашида, бӯсиданд ва каме ба боло бардоштанд. Чанд нафари дигар низ ин амалро такрор карданд.

Гуштин ба охир расид. Дар охир довар гӯштинро. ҷамъбаст намуда, ба фоидаи Ҷароилпаҳлавон эълон кард.

Сӯфӣ Алӣ низ ба байни маърака баромада, тӯйро фавран эълон кард.. Тоҷинисо насиби Ҷароилпаҳлавон гашт.

Бо тӯю тамошо Тоҷинисо ва Ҷароилпаҳлавон бо ҳам хонадор шуданд. Онҳо солҳои зиёд дар як болин сар гузошта, зиндагӣ карданд. Аз онҳо фарзандони зиёд ба дунё омаданд. Шуҳрати Ҷароилпаҳлавони Ҳоҷӣ Муҳаммадрасули Шоҳимардиён дар музофот паҳн гашт.[1]

Шайхи Ҷароил, дар ҳақиқат, паҳлавон ва борбардор буд.

НАҚЛ

Боре бобои Табар, Саттор ва Иброҳим ном мардоне пояи сементии симчӯбро бардоштаву бурда натавонистанд. Инро дида, Шайхи Ҷароил худаш танҳо ин пояи сементии вазнинро бардоштааст[1].

Тавре ки пештар ишора намудем, писари дуюми Шайхи Ҷароил, Ҳоҷӣ Нусратулло Ҷароилзода низ чун падару бобо ва бобокалонҳояш паҳлавонҷусса, донишманд, қасидахон буда, табъи шоирӣ дорад. Бо ӯ баъди чанд соле дуввумбора 25 феврали соли 2009 дар хонааш дар деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ вохӯрда суҳбат намудам. Зимнан мехостам аз эҷодиёти ӯ намунаҳое дар ин китоб биёрам, вале аз суҳбату ваҷоҳати Ҳоҷӣ Нусратулло пай бурдам, ки ӯ барои навишта гирифтани намунаҳои эҷодаш чандон розӣ набуд. Бинобар он, аз равиши сӯҳбат мисраҳои зеринро аз даҳони ӯ навишта гирифтам. Ӯро чанд нафаре барои қасидахонӣ ба ҳамсоядеҳаҳо бурданӣ буданд, вақт тангӣ дошт. Чанд сол пеш, ки дар он солҳо маросими Ҳаҷҷи Акбарро ба иҷро нарасонида буд, мисли имрӯза ӯро барои қасидахонӣ мебур-

---

1.Сӯфӣ Алӣ бо аҳли оилааш чун мулло ва донишманд гуфта, соли 1937 ба шаҳри Қарағандаи Қазоқистон бадарға карда шуда буд. Ва бадбахтона, ин бузургмард дар ғурбат аз дунё даргузашт. Писаронаш Абдусаттору Саймаҳмуд ва дигарон ба ватан баргаштанд ва дар ин ҷо вафот карданд.

данд…[1]

Инак, чанд намунае, ки аз даҳони Ҳоҷӣ Нусратулло[2] навиштам:

Қуръони Карим, маро ба ҷое бирасонӣ,
Аз фитнаву маломат маро бираҳонӣ.
Дӯстони Худоему ҳам умати Расул (с),
Аз васвасаи шайтон умре бираҳонӣ…

* * *

Бародар, гӯш дор ин қиссаро, ки оқибат хорӣ,
Замину осмон бингар, Худо дорӣ, Худо дорӣ.
Зи Одам то ба Ҳотам нест дар олам касе бе ғам,
Бикун шукронаи Олоҳ, бипарҳез ту зи бекорӣ…

## ФАРОВОН

Фаровон низ дар деҳаи Тутак ба дунё омада, давраи кӯдакиву наврасиашро дар ин ҷо гузаронидааст. Ӯ аз анъанаи авлодӣ бархурдор буда, баробари омӯзиши илму адаб ба гуштингирӣ завқ дошт. Паҳлавон буд ва дар маъракаҳо гуштин мегирифт. Чун фашизм дар Аврупо реша давонд ва ҷанги Финляндия сар шуд, уро соли 1939, ки 20-25 сол дошт, ба ҷанг бурданд. Дар ҷанги Финляндия иштирок карда, то соли 1940 дар сафи Армияи Сурх буд. Соли 1940 хати сиёҳаш аз сарҳади Полша омад.

Модараш Қурбонгул зор-зор гирист. Духтари додари Қурбонгул, ки бо Фаровон «фотиҳа» карда шуда буд, баробари аммааш гиря мекард...

Аз 9 нафар амакбачаҳои Фаровон: Шоабдураҳмон, Абдулмаҷид, Мирзо, Ҳафиз, Файзалӣ ва дигарон, ки бо ӯ ба ҷанг рафта буданд, дигар ягонтаашон барнагаштанд.

1 Аз нақли мӯйсафедони деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ, ҳамсояҳои Шайхи Ҷароил.
2 Писари Ҳоҷӣ Нусратулло Муҳаммад Суннатулло дар Донишгоҳи Яман мехонад…

Аз Фаровонпаҳлавон касе намондааст...

# БОБИ 3

# ШАЙХИ МУЛЛО ДАВЛАТ ВА МОНДАҲОИ Ӯ

## ШАЙХИ МУЛЛО ДАВЛАТ (1842 – 1912)

Домулло Собир баъди бемории вазнин шифо ёфт. Дар ҳамин айём дар хонаи ӯ тифле ба дунё омад.

– Домулло, муборак бошад, – гуфт мӯйсафеди хабаргире ва илова кард:

– Дидам, ки хеле хуб шифо ёфтаӣ. Сиҳатию саломатиро ними давлат гуфтаанд.

– Бале, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд мӯйсафеди дигар.

– Хушо, ки дар ҳамин асно меҳмони нав ба дунё омадааст. Акнун номи ин тифл маълум.

– Чӣ ном бошад?, – суол дод дигаре.

– Номи маълуму маъмули шариатӣ.

– Давлат, – овоз баровард домуллое.

– Ҳа, бале, домулло, Давлат.

– Хайр, илоҳо, омин ё Рабу-л-оламин...

...Ин тифл калон шавад. Давлати давлатманди паҳлавон, сернаслу серфарзанд ва чун бобоҳош дар гуштингирӣ пушташ заминро набинад. Аз шарофати бузургии ӯ боз Давлатмандҳои гурду паҳлавон ба дунё биёянду ин номро идома бидиҳанд...

– Омин...

Ҳамин тавр, тифл ба худ номи Давлатро гирифта, камол ёфт, назди падар ва дар мадраса хонда, хату саводи хуб баровард. Дар давоми умри бобаракаташ аввал номи «Мулло» ва пас «Шайхи Мулло» ба номаш илова шуд ва байни мардум бообрӯву машҳур гардид.

Шайхи Мулло Давлат марди бузургҷусса, қавиҳайкал, сабзина, нигоҳи чашмонаш тези андак хашмолуд, даступанҷаи сахт дошт. Паҳлавонсурату далеру шуҷоъ буд...

Дар вазнбардорӣ низ ҳамто надошт. Ҳамин ки ба маъракаи майдони гуштингирӣ мебаромад, меғуррид, худро боз таҳамтан мегирифт, либосҳои танаш дар пайкараш тангӣ мекарданд. Ин ва дигар хусусиятҳои паҳлавонияш буданд, ки ӯро қиблагоҳи бузургвори донишмандаш «Авлодпаҳлавон» ном мегирифтанд. Паҳлавоне, ки Фирдавсии Тӯсӣ дар достони «Рустаму Сӯҳроб» ба он чунин ишора кардааст:

Бад-он марз Авлод буд паҳлавон,
Яке номдоре, далере, ҷавон...

Ин бузургмард дар майдони гуштингирӣ, ҳарбу зарб, сухану суханварӣ ғайюру тавоно буд. Дар деҳқониву корҳои саҳроӣ баробари панҷ-шаш кас кор мекард. Лавозимоти кории ӯро ҳеч кас дар иҷрои корҳои худ кор фармуда наметавонист. Каланду досу дигар лавозимоти бузурги махсус дошт. Нотарсу далер буд. Аз ҳеч кас ва ҳеч чиз наметарсид. Чун паҳлавони номӣ дар майдони гуштингирӣ пушташ заминро надида буд.

## НАҚЛ

Рӯзе дар деҳаи Қуллак шоҳимарде дар тӯи хатнаи писараш маъракаи калони гуштингирӣ ташкил карда, паҳлавонҳои зиёде аз музофот ва берун аз он омада буданд. Маърака хеле тафсида гарм шуд. Паҳлавонҳои меҳмон ба паҳлавонҳои маҳаллӣ ғолиб омаданд. Ҳатто чанд нафаре аз паҳлавонҳои номии Хосиёну Хонақоҳро низ мағлуб намуданд.

Давлати ҷавон ба майдон баромада, ба номуси паҳлавонони хосиёниву хонақоҳӣ шарик шуд ва бо он гурдҳои зӯр қувваозмоӣ карда, ҳамаи онҳоро як-як ба тахтапушт ба замин афтонд. Чун ғолибият ба дасти ӯ гузашт, маърака ба номаш монд. Пас дар дигар маъракаҳои гӯштингирӣ ғолиб омада, Давлатпаҳлавон ном гирифт ва пушташ заминро надид...

## НАҚЛИ ДИГАР

Дар мавзеи Тутак дар осиёбе «ҷондоре» гоҳ-гоҳе меомад. «Ҷондор» бо ҳар кас сару кор намегирифт, ба ҷуз аз паҳлавонону далерон. Агар қувваи паҳлавонӣ камӣ мекард,

ӯро «мешапид»-у тавба медод. Паҳлавон агар аз ин воқеа сир бой медод, фавран аз дунё дармегузашт...

Умуман, паҳлавон аз ин асрор бояд сир намекушод ва ин сир пӯшида мемонд. Дар садаи назди деҳа гоҳ-гоҳ он махлуқ шабҳое пайдо мешуд.

Ӯро дар либоси сафед чандин касон дида буданд. агар «бало»-ро кас медид, бояд се маротиба ба тарафаш «куф» мекард. Ва сураи «Ихлос»-ро мехонд. Дуо хонда, боз ба сари сина куф мекард. Аввал бояд «Бисми-л-Лоҳи-р – Раҳмони-р-Раҳим» мегуфт.

Мӯйсафедон нақл мекунанд, ки дар назди осиёбу сада чанд тан паҳлавонҳоро дар солҳои гуногун «ҷондор» дарёфт кардааст, «ҷондор»-ро «бало»-ву зарофат ҳам мегуфтанд.

Ҳамин тавр, ба осиёбу назди дарахти садаи деҳа рафтан муҳол шуд аз гапу калочаҳо боз гапҳое мебаромаданд. Ҳамин ки гурде аз дунё дармегузашт, мегуфтанд:

– Танаш сип-сиёҳ буд, ҷои панҷа дошт ва ё се шабу се рӯз аз гап монд ва ғайраву ҳоказо...

Аз ин суханон дар дили Давлати паҳлавон оташ рехт. Давлат гоҳ-гоҳ шабонгоҳ назди осиёб мерафт. Осиёби назди рӯд, бе муҳобо, ҷои тарс буд. Чанд бор дари онро кушода, дар торикии зулмати шаб садои паропарро мешунид. Ҳамин ки дохили осиёб мешуд, паропар ба охир мерасид. Лаҳзае пас овози ба калламушҳо монанд аз ҳар гӯша ба гӯшҳояш мерасиданд. Дар дохили осиёб балоро дарнаёфт.

Дар назди сада ҳамчунин. Боре дар нимашабӣ Шукур ба назди Давлат омада, иброз дошт, ки ҷондори сару либоси сафедпӯше омада, ба дарахти сада баромад. Чун ҳар ду рафтанд, ҳеч чиз набуд. Боз ба хона пас гаштанд.

Мегӯянд, «ҷондор» худашро гоҳ ба гурба, гоҳ ба сагу хар ва гоҳе ба буқагов мубаддал мекардааст.

Торикшабие Давлатпаҳлавон баъди сабақгирӣ аз пираш Ҳазрати Зелолак ба хона бармегашт. Дар роҳ байни анбӯҳи дарахтон хирси тавқиеро дид, ба ӯ сару кор нагирифт. Аз шафаташ гузашта рафт. Онтарафтар рӯбоҳе пешопешаш пайдо шуд. Рӯбоҳ аз ӯ дуртар мерафту боз меистод. Чун

Давлат пештар мерафт, ӯ низ пештар мерафт. Рӯбоҳ низ дар гардише нопадид гашт.

Дар як ҷои аз деҳа дури овознорас, хилвату ваҳмангез расидан замон машоми Давлатро бӯи ғализи баде пахш кард. Чунин бӯйро асло нашамида буд. Дилаш каме таҳ кашид, вале Қуръони дар локии миёнаш буда ба ӯ неру мебахшид.

Дар ин миёни зулмоти шаб, дар ин ҷои ваҳмангези аз деҳа дуртари овознорас ногоҳ ҷисми сиёҳи буққамонанде ба сӯи ӯ омадан гирифт. Давлат «Лоҳавла ва ло қуввата» гуфта, дуое хонда, ба сина «куф» кард. Ақиб гаштану садо бароварданро раво надид. Натарсида ғуррид. Дандон ба дандон монда, нафаси чуқур кашид. Бӯи бад заъфаш кард, вале ҷасораташ зиёда гашта, ғайраташ дучанд шуд. «Тани ману тақдири Худо» – гуфта, пеш рафтан гирифт.

Саги шикории ҷасури ӯ аз ҳайбат тарсида, ҷинг-ҷинг карда, аз назди Давлат дур намешуд. Вазъият ногувор буд. Точанд бӯи бад машоми Давлатро пахш мекард.

Ҳарду торафт наздик мешуданд. Чун Давлат ғайратмандона пеш мерафт, муқобилияти он «зарофат» суст мегашт. Қадамҳояш ба замин оҳиста-оҳиста монда мешуд. Чун ба ҳам расиданд, он махлуқи буққамонанд ба ду по рост хеста, дастҳояшро ба китфҳои Давлат партофт. Давлат низ «Ё пирам, даст бигир»-гуфта, ба ӯ часпид. Махлуқ пашм дошт. Мӯйҳои баданаш ба мӯйҳои хирсҳо шабоҳат дошт. Ҳар ду оғӯш ба оғӯшу ҳалук ба ҳалук шуданд. Гардонида-гардонида, қадбақад соатҳо давом ёфт. Овози махлуқ бадҳайбат буд. Ҳар гоҳ, ки Давлат миёни ӯро сахт мефишурд, доду вовайлои вай шунида мешуд. Бӯи бад точанд Давлатро заъф менамуд.

Саги вафодор ҳам кори мекардагиашро кард. Ҳамин ки ҳоли Давлатро ҳарифаш танг мекард, саг аз пойҳои серпашму фарбеҳи бадбӯи он мегазид ва муқовимати ӯ ноилоҷ сусттар мешуд.

То як ҳиси шаб қад ба қаду «ҳучкуно бизан»-и ҳар ду давом ёфт.

Давлат ғайрату ҷасорати падару бобо ва бобокалонҳояшро ба хотир оварда, шуҷоатро аз даст наме-

дод. Мубориза мебурд. Дар лаҳзаи ногувор дастони серпашму сергӯшти бадбӯи ҳарифашро мегазиду муқовимату муқобилият нишон медод. Ҳидояти ҷадди бузургвораш Амир Оли Ҳасанро, ки ба писараш Шоҳимард гуфта буд: «Ба ту зӯроварӣ, ана, ин корду найза» ба ёдаш омад. Субҳ ковок мешуд, аз дур овози алатушноқу дигар парандаҳои саҳархез ба гӯш мерасид. Онҳо пар фишонда, ба хониш сар мекарданд. Овози «ҷӯлик»-и саҳрогард барин парандаи ҷангаливу даштӣ аз само ба гӯш мерасид.

Махлуқ муттаҳам шуду аз набард пушаймон. Давлат низ ҳамчунон, вале ҳар бор, ки аз гузаштагони паҳлавону ҷасураш, аз бобокалонаш Шоҳимард, ки дуои падари пир гирифта буд, ёде мекард, ғайрату ҷасораташ меафзуд. Бо хирсҳо муборизаи тан ба тан кардааш низ ба ӯ таҷрибаву неру медод.

«Зарофат» ҷонсарак шуд. Роҳи халосиву гурез меҷуст. Дигар нерӯяш ба қадбақаду ба ҳар тараф партофтани Давлат намерасид. Наъра кашид, бӯи бадаш зиёд мешуд. Билохира Давлатпаҳлавон ӯро баланд бардошта ба замин зад ва по дар гулӯяш монд. «Зарофат» маҷолу мадори ҷунбидан накард. Чанде пушт бар замин «шакида» алвонҷ дод. Наъра кашид, вале халосӣ наёфт.

Давлат гӯши серпашму дарози ӯро ба даст тоб дода, ба ӯ гуфт:

– Тавба бикун!

Махлуқ сар ҷунбонда, розигӣ дод.

Давлат гуфт:

– Бигӯ, ки «Ба ҳайкали дасти ростам, дигар ба ҳафтод пушти ту ва тамоми одамизод кордор намешавам».

Бало розигӣ дода, сар ҷунбонд. Тавба кард.

Ҳарду хестанд. Давлат се панҷа дар пушти ҳарифаш зада, овоз баровард:

– Ҷавоб, акнун рав, ошно!

«Бало»-и аз бало халосшуда «япал-япал» сӯи анбӯҳи ҷангалзор рафтан гирифт.

Давлатпаҳлавон бошад бо сари баланд бо саги вафодораш сӯи хона омадан гирифт. Давлатпаҳлавон пас аз на-

барди шабонгоҳ бисёр монда шуда, хайрият, ки ҷангу қадбақад бо хирсҳо барои ӯ таҷриба бахшида буд. Чӣ тавр мағлуб кардани хирсро нағз медонист. Чунин таҷриба дошт, вагарна...

Ӯ се шабу се рӯз дар хонааш ба тахтапушт хобид, бедор нашуд, чизе нахӯрд Аҳли хонавода чун диданд, ки ҷо-ҷои танааш сип-сиёҳ харошидагӣ ва варам кардааст, дар ҳайрат афтоданд. Муҳаммадрасули бародараш, Мулло Давлаталии Қуллакӣ, Бобои Мурод, Қурбони Соҳибназар, Кӯсаи Иброҳим ва бисёр дигар пирону мардани солор омада, аз ҳоли ӯ хабар гирифтанд. Дуову «чилёсин» хонданд. Ҳеҷ не, ки Давлатпаҳлавон ба худ биояд.

Рӯзи чорум Давлатпаҳлавон ба худ омад. Худро ҳанӯз ҳам дар набард бо он ҳарифи паҳлавонозор медид, вале он бӯи бад набуд, овозҳо ҳам шинос ба гӯш мерасиданд.

– Иншоа-л-Лоҳ нағз мешавад,-гуфт Муҳаммадрасул

– Ҳа, иншоа-л-Лоҳ, – гапи ӯро қувват дод Шайхи Мулло Раҳим.

Ин суханон ба гӯши Давлат форам мерасиданд. Ногоҳ чашм кушод ва пирони солори зиёдеро дар гирдаш дид, лаҳзае ба тааҷҷуб афтод ва аз вазъият пай бурда, сахт «қоҳ-қоҳ» хандид.

Мӯйсафедон аз хандаи ӯ гумон бурданд, ки вай шояд ба касалии рӯҳӣ гирифтор шуда бошад. Чунки ӯ ин тавр намехандид.

Давлатпаҳлавон аз ҷояш хеста ба ҳамаи онҳо вохӯрӣ кард, бардаму хурсанд буд.

– Давлат, қариб ки талхакафамон кардӣ, – овоз баровард ҷӯрааш Шайхи Мулло Раҳим.

– Ҳо, се шабонарӯз «беҳуш» буданат ҳамаро тарсонд.

– Чӣ кор кардӣ, додар? – пурсид Муҳаммадрасул.

– Ҳеҷ чиз не, бародарону бобоҳо. Қисса ҳамин тавр. Аз сабақгирӣ аз Зелолак бо роҳи ҷангал омадам...

Давлат ҳамаи қиссаи аз сар гузаронидаашро як-як нақл кард. Ҳама дар ҳайрат афтоданд, вале боз хурсандиашон ҳадду канор надошт.

– Дигар то ҳафтод пуштатон озод. Бепарво осиёб мера-

вед, назди сада меравед, шаб мегардед, рӯз мегардед, тамом. Душманро тавба додам. Ба ҳафтод пушти одамизод дигар кордор намешавад, – гуфта, хурсандона таъкид кард Давлат.

– Офарин, Давлатпаҳлавон. Туро авлоду аҷдодат паҳлавон буданд.

– Офарин, Шоҳимарди пирназаркарда.

– Сад офарин...

Аз он рӯзу шаб сар карда дигар мардуми мавзеъ бе душман шуд. Сафедпӯшу гурбаву буққаҳо, гоҳ-гоҳ дар ҷои зӯргаҳ ба ин мардум мададгорӣ мекарданд...

НАҚЛ

Чун Шайхи Мулло Давлат ва Ҳазрати Залолак ба хонаи Шайх расиданд, аллакай мардуми деҳа ба оши наҳорхӯрӣ ба ин ҷо омада буданд аз омадани Ҳазрат дарак ёфта, ҳама истиқболаш намуданд. Пири бузургвор низ баробари салому алайк мардумро дуо дода, аз Худо тинҷиву осудагӣ, файзу баракат ва дӯстиву бародариро мехост…

Пир ба меҳмонхона нишаста, Шайх аз пайи назораи баргузории тӯй ва ҷараёни он рафт ва лаҳзае пас, барои дидани дастархонгустарии назди устодаш омад. Ҳазрати Зелолак чун авзои Шайхро дид, аз дилаш кимчиеро гузаронид ва аз шогирдаш пурсид:

– Ваҷоҳатат дар як лаҳза дигар шудааст, чӣ сабаб бошад?

– Тинҷӣ аст, иншо-ал-Лоҳ, – лекин дидам, ки дар ду деги калон оши палав пухтанд. Мардум бисёр аст. Аллакай як деги ошро ба мардум доданд. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки мабодо деги дуввум ба меҳмонону мардум нарасад.

– Эҳе, Шайхи содда. Худо худаш роҳбару мададгору файзу баракатовар аст. Ба ошпаз бигӯй, ки аз оши нодамдохта – аз ҳамин деги дуввум каме биёрад.

Шайх хоҳиши Пири назаркардаи Худовандро ба ҷо овард. Пир – Ҳазрати Зелолак[1] табақи ошро аз дасти ошпаз гирифта, аз Қуръони Карим ояте қироат карда ба дуову дуруд ба дасти ошпаз дод ва гуфт, ки ошро бурда дар дег андозад ва дар ду

---

1 Ҳоло оромгоҳи Ҳазрати Зелолак дар деҳаи Зелолаки Ехсу воқеъ буда, мақбараи хубе дорад…

дег тақсим кунаду хизматашро идома диҳад…

Пас маълум гаштааст, ки дар тӯйи Шайхи Мулло Давлати Тӯтакӣ бо шафоати нафаси поку муаттару соҳибкаромоти Ҳазрати Зелолак танҳо як дег ош ба тамоми меҳмонон, мардуми деҳа ва ҳамсоядеҳаҳои Табариён, Охтерак, Зардакӣ, Тиён ва Хосиён расида, зиёд мондааст ва ин оши зиёдатиро ба мардум тақсим карданд…[1]

## АЗ НАҚЛҲОИ БИБИИ ПАРЧАМОҲ – ДУХТАРИ ДОМУЛЛО ШАРИФИ ПАҲЛАВОН[2]

Падарам Домулло Шариф хатмкардаи мадрасаи Бухоро, паҳлавон, тоҷиру савдогар буд. Дар хона китобхонаи бузург доштем. Дар Шӯриши Восеъ иштирокчӣ буду пас аз тарафи мир ба ҷазоҳо гирифтор гаштаст. Шогирдони бисёр дошт. Вақти вафоти падарам 12-13 сола будаму хубу бадро медонистам.

Ҳоҷӣ Муҳаммадрасули амаки падарам ду бор ҳаҷ рафта буд. Мегуфтанд, ки ӯ бо ҳамроҳии Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Ҳоҷӣ Ёқуби Сичёнӣ ва дигарҳо маросими Ҳаҷи Акбарро ба ҷо овардааст.

Шеърҳои бобоям Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул ва писари ӯ Шоҳғарибро Шайхи Мулло Фарез медонист.

Ҳамаи авлоду аҷдодамон донишманду домулову паҳлавон буданд. Бобоям Шайхи Муллодавлат, Фарезпаҳлавон, Туманпаҳлавон ва дигарҳо паҳлавонҳои номӣ буданд.

Падарам ва дигарон нақл мекарданд, ки бобоям Шайхи Мулло Давлати паҳлавон, ки ба хирсҳо қад ба қад гуштингирӣ карда онҳоро зада маиб мекардааст, ҳатто ба «ҷондор» вархӯрда, ӯро дар ҷанг тобеъ кардааст, шери ромкардашуда дошт. Шер ҳар сол шабона омада, бобоямро гирифта мерафтааст.

Мегуфтанд, ки ҳангоме Шер омаданӣ мешуд, ҷондоре, ки

1 Аз нақли мӯйсафедони солори Ховалинг.

2 Нақлҳои бибии Парчамоҳ, соли таваллудаш 1926, сокини деҳаи Зардолубоғи ноҳияи Восеъро рӯзи 24 феврали соли 2009 дар хонаашон навишта гирифтам. Муаллиф.

онро «қарақулоқ» мегуфтанд, пеш-пеш чанд лаҳзае пештар «чӣғ-чӣғ»-кунон меомад ва мардуми деҳа мефаҳмиду мегуфт, ки «қарақулоқ»-и Шери Шайхи Мулло Давлат аст. Шер Шайхро зиёрат карда сӯи Мазори Ҳазрати Султон меравад, пас аз муддате боз бо боҳамин усул баргашта меравад. Мегуфтанд, ки Шер Шайхро гирифта Мазор мебурду меовард, ба касе кор надошт, касеро зарар намерасонд. Шер дар Мазори Сариосиёб низ гоҳо меистодааст… Бобоям Шайхи Мулло Давлат бисёр паҳлавони номии бузург будааст…

* * *

Аз Шайхи Мулло Давлат фарзандони зерин: аз зани аввалаш Исҳоқу Раҳмон, Раҳим , Зуҳур, Шукур ва аз зани дигараш Мулло Мирзо, Мулло Шариф, Моҳрӯбӣ, Ойбӣ, Ойгул, Ойбону ва дигарон ба дунё омада буданд.[1]

Аз чор зан дувоздаҳ фарзанд – 8 писару 4 духтар дошт.[2]

## ШАЙХИ ДОМУЛЛО МИРЗО

Домулло Мирзо дар Тутак ба дунё омада, наврасиву ҷавонӣ дид. Баъди таҳсил дар назди падараш ва мадрасаи деҳа хату саводи кофӣ баровард. Ҳофизхону бедилхони хуб буд. Забони арабиро медонист. Қуръонро тафсир кардааст. Девони Ҳофизро қариб аз ёд медонист. Хаттот ва «Шоҳнома» – хон буд. Китобхона дошт.[3]

---

1. Ҳар кадоми онҳо дар замонашон шахсони бомаърифату босавод буданд. Аз ин рӯ, халқ ба номи онҳо вожаи «Мулло»-гиро эҳтиромона илова мекард. Онҳо боғу роғи зиёде низ бунёд карда, ба оянлагон ёдгор монданд.
2. Мувофиқи нақли Муҳаммади Абдураҳимзода бобояш Шайхи Мулло Давлат соли 1912 дар синни 88 солагӣ аз дунё даргузашта дар гӯристони деҳаи Табариён мадфун мебошанд...Бо вуҷуди он, мувофиқи нақли мӯйсафедони солори Ховалинг Шайхи Мулло Давлат дар рӯзи ид ин дунёро падруд гуфта, дар гӯристони Мазори Хоҷа Айюби Ансорӣ гӯронда шудааст. Ягона садаи болотари гӯристон дар болои турбати ӯ сарсабзӣ дорад.
3. Соли 1937 домулло Ориф ба ҳабс гирифта шуд. Китобхона вайрон гардид. Ҳамаи китобҳоро ба ғори Тутак бурда гӯр карданд. Домулло Мирзо онҳоро насӯзонд, дилаш ба сӯзондан накашид. Вале аз тарс китоб гӯр мекарду мегирист. Дар хона нишонае аз осори гузашта

Дар ҷодаи шеъру шоирӣ сайъ ба харҷ медод, меомӯхт...

Дар ҷавониаш паҳлавону гуштингир буд. Ба деҳқонӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ шуғл меварзид.

Ба Зарнигор ном духтар аз деҳаи Себи Сурх хонадор шуда, аз ӯ Ҳафиз, Зиламоҳ, Ҳалим (1922-1975), Зайнаб, Шамсиямоҳ ва дигарон таваллуд шуданд. Фарзанди калониаш Ҳофиз дар ҶБВ шаҳид шуда, хати сиёҳаш омад.

Аз Ҳалим Сафармоҳ ва дигарон ба дунё омадаанд. Сафармоҳ ба писари Домулло Тилло – Муҳиддин Тиллоев хонадор буда, соҳиби сенздаҳ нафар фарзанд мебошад. Сафармоҳ қаҳрамонмодар аст. Аҳли ин оила айни замон болотари деҳи бобоии худ боғи бисёр хубе бунёд намудаанд.

Набераву аберaҳои Домулло Мирзо дар ноҳияҳои Восеъ, Ховалинг ва Кӯлоб умр ба сар бурда, дар хизмати халқу Ватананд. Аз ҷумла, яке аз набераҳояш шогирди Ҳоҷӣ Сайидраҳим буда, баъди хатми факултаи забонҳои хориҷии ДДМТ дар шаҳри Зоҳидони Эрон таҳсили илм дорад...

НАҚЛ

Мулло Мирзо дар Бухоро чанде дар мадраса хонда буд. Ӯ боре аз Бухоро омада дар аёми гандумдарав расид. Шайх, ки даравгарии Домулло Мирзоро медонист, заминеро бо номи ӯ гандум кишт карда буд. Мулло Мирзо ин заминро дар як рӯз даравидааст...

Ба номи Мулло Мирзо, баъдтар, аз рӯи дараҷаи бузургӣ ва шахсияташ калимаи «Шайх» илова гардид. Мардум ӯро «Шайхи Мулло Мирзо» мегуфтанд. Шайхи Мулло Мирзо мартабаи калон ва кароmот ҳам дошт.

НАҚЛ

Шайхи Мулло Мирзо соҳибкаромот ҳам буд. Ӯ аз рӯи ақлу донишу қиёс ва истеъдоди фитрӣ баъзан пешгӯиҳо низ мекард ва ин пешгӯиҳо ба таври дуруст ҷомаи амал мепӯшиданд.

Мисол: Вобаста ба авзои замон, гоҳ – гоҳе дар суҳбати дӯстони донишманд ва наздиконаш бо дилпурӣ пешгӯӣ

---

монда нашуд. Аз ин рӯ, пас аз тафтиш Домулло Мирзо низ аз туҳмату бӯҳтон ва озори маҳбасу «сегона» («тройка») раҳид.

карда мегуфт, ки Ҳукумати Шӯравӣ як мамлакати калон, соҳибқудрат, пешқадам, машҳур ва серу пур мешавад… Вале ин давлати бузург дар «Соли гӯсфанд» барҳам мехӯрад…

Ва Иттиҳоди Шӯравӣ, яъне давлати Шӯравӣ дар «Соли гӯсфанд» – 15 декабри соли 1991 барҳам хӯрд…[1]

Аз нақли бобои Мулло Абдураҳим:

– Писарам, медонӣ барои чӣ Тутаки моро «Юнони Хатлон» мегӯянд, – мегуфт устод ва амакам Шайхи Мулло Мирзо? Барои он, ки дар ин деҳа мардуми шайху донишманд, соҳибмаърифату ҳунарманд – Шоҳимардиён, зиндагӣ мекарданд. Ахтари илму адаби Хатлонзамин буд Тутак. Илмҳои фиқҳ, калом, илоҳиёт, адабиёт, ҷуғрофиё, ҳандаса ва ғайраро мардум меомӯхту медонист. Донишмандон – гузаштагону имрӯзиёнамон аз илми Юнону Арабу Аҷам бархӯрдор буданд…

Мулло Мирзо соли 1936 аз дунё даргузашта, оромгоҳаш дар гуристони деҳаи Табариён аст.

## ДОМУЛЛО ШАРИФ

Домулло Шариф яке аз фарзандони дӯстдори Шайхи Мулло Давлат буда, аз Домулло Мирзо хурдтар аст.

Ӯ зеҳни бурро, истеъдоди баланд ва ҷасорат дошт, дар ҷавонӣ гӯштингирӣ мекард. Паҳлавон буд. Тоҷиру савдогар буд. Самарқанду Бухоро ва Қӯқанд равуо дошт. Таърихдону таьрихшинос, «Шоҳнома»-хон буд. Китобхона дошт. Китобҳои нодиртарин дар китобхонааш буд. Аз ҷумла Китоби «Қасас-ул-Ҳусно», ки китоби таърихи пайдоиши олам аст, қариб 6 кило вазн дошта, бештар аз 1500 саҳифа дорад ва 30 х 25 сантиметр буда, муқоваааш чарм аст. Ин китоб ҳоло моли писараш бобои Абдусамад мебошад.[2]

Вақте ки соли 1888 Шӯриши Восеъ сар шуд, Домулло Ша-

---

1 Аз нақли шогирд ва додарзодаи Шайхи Мулло Мирзо – Мулло Абдураҳим. Ин нақлро аз даҳони писари Абдураҳим – шоир Одина Раҳмон навиштаам. Муаллиф.

2. Ин китобро ман варақгардон намудам. Ин ва дигар китобҳо (бештар аз 20 адад) дар охир дар дасти Бобои Мулло Тилло (то соли 1966) буданд, пас онҳо ба дасти Бобои Абдусамад гузаштанд. – Муаллиф.

рифи ҷавон Восеъро дӯст ва хешу табор гуфта, ба шӯриш баромад. Ҳамсафу ҳамроҳи Восеъ ва иштирокчии фаъоли шӯриши Восеъ буд. Аммо кори шӯришгарон омад накард.

Баробари пахш кардани шӯриш (1888) ӯ ва дигар шӯришчиёнро дастгир карда, лату кӯб намуда азоб доданд. Ҳамаи дандонҳои Карим Шарифро шикастанд.[1] Домулло Шарифро ончунон лату кӯб карданд, ки маъюбу маслуқ шуд. Як моҳи дароз ӯро шира хӯронданд, табобат карданд, пас ба худ омада шифо ёфт.[2]

Домулло Шарифи боғайрат, паҳлавону марди ҷасур буд ва ӯро пирони солори Ховалинг чун марди далер мудом ёд мекунанд ва дар ҳақаш суханони нек мегӯянд.

Домулло Шариф ҳангоми Инқилоби Октябр ба ҳимояи Ватан бархоста буд. Ӯ бо Ӯмарбойи Охтеракӣ ва дигарон ҳамсаф буданд. Дар ҷасорат ҳамто надошт...

Ин марди бузург соли 1939 дар деҳаи Тутак вафот карда, оромгоҳаш дар гӯристони Табариён мебошад.

Ӯ баробари маърифатпарварӣ ба бунёди боғу роғ шуғл меварзид. Дар Тутак боғе бунёд карда буд...

Аз Домулло Шариф Парчамоҳ, Абдулаҳад, Абдумаҷид, Абдусамад ва дигарон ба дунё омадаанд. Абдулмаҷид соли 1943 ба ҶБВ рафта, дар ҷанг шаҳид шуд...

Парчамоҳ соли 1926 дар Тутак ба дунё омадааст. Ӯсоли 1947 бо Домулло Тилло издивоҷ намуда, аз онҳо Муҳиддин (1948), Сироҷиддин (1950), Қутбуддин (1953), Исмоил (1957) ва дигарон таваллуд шудаанд.

Дар бораи дотсент, мудири кофедраи механиконӣ ва ҷузъиёти мошинҳои Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон Сироҷиддин Тиллоев дар саҳифаҳои қаблӣ муфассал гуфта гузаштем…

## МУҲИДДИН

Муҳиддин низ соҳибистеъдод ва ҷасоратманд аст. Ӯ солҳои 1967-1969 дар ҷазираи Таман, ҷазирае, ки соли

1. Карим Шариф падари Каримқаҳрамон – Саидаҳмади Карим аст
2. Аз нақли момаи Парчамоҳи духтараш. Соли таваллуди Парчамоҳ 1926, сокини деҳаи Зардолубоғи ноҳияи Восеъ.

1968-69 Хитой ба он ҳуҷум карда буд, хизмат мекард. Корнамоҳои ҷангӣ нишон додааст.

Ӯ аввал киномеханик шуда кор мекард. Баъди хатми Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон механик, сардори автоколона (дар автобазаи рақами 4)-и ш. Кӯлоб ва инженер шуда кор кардааст...

Муҳиддини соҳибистеъдод новобаста ба касбу кор мухбири ғайриштатии бисёр рӯзномаҳои маҳалливу ҷумҳуриявӣ буд. Аз соли 1966 сар карда дар рӯзномаҳои «Маориф ва Маданият», «Тоҷикистони Советӣ», «Пионери Тоҷикистон», «Коммунист Таджикистана», «Совет Тоҷикистонӣ» ва ғайраҳо хабару мақолаҳо менавишт.[1]

Мурод аз ин гуфтаҳо, он аст, ки Муҳиддин чун падару бобоҳояш ҷасорату ғайрат дошт. Ҳамаи каму костӣ ва камбудиҳои мавҷударо нотарсона менавишт ва дар матбуот ба табъ мерасонд. Аз ҷумла, мақолаи «Номи калону шаҳри вайрон» дар бораи комбудиҳои колхози ба номи Ленин ва раиси он Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Устоди пахтаи Тоҷикистон зиндаёд Миралӣ Маҳмадалиев, ки соли 1976 дар рӯзномаи ноҳиявии «Мубориз» ва маҷаллаи «Хорпуштак» ба табъ расида, буданд, маҳсули қалами ӯ мебошад. Ва ё мақолаи «Бемаданиятӣ дар кори маданият», ки оид ба комбудиҳои соҳаи фарҳанги ноҳияи Восеъ нақл мекард.

Баъди ба табъ расидани ин мақолаҳои танқидӣ Муҳиддинро аввал раиси колхоз зиндаёд Миралӣ Махмадалиев ва баъд котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунистии ноҳияи Восеъ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Мирзо Бобоевич Бобоев даъват карда, аз кадом авлод буданашро пурсиданд. Аз танқиди Муҳиддин наранҷида, ба ӯ баҳои баланд доданд. Ба ҷасорати вай қоил шуда, ба ӯ барои далеронаву нотарсона дар он замон навиштани чунин мақолаҳо аҳсан хонданд.

Мирзо Бобоевич ба пушти Муҳиддин тап-тап зада, ба ӯ

1. Вақте ки оилаи онҳо ба деҳаи Зардолубоғ кӯчонида шуд. дар он деҳа аксар мардуми ӯзбек зиндагӣ мекард. Муҳиддин то синфи чорум дар Ховалинг пас дар мактаби ӯзбеки хонд ва забони ӯзбекиро нағз ёд гирифт.

барои ин ҷасораташ аҳсан хонд ва гуфт, ки агар розӣ бошад, ӯро ба факултаи филологияи тоҷики Институти омӯзгории шаҳри Кӯлоб барои дохил шудан кӯмак намояд...

Дар он солҳо кӣ ҷуръат карда, чунин маколаҳои танқидӣ менавишт? Ин ҷасорат буд, ки Муҳиддин ҳақиқатро навишт ва аз роҳбарони ҳадафи танқидгаштаи ишорашуда ба ҷои маломат аҳсану офарин шунид.

Мақсад аз ифшои ин ҳикояти доманадор танҳо аз баҳо додан ба ҷасорати як тан мондаи гурдзоди шоҳимардиён буд, ки далериву худогоҳӣ дорад...

* * *

Ба ҷараёни фикр бармегардем.

Абдулмаҷиди Домулло Шариф ба ҶБВ рафта, қаҳрамонона ҳалок шуд.

Абдусамад соли 1937 дар деҳаи Тутак таваллуд ёфтааст. Ӯ хеле барвақт, дар сесолагиаш аз падар ятим монда, модараш соли 1943 аз дунё даргузашт.

Ӯ дар тарбияи модаркалонаш – бибии Қурбонгул монда, мактаби ибтдоиро дар деҳаи Шехмизон хонд ва синфи 5-умро дар мактаби миёнаи шаҳраки Ховалинг ба итмом расонд. Чун оилаи онҳо ба деҳаи Каримбердии ноҳияи Кӯлоб кӯчид, Абдусамад синфи 7-умро дар мактаби ин деҳа тамом кард. Сипас, солҳои 1953-1957 дар омӯзишгоҳи маданӣ-равшаннамоии ноҳияи Ленин таҳсилро идома дод, пас аз хатми он ба корҳои китобдорӣ машғул шуд. Солҳои 1957-1960 дар шаҳри Кутаисии Қафқоз хизмат карда. Пас ба диёр баргашт. Соли 1979 факултаи забону адабиёти тоҷики Институти омӯзгории шаҳри Кӯлобро хатм намуд. Бобои Абдусамад хаттоти хуб аст. Вай илми Исломӣ ва хаттотиро аз бобои Домулло Тилло (соли 1960 – 1965) гирифт. Ӯ бисёр китобҳоро аз алифбои форсӣ ба кириллӣ гардонидааст. Аз ҷумла «Чаҳор китоб», «Қоидаи бағдодӣ», «Нурнома», «Қиёматнома», «Наҷми ақрид» ва ғайраҳо...

Абдусамад солҳои дароз (48 сол) мудири китобхона шуда кор кард ва ҳоло дар нафақа буда, дар деҳаи Гулистон зиндагӣ мекунад ва давлати пирӣ меронад.

Аз Домулло Шариф фарзанд, набера ва абераҳои зиёд дар

қайди ҳаёт буда, дар навоҳии Восеъ, Ховалинг, шаҳри Душанбе ва дигар ҷоҳо ҳаёт ба сар мебаранд. Хидмат ба халқу Ватан меҳнати ҳалолу босубот мароми ҳар яки онҳост...

## ДОМУЛЛО АБДУРАҲМОН
## (1868-1931)

Ӯро Мулло Раҳмон ва ё Мулло Раҳмоналӣ низ мегуфтанд. Ин марди донишманди комилу фозил дар оилаи Шайхи Мулло Давлат дар Тутак таваллуд ёфта, назди падар ва дар мадраса таълим гирифтааст. Фарзанди калони хонадон буд.

Ӯ аз хурдӣ ба илму адаб дилбохта буд. Ҳамаи илмҳои замонаашро аз бар намуда, чун донишманди шинохта дар музофот шуҳрат дошт.

Гуштингирӣ низ шуғли дӯстдоштааш буд. Дар ҷавониаш гуштингирӣ мекард.

Ӯ қадбаланду тануманд, сахтгиру дилсоф буд. Вақти бозор рафтанаш дар байни одамон як ваҷаб аз ҳамаи мардум баланд будааст. Гардани ӯро ҳама як ваҷаб аз дигарон боло медиданд. Дар байни издиҳоми одамон аз ҳама қадбаланд буд.

Аз Абдураҳмон Абдулваҳоб-тоҷир (1908) Абдураҳим (1910) ва Абдулҳаким (1912), Қанд, Давлатхӯҷа, Майрамбӣ, Гулсунбӣ, Зумратбӣ ба дунё омадаанд.

Домулло Абдураҳмон дар деҳаи Тутак аз дунё даргузашт. Оромгоҳаш дар гӯристони Табариён аст.

НАҚЛ

Замоне ки Шӯриши Восеъ аз бозори Ховалинг ибтидо гирифт, (соли 1888) Абдураҳмон ҷавони тақрибан 20-сола буду аз рӯи қаду қомати баланд ва ғайрату ҷасораташ ӯро мардуми музофот медонистанду мешинохтанд. Мардум Восеъро мулло Восеъ ва Абдураҳмонро Мулло Абдураҳмон ном мегирифтанд. Ҷои машғулияти ҳарду бозори Ховалинг буд. Восеъ равған мефурӯхту Абдураҳмони ҷавон маҳсулотҳои мевагӣ. Бозор дар қарибии Чилчанор, дар қисми офтоббаро ва хонаи амлокдор дар рӯ ба рӯи Чилчанор дар баландӣ, дар қисми офтобшин дар ҷои қалъаи ҳокимнишини ҳокимони Хатлон ҷойгир буданд.

Аз хушксолиҳои пай дар пай мардум танқисӣ мекашиду ба замми он амлокдору намояндаҳои амирӣ барои ситонидани андозҳои зиёди миёншикан онҳоро ором намегузоштанд.

Рӯзе намояндаи амлокдорӣ ва аминоначии бозор ба мардум дарафтода, чанд нафарро латукӯб карданд. Ин ҳолро дида, Восеъи равғанфурӯши дараимухторӣ ба гумоштагони амирӣ дарафтода, ҷазои онҳоро медод, ки ғалоғулла дар бозор паҳн шуд. Дар бозори серодам, ки барои тамоми туманҳои гирду атроф чун марказ ҳисоб меёфт ва аз ҳад серодам буд, хабар ба Абдураҳмон расид ва ӯ, ки аз ҳама қадбаланд буд, аз кунҷи бозор ҷои заду хӯрдро дида фавран он ҷо рафта вазъиятро фаҳмид. Чун мубориза лаҳзае ба золимон идома ёфт, Абдураҳмон чанд танеро дар замин аз по афтонд, ҷӯраҳои паҳлавон ва «личак» – ҳо низ мехостанд ба мадади Восеъ ва Абдураҳмон шурӯъ намоянд. Вале Восеъи ҷасур худаш ҷазои золимонро дода, ғурури ҷавонони ғайратмандро бедор кард.

Баъди задухӯрд Восеъ, Абдураҳмон ва бародари Абдураҳмон Мулло Шариф дуру дароз суҳбат карданд. Шуҳрати Абдураҳмон аз ин рӯз дар музофот дучанд афзуд. Абдураҳмон ва бародараш Мулло Шариф ҳамон сол дар шӯриши Восеъ иштирок карданд…

НАҚЛ

Вақте ки Абдураҳмон дар бозори Ховалинг мерафт, ӯро аз тамоми гӯшаҳои ин бозори бузург ҳама аз рӯи қомати баландаш медиданд. Сару гардани ӯ аз ҳама баланд буд, бинобар он, дар лаҳзаҳои даркорӣ ҳамсояву дӯстонаш дарров ӯро ба осонӣ ёфта дар гирдаш ҷамъ мешуданд.[1]

## АЗ НАҚЛИ БИБИИ МАЙРАМБӢ – ДУХТАРИ ДОМУЛЛО АБДУРАҲМОН.[1]

– Духтарчаи чор – панҷ сола будам, рӯзе ҳамроҳи падарам ба хонаи тағоҳоям, ба деҳаи Сангиуғур ба меҳмонӣ ме-

1 Аз нақлҳои Бобои Бузург, Хол Ислом ва Саидаҳмади Карим. Нақлро соли 1988 навишта будам. Муаллиф.

рафтем. Ман дар пуштораи падари паҳлавонам будам. Дар ана ҳамин роҳи дуру дароз падарам ба гирду атроф тамошо карда ба пеш ҳаракат мекард. Мудом аз Худову Расул (с) ёд карда, раҳораҳ дар вақташ намоз мегузошт…

Чун аз миёни ҷару теппаҳо мегузаштем, медидем, ки дар деворҳои ҷару теппаҳо парандагони зиёде, ба хусус, кафтару гунҷишки ҷарӣ, кркровуку зарғов ва дигар парандаҳо лона доштанду зиндагӣ мекарданд. Равуо, садоҳо ва зиндагии паррандагон аҷиб буд.

Падарам ба он деворҳои пур аз лонаҳо ишора карда, мегуфтанд:

– Бачам, ана, ҳамин парандаҳо низ мисли одамон ҳаёт ба сар мебаранд, хӯрок мехуранд, об менӯшанд… Баъд мебинем, ана ҳамин Ҳукумат – Ҳукумати Шӯравӣ дар ватани мо мисли ҳамин ҷар хонаҳои бисёрошёнаи боҳашамат месозад. Одамон мисли ҳамин парандагон дар хонаҳои худ «ҷув – ҷув» мекунанд. Боз бо амри Худо мавсим тамом шуд, қисмашон ба ҷойҳои дигар мераванд…

Вақте ки калон шудему баъди чандин солҳо хонаҳои баландошёнаро дар Кӯлобу Қӯрғонтеппаву Душанбе дидам, гуфтаҳои падарамро мудом ба ёд меоварам. Дар ҳақиқат, падари паҳлавонам донишманду ҳамеша мулоҳизакор будааст…[1]

## АБДУЛВАҲҲОБ – ТОҶИР
## (1908 – 1033)

Абдулваҳҳоб писари калонии Домулло Абдураҳмон буд. Ӯ соли 1908 дар деҳаи Тутак ба дунё омада, дар назди падару амакон ва мадрасаи маҳаллӣ таълим гирифт. Китобхон, Ҳофизу Бедилхон шуд. Аз асрори илму маърифат баҳравар гардида, пайрави аҷдодони ибратмандаш буд.

Паҳлавонӣ, далериву шуҷоъӣ мероси аҷдодии ӯ ҳисоб

1 Майрамбӣ сокини деҳаи Сарёзии миёна, ноҳияи Кӯлоб буд. Соли 1924 дар деҳаи Тутак ба дунё омада, соли 2002, дар сини 78 солагиаш аз дунё даргузаштааст. Оромгоҳаш дар гӯристони Ҳазрати Хоҷа Исҳоқи Валӣ мебошад. Нақлро аз даҳони шоир Одина Раҳмон ва дигарон навиштаам. Муаллиф.

меёфт ва ӯ низ дар маъракаҳои гуштингирӣ гуштин гирифта, шарафи аҷдодони худро боло мебардошт.

Ӯ дар ҷавонӣ тоҷириро ба худ касб намуда, фориғ аз корҳои деҳқониву боғдорӣ ба тиҷорат шуғл меварзид. Чун падараш дар бозори машҳури Ховалинг равуо дошта, аз пайи тиҷорат мешуд. Гоҳҳо тоҷирони маҳаллӣ ӯро ҳамчун паҳлавону ҷасоратманд бо худ ба шаҳрҳои аз диёр дур, ба мисли Самарқанду Бухорову Қӯқанд ҳамроҳ мебурданду меоварданд, ки ин аз хотири паҳлавонии ӯ буд.

Абдулваҳҳоб низ дӯстдори илму адаб буда, аз ашъори гузаштагонаш бисёр медонист ва дар маҳфилу маъракаҳо чун гули сари сабад маъракаоройӣ мекард. Аз сафару тиҷорат ва ободии шаҳру диёри дидааш ба мардум нақлҳо менамуд.

Абдулваҳҳоби ҷавон умри кӯтоҳ дида, дар солҳои пуршӯр ҳаёт ба сар бурда буд. Ӯ соли 1933 дар деҳаи Тутак аз дунё даргузашта, оромгоҳаш дар гӯристони деҳаи Табариён аст. Аз вай мерос ёфт нашуд.

## МУЛЛО АБДУРАҲИМ (1910-1992)



Ин шахси донишманд аз Домулло Тилло як сол калон буд. Ӯ низ дастпарвари мадрасаи маҳаллӣ мебошад. Дар назди падараш Домулло Абдураҳмон ва писарамакҳояш таълим гирифтааст. Бахусус, шогирди дӯстдори Мулло Мирзои амакаш буд.

Мулло Мирзо Абдураҳимро дӯст медошт ва борҳо таъкиду васият карда буд, ки сарҷамъӣ ва ворисии авлодро дар симои ту ва фарзандонат мебинам. Худ боз ҳам хубтар биомӯз ва фарзандони худ ва дигаронро аз илм бархӯрдор намо.

Мулло Абдураҳим шахси босавод, хушзеҳн, боистеъдод, далеру шуҷоъ буд. Ӯро писари домулло гуфта, ба ҶБВ набурданд. Ва бо Домулло Тилло дар як вақт ба баталиони коргарӣ ҳар дуро гирифтанд. Ӯ низ дар вилояти Свердловски Сибир аз соли 1943 то соли 1944 дар баталиони коргарӣ

хизмат кард. Домулло Тилло бошад, баъдтар аз ӯ ҷавоб шуд.

Мулло Абдураҳим то соли муҳоҷиркунӣ – 1951 дар деҳаи Тутак зиндагӣ карда, дар колхоз кор мекард. Пас бо аҳли оилааш ба деҳаи Сарёзии миёнаи ноҳияи Кӯлоб кӯчид ва то охири умр 14 апрели соли 1992 он ҷо зист. Ҳоло оромгоҳаш дар гӯристони Мазори Ҳазрати Хоҷа Исҳоқи Хатлонист.

Барои тақвият бахшидани фикр аз достони «Азони ҳақиқат»-и шоир Одина Раҳмон пораеро бо номи «Ҳикояти ба дунё омадани Абдураҳим ва дар гӯшаш азон додани бобояш Шайхи Мулло Давлати Тутакӣ» меорем:

Ҳикоят гӯш кун эй марди доно,
Шавӣ дар маърифат зӯру тавоно.
Чу Оймхол – он фарзанди сонӣ,
Бизову базм шуд, базми ҷаҳонӣ.

Ва садри базми ӯ буд қиблагоҳаш,
Ҳамон шайхе, ки буд пушту паноҳаш.
Ҳамон шайхе, ки буд устоди дониш,
Бидода дар ҷаҳон ӯ доди дониш.

Ҳамон шайхе, ки донои замон буд,
Ба нону бо намак олинишон буд.
Ҳамон шайхе, ки ошиқ бар Худо буд,
Ҷавонмарду сахиву бовафо буд.

Буд ӯ шогирд бар шайхи Зелолак,
Хати иршоди ӯ будаш муборак.
Ва садри базм буд он шайхи доно,
Ба дониш муътабар, зӯру тавоно.

Ба гӯши тифли навзод ӯ азон дод,
Ба номи Ҳақ варо гӯӣ, ки ҷон дод.
Ба гӯши тифл номи Ҳақ расида,
Нафас аз «Ҳақ» ба нафаси ӯ чакида.

Зи номи «Ҳақ» вуҷудаш тоза гардид,

Нахустин бор ӯ «Аллоҳ» бишнид.
Замираш, дар ҳақиқат, пурҷилло шуд,
Вуҷудаш манбаи нуру зиё шуд.

Ва ном Абдураҳимаш монд бобо,
Ки то гардад ғуломи Ҳақ ба дунё.
Шавад «абд»-и Раҳим дар зиндагонӣ,
Кунад хизмат ба Раҳмон ҷовидонӣ.

Ва то дусолагӣ бобои доно,
Намудӣ тарбия он тифли зебо.
Ба ӯ оби даҳони хеш додӣ,
Муборак илми хайрандеш додӣ.

Ба роҳи маърифат додӣ дуояш,
Шиносад ҷовидонӣ то Худояш.
Чу ӯ дусола шуд, Шайх аз ҷаҳон рафт,
Ба номи муътабар, олинишон рафт.

Навадсола буд он шайхи батадбир,
Навадсола ба дусола будӣ пир.
Иҷобат шуд дуои шайхи доно,
Ки шуд ин тифл бас зӯру тавоно.

Ба ҷуз ин, тифл худ Раҳмоналӣ дошт,
Ду фарзанди дигар мисли валӣ дошт.
Яке Абдулваҳҳоб, пури калонӣ,
Дигар Абдулҳаким, пайванди ҷонӣ.

Падар, Абдулваҳобаш бар тиҷорат,
Дуо додӣ, ки то созад иморат.
Ва бар Абдураҳим деҳқонӣ омӯхт,
Каримию сахо арзонӣ омӯхт.

Ва бар Абдулҳаким ҳикмат биомӯхт,
Саводу илму маърифат биомӯхт.
Аз он се тан барои ӯ фаҳим монд,

Азобе бар сараш марди карим монд…[1]

Мулло Абдураҳим бо Ҳарамгул ном духтар соли 1938 издивоҷ намуда, аз онҳо Бобохон, Маҳрамбӣ, Абдуҷаббор ва Ойҷонбӣ ба дунё омадаанд. Аз Абдураҳим ва Ҳарамгул чанд муддате фарзанд ба дунё намеояд. Бинобар он бо маслиҳат ӯ соли 1946 бо Гулшанбӣ ном зане хонадор мешавад. Аз Гулшанбӣ Розиямоҳ ва Марзиямоҳ ба дунё омадаанд. Пас аз фавти Гулшанбӣ Абдураҳим ба Бибиҷони духтари аммааш хонадор шуд, аз онҳо се писар ва се духтар – Сабзамоҳ, Одинахӯҷа, Муҳаммадӣ, Иброҳим, Моҳтобӣ ва Гавҳарбӣ таваллуд ёфтаанд.

Бобохон хонда, касби омӯзгориро пеша намуд ва солҳои зиёд ба халқу Ватан хидмат намуд. Ҳоло ӯ дар нафақа буда, давлати пирӣ меронад ва дар деҳаи Сарёзии миёна ҳаёт ба сар мебарад.

## БОБОХОНИ АБДУРАҲИМЗОДА

Соли 1939 дар деҳаи Тутаки ҷамоъати Охтераки ноҳияи Ховалинг дар оилаи деҳқон Абдураҳими Раҳмон ба дунё омадааст. Модари Бобохон Ҳарамгул ном дошт.

Бобохон писари калони хонадон аст. Аз ин рӯ, дар хурдӣ дӯстор ва эркаи падару модар буд. Абдураҳим фарзандаш Бобохонро ниҳоят дӯст медошт. Ба ӯ тамоми илму ҳунар ва маърифатро меомӯзонд.

Бобохон тамоми сураҳои намозро бо ҳуруфоти арабӣ аз падараш омӯхта буд. Алакай дар синни даҳсолагияш бо тавсияи падар намозҳои худро пинҳонӣ адо мекард. Ӯ падаршро чунин ёдовар мешавад:

– Падарам манро ниҳоят дӯст медошт. Дар кӯдакӣ ба ман шириниҳои бисёре аз Кӯлобу Душанбе меовард. Мувофиқи табъи падарам беҳтарин либосҳои аврупоиро мепӯшидам. Ӯ ба ман боре костуму шими ба гуфти худаш «Кавикорд» харида буд, ки дар байни бачаҳо дар Ховалинг

---

1 Аз китоби Одина Раҳмон «Чакомаи Кӯлоб», «Сада», 2006, саҳ. 94-95.

як ман чунин кастюму шим доштам.

Модарам баъд аз таваллуди ман духтарчае таваллуд мекунад, ки падарам ба ӯ номи дӯстдоштааш Маҳрамбиро мегузорад. Ин соли 1940 буд. Модарам нақл мекунад, ки падарамро соли 1943 бо сабаби бародари «душмани халқ» буданаш ба ҷанг нагирифта ба баталиони коргарӣ дар ақибгоҳ ба аскарӣ даъват мекунанд. Ҳангоме ки падарам дар баталиони коргарӣ хизмат мекард ман шашсола ва хаҳарчаам чаҳорсола будем. Ба ҷуз аз мо дар хонаи мо сағераҳои амаку амакзода ва хешони падарам, Мустафо ва апааш Гулчеҳрамо аз худораҳматии амакам Шукур зиндагонӣ мекарданд. Ҳалим, Зилламоҳ, Шамсиямоҳ, махсуми Набӣ, аз фарзандони амаки падарам Шайхи Домулло Мирзои Тутакӣ, Мирзобақо ва Сайидмуҳаммад аз амаки дигари падарам Зуҳур, Парчамоҳ, Абдусаммад аз амаки Мулло Шариф ва аммаҳоям Марямбӣ, Гулсунбӣ ва Зумратбӣ дар як давра зиндагӣ мекардем. Модарам ҳама ин номбаркардагиҳоро баробари ман дӯст медошт ва ҳурмат мекард. Масалан, нисбати ман ба акаам Мустафо, ки писари амаки худораҳматии Шукур буд, нони калонтар, шир ё ширчойи бисёртар медод, ки ман нисбати ин рафтори модарам рашк бурда гоҳ-гоҳе қаҳр мекардам.

– Қаҳр накун писарам – мегуфт модарам – Мустафо нисбати ту калонтар ва бузбала аст. Дуюм ин, ки сағера аст. Ҳамаи ин сағераҳо хешу табори падарат мебошанд. Агар онҳо аз гуруснагӣ шикоят кунанд номи мо бад мешавад. Дигар ин, ки Мустафо барои говҳо алаф меорад. Дар кору бори хона ба ман ёрӣ медиҳад. Бачаи хуб аст Мустафо.

– Эй Мустафо, эй бародари азиз! Ҷоят ҷанат бошад. Модарам туро чун фарзанди ҷигарбандаш дӯст медошт.

Падарам дар баталиони меҳнатӣ буд, модарам ҳамроҳи амаҳоям ва баъзан духтарону бачаҳои калонтари амакҳои падарам дар ақибгоҳ дар колхози «Ударник» мардонавор кор карда, мо ва он сеғераҳои амаку амакзодаҳоямонро гурусна ва хоршавӣ намемонданд. Мардум дар он солҳои сахт шабу рӯз меҳнат мекарданд. Хишова ва дарави алафу

гандум, корҳои саҳро ниҳоят вазнин буд. Ҳатто ҳафтаҳо модарам, ки яке аз «Стахоновка»-ҳои колхози «Ударник», Ҷамоати Охтерак буд, ба хона омада наметавонист. Боре нонамон дар хона тамом шуда буд. Касе аз мо нон пухта наметавонист. Модарам дар дарав, дар сари замин буд. Даравгарон шабу рӯз дар он ҷо кор мекарданд, ба хона омада наметавонистанд. Ман шашсола будаму Мустафо ҳаштсола, хоҳарчаам Маҳрамбӣ чорсола ва дигарон хурду калон буданд. Гову моли бисёре доштем. Ширҳои говҳо, ки гоҳ гоҳе онҳоро як кампираки ҳамсоя меҷӯшид, чанд рӯз нопухта дар чахдеку хурмаҳо буд. Мустафо рафта вазъияти хонаро ба модарам гуфт. Бечора модарам соатҳои даҳи шаб аз кор гурехта ба хона мояд. Вазъияти ниҳоят тоқатфарсо буд. Омада он шаб сару либосҳои ҳамаи моро мешӯяд ва ҳамон шаб то дами саҳар хамир мекунад. То рӯз ширҳои чамъшударо дар деги калон андохта мепазад. Дар чакдон алов мемонад дар ҳамин ҳолат бригадири колхоз Эшони дароз омада модарамро дашномҳои бисёр дода бо қамчин мезанад. Хамирашро, ки нимколарас буд дар даруни чагдони пуроташ мерезад. Деги калони ширро чапа мекунад. Ба гиряву нолаҳои мо кӯдакон раҳмаш наомада модарамро бераҳмона бо лағату қамчин мезанад. Мо ҳама кӯдакон доду фиғон мезанем. Имдод меҷустем. Касе ба додамон намерасид. Аз доду фарёд ва қамчинкориҳои зиёди бригадири беэмон хоҳарчаам Марҳамбӣ тарсида касал мешавад ва дар сини чорсолагиаш вафот мекунад. Падарам он солҳо дар баталёни коргарӣ дар Сибир буданд.

Баъди вафоти хоҳарам падарам аз аскарӣ бармегарданд, модарам то соли 1947 дигар соҳиби фарзанд намешаванд ва падарам ба хотири фарзандор шудан зани дигар мегирад ва бо шарофати зани нави падарам модарам аз нав фарзандор мешавад. Соли 1947 додарам Абдуҷаббор ва соли 1950 хоҳаронам Ойҷонбӣ ва Марзиямоҳ аз модари дигарам ба дунё меоянд...

Бобохон Абдураҳимзода мактаби миёнаи ба номи Сталини (маркази) ноҳияи Ховалинг, омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб (1960 – 1962), факултаи физика-математикаи Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб (1977) ва Донишгоҳи

аграрии Тоҷикистон (Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон)-ро (1980) хатм кардааст.

Ӯ солҳои 1962-1964 дар мактаби деҳаи Чуқураки ноҳияи Ховалинг, солҳои 1964 – 1967 дар мактаби ба номи Чапаев ва солҳои 1967 – 1997 дар мактабҳои миёнаи деҳаи Сарёзии ноҳияи Кӯлоб омӯзгори дараҷаи олӣ ва директори мактаб шуда фаъолият намудааст.

Солҳои 1997 – 2007 то ба нафақа рафтанаш сардори бригадаи саҳроии хоҷагии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буд.

Ӯ шогирдони зиёдеро ба шоҳроҳи ҳаёт ҳидоят намудаст. Аз ҷумла ӯ ба номзади илми математика – А.Ҷӯраев, номзади илми кишоварзӣ – Саидмуҳиддин Сафаров, Абдусаид Раҷабов – иқтисодчӣ ва ходими давлатӣ, Раҳим Каримов – омӯзгор, Карим Шокиров – духтур ва бисёр дигарон ҳаққи устодӣ доранд ва онҳо аз ин устоди сахтгиру меҳрубон миннатдор буда, мудом аз аҳволу зиндагиаш хабар гирифта дар ҳақаш суханони нек мегӯянд. Вай имрӯз дар нафақа буда, давлати пирӣ меронад ва чун гузаштани донишманду ҷасоратманд ва ибратманди худ гули сари сабади маҳфилу маъракаву ҷамъомадҳост.

Ин марди барӯманд, устоди асил, кишоварзи мумтоз соли 1996 маросими Ҳоҷӣ Акбарро баҷо оварда, ҳоҷӣ мебошад.

Ҳоҷӣ Бобохони Абдураҳимзода соҳиби 10 фарзанди баркамоланд.

Писаронаш: Абдусатор, Бобоҷон, Ҷӯрахон, Исохоҷа ва Асомуддин, духтаронаш: Ҷавҳарбӣ, Султонбӣ, Зулайхо, Арафамо ва Гулсара мебошанд.

Ин шеър бо қалами бародараш Одинаи Раҳмон дар сифоти Ҳоҷӣ Бобохон мебошад :

Бародар, Ҳоҷӣ Бобохон, Худо бошад нигаҳбонат,
Ба гӯшу ҷони мо ояд муборак ҳарфи Қуръонат.

Чу ту бодину боимон надидам дар ҷаҳон фарде,
Чу гавҳар тоза бошад дар ҷаҳон виҷдону имонат,

Ҳалиму меҳрубон ҳастӣ, азизу хушзабон ҳастӣ,
Бихонам ин ҳама меҳру вафоро ман зи чашмонат.

Аҷоиб марди поку муъмини парҳезкорӣ ту,
Нагандидӣ дар ин дунё барои нафс домонат.

Шикастанафсу бо шукру сабурӣ меҳрубон бошӣ,
Забони Ҳақ ба ҳар маҳфил кушода сад санохонат.

Биомӯхтӣ ту бо панди падар илму маъониро.
Аз ин рӯ, шӯълавар бошад ба дунё илму ирфонат.

Чароғон кардаӣ роҳам, аё устоди беминнат,
Равонам ман ба шоҳроҳи дурахшону фурӯзонат.

Кунӣ шукронаи фарзандҳои боҳунар ҳар дам,
Зи Бобоҷону аз Абдусатору Ҷӯраи ҷонат.

Зи Исохӯҷаю Ассомуддину ҷумла духтарҳо,
Кунӣ шукри набера, аз Алиҷону Амирҷонат.

Ту бобоиву Бобохон бигӯянд ҷумла фарзандон,
Ҳама гӯшат намоянду азиз астӣ ба хешонат.

Ба хони ман зи эҳсони ту сад нону намак бошад,
Карим ҳастӣ, Худо дода ба ту моли фаровонат.

Манам як додари ту, мекунам шукронаат сад бор,
Бидон, ки ифтихори ту кунад Одина Раҳмонат. [1]

---

[1] Дар бораи Мулло Абдураҳим, фарзандон ва наберагони ӯ писари ин шахси наҷиб – шоир Одина Раҳмон бо номи «Азони Ҳақиқат» достони таърихӣ – ирфоние ба қалам додаст, ки дар он тамоми паҳлуҳои зиндагинома, ибратмандӣ ва бузургии ин хонадон ба таври возеҳ акс меёбад. Бинобар сабаби дар китоби алоҳида ба табъ расидани ин достон ва дигар будани мақсаду муҳтавон китоби «Шоҳимардиён» мо дар ин асар ҷо намудани достони «Азони Ҳақиқат»-ро раво надонистем.

# АБДУҶАББОР ЗАРДИЕВ
## Корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон



Абдуҷаббор Абдураҳимович Зардиев яке аз симоҳои барҷастаи Тоҷикистон мебошад.[1]

Ӯ 4-уми сентябри соли 1947 дар деҳаи Тутак ба дунё омадааст. Вале бо тақозои замон оилаи онҳо ба деҳаи Сарёзии миёнаи ҳозира колхози ба номи Саид Алии Ҳамадонии ноҳияи Кӯлоб кӯчид.[2]

Абдуҷаббори ҷавон баъди хатми мактаби миёнаи деҳаи мазкур ба Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1970 бо ихтисоси агроном-иқтисодчӣ бомуваффақият тамом кард.

Баъди хатми донишкадаи олӣ соли 1970 ба диёри хеш баргашта, дар собиқ колхози «Ленинград» – ҳозира хоҷагии ба номи Саийд Алии Ҳамадонии ноҳияи Кӯлоб то моҳи марти соли 1971 иқтисодчӣ ва аз моҳи апрели соли 1971 то моҳи августи соли 1978 дар вазифаи сариқтисодчии хоҷагӣ кор кард. Маҳз ба туфайли малумоти хуби касбӣ, қобилияти кордонӣ ва лаёқати роҳбарӣ доштанаш ӯро моҳи августи соли 1978 ба ҷонишинии раис ва моҳи феврали соли 1982 ба вазифаи сарвари хоҷагии ба номи Сайид Алии Ҳамадонии ноҳияи Кӯлоб интихоб намудаанд, ки ӯ дар ин вазифа солҳои дароз, то моҳи апрели соли 2004 кор карда, ҳамчун

---

Муаллиф.

1. Абдуҷаббор писари Мулло Абдураҳим буда, аз сабаби тақозои замон насаби ӯ ба номи бобои модариаш, яъне ба номи падари модараш гузошта шудааст. Зардӣ номи бобои модариаш мебошад.
2. Абдуҷаббор Зардиев дар деҳаи Тутаки ноҳияи Ховалинг ба дунё омада бошад ҳам, аз сабабе дар ҳуҷҷатояш ҷои таваллудаш деҳаи Сарёзии миёнаии ноҳияи Кӯлоб навишта шудааст, дар китобҳо ва ё ҳуҷҷатҳои расмӣ низ ҷои таваллудаш Сарёзии миёна нишон дода шудааст.

раиси намунакор ва шахси фарҳангӣ шуҳрат пайдо кард.

Хоҷагии ба номи Саийд Алии Ҳамадонӣ дар солҳое, ки Абдуҷаббор Зардиев сарварии онро ба ухда дошт, яке аз хоҷагиҳои калонтарини пахтакорӣ, ғаллакорию чорводорӣ на танҳо дар ноҳияи Кӯлоб, балки дар тамоми вилояти Хатлон ва сар то сари ҷумҳурӣ овозадор гардид. Дар солҳои роҳбариаш хоҷагӣ ҳамчун хоҷагии махсуси тухмипарварӣ дар соҳаҳои пахтакорӣ, ғаллакорӣ ва чорвои зотӣ ба мактаби таҷрибаи пешқадам табдил ёфт. Аз навъҳои нави тухмӣ, пахтаю ғаллаи коридашуда комёбиҳо ба даст оварда шуд, ки аксар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ бо ин васила ба тухмиҳои хушсифат ва чорвои зотӣ таъмин карда мешуданд.

Ба мушкилиҳои давраи гузариш нигоҳ накарда, дар хоҷагӣ саршумори чорвои зотӣ ва базаи моддии техникии хоҷагӣ пурра нигоҳ дошта шуд ва қисми зиёди паркҳои тракторӣ бо техникаҳои нави ҳозиразамони кишоварзӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Сатҳу сифати корҳои агротехникӣ дар хоҷагӣ ҳамаҷониба пурмаҳсул гардонида шуд.

Аз соли 1995 хоҷагӣ яке аз аввалинҳо шуда, дар соҳаи пахтакорӣ ба тариқи таҷрибавӣ ба кишту коркарди байни қаторҳои 90-сантиметра гузашт, ки ин таҷрибаи пешқадам натиҷаи хубу дилхоҳ дод. Аз соли 1996 сар карда, хоҷагӣ сад фоиз ба кишти пахтаи байни қаторҳояш 90 - сантиметра гузашт, ки то ҳол ҳосили баланди пахта рӯёнида мешавад.

Бо ташаббусу роҳбарии Абдуҷаббор Зардиев шашсаду панҷоҳ гектар заминҳои бекорхобидаи ноҳияи Бешкент (ҳозира Носири Хисрав) аз худ карда шуда, пахта ва дигар зироатҳои хоҷагии қишлоқ кишт ва парвариш карда мешавад. Инчунин 300 гектар замини бекорхобидаи лалмӣ дар мавзеи Олимтой аз худ карда шуда, холо он ба манбаи истеҳсоли маҳсулоти ғалладона ва полезӣ табдил дода шудааст.

Дар соҳаи ғаллакорӣ низ ҳамчун хоҷагии тухмипарварӣ навъҳои нави тухмиҳоро санҷида, парвариш карда, ҳосили рекордӣ рӯёнида мешавад. Дар кишти зироатҳои ғалладона навъҳои нави серҳосил ва пешпазак истифода бурда меша-

вад. Масалан, дар натиҷаи кишт намудани тухмии навъи «Жагер» ва «Ҷайҳун» хоҷагӣ тавонист, ки аз ҳар гектар 35 то 50 сентнерӣ ҳосили ғалла рӯёнад. Солҳое буданд, ки дар натиҷаи пурмаҳсул истифода бурдани заминҳои обию лалмӣ, талу теппаҳо ва заминҳои посира ба ҳар як сари оила якуним тонна ғалла рост меомад, ки ҷамъ чор-чоруним ҳазор тонна ғалларо ташкил медод.

Гирифтани ду ҳосил дар заминҳои обии хоҷагӣ бо ташаббуси ин роҳбари кордону соҳибтаҷриба ба меъёри корӣ табдил ёфтааст.

Сабзаворкорӣ дар хоҷагӣ таввасути роҳбарии ӯ яке аз соҳаҳои сердаромад ба ҳисоб рафта, ба аҳолии шаҳру ноҳия сабзавоти тару тоза дар ҳама фаслҳои сол расонида мешавад.

Бунёди боғ ва боғдорӣ яке шуғлҳои дӯстдоштаи Абдуҷаббор Зардиев мебошад. Бинобар он, бо ташаббуси ӯ дар деҳаҳои Пистамазор, Зиракӣ, Офтобликӯ ва Ҷангалбошӣ боғҳое бунёд шудаанд, ки имрӯз самари дилхоҳ дода истодаанд. Бисёре аз ин боғҳо дар теппаҳои нишебиашон аз 90 дараҷа баланд ҷайгиранд, ки ба табиат ҳусни тоза бахшида, теппаҳоро аз харобшавӣ нигоҳ медоранд. Таҷрибаи пешқадами роҳбарии Абдуҷаббор Зардиев ҳамчун намунаи ибрати хоҷагидорӣ дар байни дигар хоҷагиҳои шаҳру ноҳия ва ҷумҳурӣ паҳн гардида, самар додааст.

Дар баробари ин комёбиву бурдбориҳо худи ӯ низ ҳамчун устоди соҳаи пахтакорӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он шуҳратманд мебошад.

Абдуҷаббор Зардиев дар тӯли тамоми фаъолияти меҳнатиаш ба кори сохтмону ободонӣ аҳамияту диққати аввалиндараҷа додааст.

Маҳз бо ташаббусу дастгирии ӯ дар ҳудуди хоҷагӣ ташкилоти сохтмонии худӣ фаъолият кард, ки ба воистаи он як қатор иншоотҳои хурду калон, аз ҷумла, Қасри фарҳанги хоҷагӣ, беморхонаи минтақавии Ҷеркалъа, мактабҳои миёнаи 20, 28, 29, 36 ва 39, боғчаи бачагони доимоамалкунандаи дуошёна дар деҳаи Офтобликӯ, бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ дар деҳаҳои Сарёзии боло, Сарёзии миёна, Сангпар, Ҳакимобод, Гулбоғ, Маҳмадалӣ Ғаффор ва

деҳаи Пистамазор ба истифода дода шуд.

Ғайр аз ин, сохтмони зиёда аз 500 хонаҳои истиқоматии типпи замонавӣ дар деҳаҳои Зиракӣ, Ҳакимобод, Сарёзии миёна, Сарёзидашт ва Ҷерқалъа, сохтмони идораи дуошёнаи раёсати хоҷагӣ, мақбараи Хоҷа Абӯисхоқи Хатлонӣ, масҷидҳои деҳаҳои Зиракӣ ва Сарёзии миёна, сохтани роҳи Ҷеркалъа – Пистамазор дар масофаи 7 километр, таъмиру тармими тамоми роҳҳои дохили хоҷагӣ, кандану барқарор кардани зиёда аз 20 адад чоҳҳои обкашӣ, таъмини оби нӯшокӣ ва хатҳои барқ дар деҳаҳои хоҷагӣ, азхудкунии зиёда аз 600 гектар санглохзаминҳо ва мубаддал намудани онҳо ба заминҳои корами обӣ, сохтани заводи пахта ва боз зиёда аз садҳо сохтмонҳои дигари ба истифодадодашуда аз маҳсули заҳмат, кӯшишу ғайрати бунёдкориву накӯкориҳои ин марди бузург башорат медиҳанд.

Дараҷаи зисту зиндагонии аҳолӣ бошад, ҳамеша дар мадди назари Абдуҷаббор Зардиев буда, барои баланд шудани сатҳи зиндагии халқ доимо кӯшиш менамояд.

Дар баробари ин гуфтаҳо, ҳиссаи хоҷагӣ дар ғанӣ гардонидани буҷаи мамлакат хеле калон аст.

Тавассути роҳбарӣ ва кордонии ин марди наҷиб хоҷагии ба номи Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 2003 ба медали тилло аз ҷониби Раёсати бунёди байналмилалӣ «Барои сифати баланд дар кори амалӣ» дар шаҳри Женева сарфароз гардонида шуд.

Абдуҷаббор Зардиев марди бомаърифату бофарҳанг хоксору некандеш, хирадманду оқил буда, чун дигар гузаштагони бузургаш бо зиёиён, олимону донишмандон ва аҳли қалам таваҷҷуҳи хоса дорад. Онҳо низ ӯро ҳамчун шахсияти бофарҳангу бомаърифат мешиносанду ҳурмату эҳтиром мекунанд ва дӯсташ медоранд.

Солҳои тулонӣ бо аҳли қалам, аз ҷумла адибони машҳур Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Фотеҳ Ниёзӣ, шоирони маҳбуби зинданом: Шоирони халқии Тоикистон Лоиқ Шералӣ, Ашӯр Сафар, Қутбӣ Киром, шоир ва Нависандаи халқии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ, Нависандаи халқии Тоҷикистон

Абдулҳамид Самад, Шоирони халқии Тоикистон Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Гулрухсор, Сайдалӣ Маъмур, Гулназар, Зулфия Атоӣ, Раҳмат Назрӣ, адибон Норинисо, Жола Бадеъ, Хосият Вализода, Ҳадиса, Гули Зард, нависанда Ҷонибек Акобиров ва дигар адибони хушқалами миллат дӯстии наздик дошту дорад. Маҳз бо таввасути кордонии ин роҳбари бофарҳанг гузаронидани вохӯрию чорабиниҳо аз эҷодиёт ва ашъори шоирони тоҷик дар миқёси хоҷагӣ ба ҳукми анъана даромадааст.

Бо ташаббуси шахсии ӯ барои посдошти хотираи шоири бузурги миллат шодравон Лоиқ Шералӣ дар теппаи деҳаи Зиракӣ боғеро бо номи «Боғи Лоиқ» бунёд гардид, ки он алҳол ба яке аз ҷойҳои зеботабиату дӯстдоштаи мардум табдил ёфтааст. Хушбахтона, имрӯзҳо дарахтони сояафкани боғ ҳуснорои теппа гардида, дарахтони мевадиҳандааш ба самар расида, боровар шудаанд. Қасри фарҳанги зебову барҳавои хоҷагӣ, ки бо усули миллӣ гулкорӣ шудааст, номи Лоиқ Шералиро дорад. Осорхонаи Лоиқ дар шафати он ба ҷойи дӯстоштаи мардум табдил ёфтааст.

Ин ва дигар хислату мароми Абдуҷаббор Зардиев аз он бошарат медиҳанд, ки ӯ худшиносиву худогоҳӣ, дилбохтагӣ ба илму адаб ва дигар паҳлуҳои ҷавҳари ақлониву ҳаётии худро аз гузаштагони бофарҳангаш мерос гирифтааст. Мероси гаронбаҳову гаронмояи аҷдодии ин марди бузург мисоли равшани худшиносии мардуми тоҷик аст.

Пас аз дидану фаҳмидани ин гуфтаҳо кас эҳсос менамояд, ки чун гузаштагонаш Абдуҷаббор Зардиев ба илму адаб ва фарҳанг ва бузургони ин соҳаҳо дилбохтагии беинтиҳо дорад...

Дар боби меҳнати ҳалол пурсамар, маърифати баланд ва хислатҳои неки исносии ӯ чандин мақолаву шеърҳо, очерку лавҳаҳои телевизионӣ, китобҳо ва асарҳои саҳнавӣ навишта шудааст, ки онҳо дар тарбияи маънавии мардум ва кушодани симои инсонҳои намунакор мавқеи хоса доранд.

Абдуҷаббор Зардиев ҳамчун роҳбари соҳибтаҷрибаю хирадманд, устоди донову сахтгир дар муддати роҳбарии бисёрсолааш шогирдони зиёдеро тарбия карда, ба воя расони-

дааст, ки ҳоло дар соҳаҳои гуногун дар сатҳи вилояту ҷумҳурӣ кору фаъолият намуда истодаанд. Ӯ дар қатори шогирдони ухдабарояш ҳамеша аз пирону устодони худ шодравон Ҳаким Бобоев, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Пирак Нуров, Устоди пахта ва Қаҳрамонони меҳнат бобои Мирлӣ Маҳмадалиев, Абдуғаффур Самадов, Хоҷа Бобоев, Хатича Мирзоева ва чанде дигарон сипосгузориву минатдорӣ баён менамояд.

Бояд ишора намуд, ки бузургон аз бузургон ба дунё меоянд. Маҳз меҳнати бисёрсола ва содиқонаи ин бузургмард ба нафъи халқу Ватан равона карда шуда, ин меҳнатдӯстиву комёбиҳои ӯ бо орденҳои «Исмоили Сомонӣ», «Дӯстии халқҳо», медал «Барои меҳнати шоён», унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» ва садҳо раҳматномаҳо ва мукофотҳои дигар сарфароз гардида шудааст. Абдуҷаббор Зардиев ҳамчун беҳтарин корманди соҳаи кишоварзӣ дар ҳайати намояндагони Тоҷикистон борҳо ба давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла ба як қатор давлатҳои Аврупо, ИМА ва Осиё сафар намудааст.

Аз ҷумла ӯ ба Эрон, Сурия, Ироқ, Қувайт, Хитой, Голландия, Белгия, Франсия, Олмон, Сурия, Полша, Туркия, Малайзия, Бағдод, Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва дигар мамлакатҳои олам сафар карда, ба кору бор, зиндагӣ ва ҳаёти мардум ошно гардидааст. Борҳо ба Самарқанду Бухоро, Хуҷанд, деҳаи Мазори Шариф – зодгоҳи Лоиқ дар Панҷакент ва дигар гӯшаҳои Осиёи Марказӣ сафар кардааст.

Ӯ вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии № 132-и Зиракии ноҳияи Кӯлоб (даъвати якум) буд ва замони иншои ин китоб узви Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Акс дар қатра ҳам пурҷило мешаваду медурахшад. Маҳз меҳнату кордонии Абдуҷаббор Зардиев пурҷило мебошад. Ин буд, ки Президенти мамлакатамон Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заҳматҳои пайваста, меҳнатдӯстӣ, корнамоиву ғайратмандӣ ва кордонии Абдуҷаббор Зардиевро ба эътибор гирифта, ӯро аз моҳи апрели соли 2004 ҳамчун намо-

яндаи Президент дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб ба вазифаи раисии шаҳру ноҳия таъйин намуд. Абдуҷаббор Зардиев аз рӯзи интихоб шуданаш ба вазифаи раиси шаҳру ноҳияи Кӯлоб пайваста кӯшиш дошт, ки супоришҳои сарвари давлатро сари вақт барои ободонӣ ва пешрафти корҳои давлатдорӣ иҷро намояд. Маҳз тавассути роҳбарии Президент ба ситоди ҷумҳуриявии ҷашни 2700-салагии Кӯлоб ӯ корро дар ин самт ба дараҷаи нави пешравии суръат ва сифат табдил додааст. А. Зардиев дар шаҳр корро аз тозагӣ оғоз бахшид ва дар як муддати кӯтоҳ тамоми кӯчаву паскӯчаҳо аз партовҳо тоза карда шуда, саъю кӯшиши мардумро барои «Кӯчаи намунавӣ», «Хонаи намунавӣ», «участкаи наздиҳавлигии намунавӣ» боло бурд ва бо ин мақсад пайваста бо мардум вохӯриҳо ташкил намуда, бо гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ аз вохӯриҳои ҷомеавӣ то шахсиро ба роҳ монд.

Ӯ то дергоҳи шаб мардуми ба мурочиат наздаш омадаро қабул мекард ва кори имрӯзаро ҳеҷ гоҳ ба фардо намегузошт. Аз ҷумла, ташкили вохӯрӣ бо соҳибкорон, конференсия бо шӯроҳои ҷомеавӣ ва қабули мурочиатнома бо имзои ҳизбҳои гуногун ва шӯроҳои ҷомеавӣ дар байни мардуми шаҳр ва вилояту ҷумҳурӣ ҳамовозии калонро ба амал овард, ки ин барои фазои муътадили рӯҳии шаҳр ва ободонии он заминаи мустаҳкам гардид.

Дар ин бахш даҳҳо маҷлисҳо, суҳбат, вохӯрӣ ва чорабиниҳои хурду калонро метавонем номбар кард, ки онҳо ба вазъи умумии мардум ва кору фаъолияти он таъсири мусбӣ бахшид.

Махсусан чорабиниҳое, ки ба муносибати ҷашни пуршукӯҳи 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ таҷлил ёфтанд, ҷиҳати бузурги худшиносиву худогоҳӣ ва тарбиявӣ доштанд. Аз ҷумла, чорабинии «Таронаи чакан» аст, ки ин чорабинии фарҳангию сиёсӣ дар ҷумҳурӣ нахустин бор баргузор гардида, мазмуни як асари мукаммалеро дар ҷодаи худшиносиву худогоҳӣ дошт. Маҳз дар бобати амалӣ гардонидани ин ва ҳамин қабил чорабиниҳои ҷашнӣ саҳми ин бузургмард ва дигар фаъолони ватандӯст хеле калон буд.

Дар ин солҳои пурфайзи ҷашнӣ дар баробари сазовор

пешвоз гирифтану таҷлил намудани 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ, 15-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, 2006 – Соли бузургдошти тамаддуни орёӣ, форуми навбатии тоҷикон ва форсизабонони дунё низ бо дастовардҳои бузурги меҳнативу оқилона пешвоз гирифта шуданд. Дар муддати қариб се соли корӣ Абдуҷаббор Зардиев дар шаҳри Кӯлоб тағйиротҳои калон дар соҳаҳои сохтмону ободонӣ ворид сохт. Бисёре аз сохтмони иншоотҳои ҷашнӣ, аз соли 2002 оғоз гардида буданд. Дар солҳои 2002-2003 сохтмончиён корро кашола дода, дар ин муддат танҳо панҷ-шаш миллион сомониро азхуд карданду халос. Маҳз барои ҳамин ва ташкилотчӣ буданаш Ҷаноби Олӣ баҳри амалӣ шудани нақшаи ҳукумат ва вусъат бахшидан ба кори сохтмони иншоотҳои ҷашнӣ дар шаҳри Кӯлоб Абдуҷаббор Зардиевро раиси шаҳри Кӯлоб таъин намуд.

Дар аввал барои тезонидани кор ва обод намудани шаҳри Кӯлоб 17 миллион сомонӣ ҷудо шуда буд, ки ин маблағ дар муддати кӯтоҳ аз тарафи сохтмончиён аз худ карда шуд.

Бо ташаббуси ӯ барои обод намудани гӯшаву канори гуногуни шаҳр, ки дар нақшаҳои сохтмонии ҳукумат дохил набуданд, вохӯрии раиси шаҳр бо ҳамватанон, родмардони банангу номус, тоҷирон ва соҳибкорони кӯлобӣ гузаронида шуд. Раис дар вохӯрӣ тавонист, ки рӯҳияи ҳамватанонро барои обод намудани диёри азизамон баланд бардоранд. Ҳамин буд, ки аз ҷониби соҳибкордон ва ҷавонмардони кӯлобӣ якчанд сохтмонҳои иловагӣ шӯруъ шуд. Роҳу кӯчаҳои гуногун таъмир мегардиданд. Корхонаҳои аз кор баромада ба кор шуруъ мекарданд.

Масалан, дарвозаи калони шаҳр, ки дар даромадгоҳи шаҳр сохта шудаасту ба шаҳри бостонӣ шукӯҳу ҳашамати хосса мебахшад, натиҷаи ҳамон вохӯрист. Ин дарвозаро яке аз шаҳрвандони шинохтаи Ватан Иззатулло Ҳаёев ҳамроҳи фарзандонаш сохта чун туҳфаи идона тақдим намудаанд, ки дар сохтмони он зиёда аз 1 миллион сомонӣ хароҷот шудааст.

Малакаи роҳбарӣ ва ташкилотчигии Абдуҷаббор Зардиев – ин марди банангу номус ба он дараҷа баланд аст, ки сифо-

таш назир надорад. Аз фурсати муносиби ҷашнвора истифода бурда, масъалаи баобтаъминкунии шаҳри Кӯлоб ва маҳаллаҳои гирду атрофи шаҳр ҳал шуда, системаи обёрии шаҳр аз нав дигар карда шуд, ки дар ин кор зиёда аз 6 миллион сомонӣ азхуд карда шуд.

Сипас бо пешниҳодҳои ӯ ҳамчун раиси шаҳри Кӯлоб, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии мамлакат ва дастгирии Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муддати се сол дар сохтмон – иншоотҳои ҷашнии шаҳр 160 миллион сомонӣ аз худ карда шуд.

Бо пешниҳоди ин роҳбари дурандешу чашмкордон ҷои гузаронидани чорабинӣ, ки аввал амфитеатри Боғи Исмоили Сомонӣ интихоб гардида буд, дигар карда, варзишгоҳи марказии шаҳр интихоб гардид, ки ин барои ободонии маркази шаҳр як шароити муфиди дигаре муҳаё кард. Ҳамин пешниҳод ва таклифи дурандешона буд, ки як қатор роҳу кӯчаҳои нообoди қисмати шарқии шаҳр ба мисли кӯчаҳои ба номи Исмоили Сомонӣ, Якуми Май, Пушкин, Куйбишев ва кӯчаю тангкӯча, роҳҳои пиёдагарду мошингарди марказӣ ба андозаи зиёда аз 20 км, бо тамоми қоидаҳои роҳсозӣ аз нав сохта то рӯзи ҷашншвора ба истифода дода шуд.

Кори сохтмонии иншоотҳои калони ҷашнӣ ва муҷассамаи таърихии «Дарахти ҳаёт», Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, театри мусиқи маҳзакавии вилоятии ба номи Сайдалӣ Вализода, Қасри фарҳанги шаҳр, амфитеатри боғи Исмоили Сомонӣ, Мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, чаҳор беморхонаи калон ва Маркази ташхиси саломатӣ, чаҳор мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ барои 3-ҳазор хонанда, «Хонаи Бахт», «Чойхонаи Истаравшан» ва дигар иншоотҳои сохтмонии хурду калон вусъат ёфта, то ҷашнвора таъмир ва аз нав сохта шудаанд, ки инҳо ба шаҳри куҳанбунёди Кӯлоб симои наву замонавии пуршукӯҳе зам карданд.

То ба кор омадани ӯ чун раиси шаҳр, дар шаҳр 17 корхонаи саноатӣ мавҷуд буданд, ки танҳо 9-тои он кор мекарду халос. Дар давоми роҳбарии ӯ то ҷашнвора корхонаҳои боқимонда ба кор даромада шумораи онҳо ба 23 адад расо-

нида шуд.

Дар тайёрӣ ва баргузории ҷашни 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ саҳми ин роҳбари бофарҳангу ватандӯст калон буд. Ин буд, ки ин ҷашни фархунда дар сатҳи баланди сиёсиву фарҳангӣ ва маънавӣ таҷлил гардид.

Тавре ки исбот шудаву маълум аст, истеъдод, ҷасорат, эҷодкорӣ ва дигар хислату хусусиятҳои инсон асосан бо хун, бо генаҳои хун аз насл ба насл мегузарад ва ин мисли чашмаи воқеъ дар дашти нопайдоканор ва ё алангаи донаи гугирдчуб аст. Агар чунин чашма дастгирӣ ёфта, маҷрояш тозаву озода карда шавад, аз ӯ ҳазорҳо махлуқоти зинда ва дигар тайру наботот баҳравар мешаванд ва агар не, эҳтимол хушк шавад – бе роҳи маҷро ва ё ботлоқеро ба амал биорад. Ахтари гӯгирдчӯб ҳам ҳамон тавр, ба як пуф кардан хомуш мешавад ва ба дастгирӣ ба оламе ҳарорату рӯшанӣ бахшиданаш мумкин аст.

Абдуҷаббор Зардиев ҳам мисли ин гуфтаҳост. Агар истеъдоди фардиву худододии ӯ аз қавму қобилаву авлод ба воситаи хун, бо генаҳо гузашта бошад ҳам, ин истеъдод бо амри Парвардигор парвариш ёфта, бо бузургон пайравӣ намудану таҷрибаандӯзист.

Вақте ки ӯ бо сари баланд, истеъдод ва фаъолияти ибратбахш дар Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон) таҳсил карда, дар курси охирон мехонд, колхзои ба номи Ленини ноҳияи Восеъ, раисаш Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, Устоди пахтаи Тоҷикистон, шахсияти номдори Ватан Миралӣ Маҳмадалиев, ва колхози ба номи Ленини ноҳияи Пролетар – раисаш ду карат Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Абдуғаффур Самадов, дар Тоҷикистон ва саросари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (СССР) маъруфу машҳур буданд. Ана, дар ҳамин давраҳо аниқаш соли 1969, дониши баланд ва истеъдоди модарзодии Абдуҷаббори ҷавон ба назар гирифта шуда, роҳбарияти ин таълимгоҳи олии бонуфуз ӯро ба колхози ба номи Ленини ноҳияи Восеъ барои таҷрибаомӯзӣ ҳидоят намуд.

Абдуҷаббор Зардиев дар муддати чор моҳ дар хонаи Домулло Тиллои амакзодааш, ки дар деҳаи Зардолубоғи ин

хоҷагӣ воқеъ буд, муваққатан зиндагӣ кард, ғайрату ҳиммату бузургии авлоди худро ба ёд оварда, дар колхоз аз комёбиву муваффақиятҳо, истифодаи самараноки замину об, роҳҳои асосии пеш бурдани соҳаҳои гуногун, ба хусус хоҷагии қишлоқ аз пири кор назаркардаи Худованд баҳри истеҳсоли неъматҳои моддӣ – пири кишоварзони Тоҷикистон Миралӣ Маҳмадалиев дарси амал, маҳорату кордонӣ омӯхт, ки он умре роҳи меҳнативу фарҳангии ӯро мунавваҷру муқаррар кард ва дар мавзӯъи «Самаранок истифода бурдани замин» кори дипломӣ навишт.

Чун баъди хатми Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон бо рорҳхат ба колхози «Ленинград» (Ҳоло хоҷагии Мир Сайид Амии Ҳамадонӣ) ба кор омода, аз иқтисодичии оддӣ ба кор шуруъ намуд, меҳр, муҳаббат, донишу малака ва истеъдоди авлодӣ ӯро чун машъал фурӯзонтар менамуданд. Ин буд, ки ӯ зина ба зина то ба вазифаи ҷонишинии раиси колхоз сабзида мавқеву манзалаташ аён гашт.

Чун колхози ба номи Ленин, дар ин хоҷагӣ низ ӯ бо роҳбаре вохӯрда ҳамроҳ кор кард, ки назаркадаи Худованд гуфтагӣ барин буд. Ин шахсияти нотакрор Ҳаким Бобоев – яке аз чеҳраҳои тобони соҳаи кишоварзии кишвар ҳисоб меёфт ва Абдуҷаббори ҷавонро дастгирӣ намуда, тарбият кард, нозукиҳои асрори истеҳсоли неъматҳои моддиро омӯхта, бо ӯ муносибатҳои беҳамтои падару писарона барпо кард, ки ин беасосу оддӣ набуд.

Абдуҷаббор Зардиев солҳои дароз ҷонишини раиси хоҷагӣ буд ва вақте ки раиси колхоз, зиндаёд Ҳаким Бобоев ба синни 60 - солагӣ расида, бояд ба нафақа мебаромад, ин шогирди соҳибистеъдоду ояндадорашро барои дар ҷои ӯ дар вазифаи раиси колхоз кор кардан тавсия намуд ва ин масъала дар маҷлиси раёсати хоҷагӣ якдилона дастгирӣ ёфт.[1]

Тавре ки дар саҳифаҳои қаблӣ ишора намудем, аз моҳи феврали соли 1982 Абдуҷаббор Зардиев ҳамчун раиси колхоз

1 Ҳаким Бобоев шахсияти шинохта, дорои хислатҳои наҷиби инсонӣ 20 сол раисии колхози «Ленинград», ҳоло Мир Саид Алии Ҳамадониро ба ухда дошт.

ба кор оғоз намуда, бо пирони соҳа Миралӣ Маҳмадалиев, Абдуғаффур Самадов ва бисёр дигарон дар ҳамкорӣ камар баст, дар бобати 2-3 баробар зиёд намудани маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ ва дар ҳамин замина ободу зебо гардонидани хоҷагӣ ва ташкилу нумӯъ бахшидан ба фарҳангу маишати мардум саҳм гирифт ва гирифта истодааст.

Истеъдоди аҷдодӣ, дониш ҷасорат, таҷриба меҳнат ва дигар паҳлуҳои ҳаёт Абдуҷаббор Зардиевро ҳамроҳ, ҳамсуҳбат, ҳамнишин, ҳамкор ва дӯсту бародари наздик бо пирони машҳури кор Миралӣ Маҳмадалиев, Абдуғаффур Самадов, Пирак Нуров, Хоҷа Бобоев ва дигар шахсиятҳои нотакрори Ҷумҳурӣ намуда, ӯро машҳур гардониданд.

Абдуҷаббор Зардиев ҳамчун истеҳсолотчии моҳир солҳои зиёд аъзои бюрои горкому обком, иштирокчии чандин анҷуманҳои ҲКТ, Анҷумани 4-уми колхозчиёни собиқ умумииттифоқ ва дигар ҷамъомаду ҷаласаҳои умумиҷумҳуриявӣ буду дар радифу дар бари пирони кори ишорашуда менишасту бароmаду суҳбат мекард. Бо ӯ Миралӣ Маҳмадалиев, Абдуғаффур Самадов, Пирак Нуров, Хоҷа Бобоев сиёсатмадорон оқили давр И.Ҳаёев, С.Мирзошоев, Ҳ.Табаров ва дигарон муносибати дӯстӣ ва ҳамкорӣ доштанд.

Ин шахсияти нотакрору беназир ҳамчун симоб бо ҳофизу адибони машҳур ва сиёсатмадорону қаҳрамонон ҳамнишину ҳамкору ҳамроҳ буд ва ҳаст.

Сафару сайёҳатҳояш бо ҳамроҳии Ҳофизи халқии Тоҷикистон Одина Ҳошим, Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар ва Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Миралӣ Маҳмадалиев ба Ховалингу, Сарихосор, сафару таҷрибаомӯзиаш бо ҳамроҳии зиндаёд Миралӣ Маҳмадалиев дар колхози ба номи Ленини ноҳияи Пролетар (раиси колхоз Абдуғаффур Самадов), солҳои 1978-1980 таҳсил дар аспирантураи назди Институти хоҷагии қишлоқи шаҳри Киеви Ҷумҳурии Украина ва навиштани кори илмӣ оиди «Самаранокии заминҳо»-и колхозҳои ишорашуда. Соли 2003 тавассути роҳбарӣ Мушарраф шудан ба нишони тилло аз ҷониби раёсати бунёди байналмиллалӣ «Барои сифати баланди кори

амалӣ» дар шаҳри Женева ва дигар паҳлуҳои меҳнативу сиёсӣ ва фарҳангиву ҳаётии ӯ дарси ибрату наҷиб мебошанд.

Муносибати Абдуҷаббор Зардиев бо намояндагони воситаҳои ахбори омма (ВАО) беназир аст. Ӯ аҳли қаламу эҷодро аз хурдӣ дӯст медорад, ки ин пешаи асосии авлодии вай ба ҳисоб меравад. Намояндагони воситаҳои ахбори омма низ ба ӯ ва кору бору фаъолияташ ошноӣ доранд. Ин аст, ки дар васфи ӯ ва фаъолияти меҳнаташ журналистони тоҷик, узви иттифоқҳои журналистону адабони Тоҷикистон Қувват Холов, Карим Давлат, Ҳақназар Ғоиб, зиндаёд Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Абдулҳамид Самад ва бисёр дигарон очерку мақола ва гузоришҳо ба қалам дода дар рӯзномаву маҷаллаҳои маҳаллӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расонидаанд. Хусусин дар ин бобат чакидаҳои хомаи Қувват Холов дар очерки «Роҳбари фозилу хайрхоҳ» аз саршори меҳру муҳаббат будани ин шахсияти бузург мисоли равшанест.

Месазад, ки ин навиштаҳои журналистон дар шакли чанд ҷилд китобҳо ҷамъоварӣ карда шаванд.

Абдуҷаббор Зардиев ба мисли гузаштагони ибратманди худ ба бузургони ҳақиқату тариқат эътиқоду эҳтироми беинтиҳо дорад. Ин аст, ки ин шахсияти нотакрор дар бунёди масҷидҳои деҳаҳои Зиракиву Сарёзии миёна, дар сохтмону ободонӣ ва бунёди мақбараи донишмандони бузурги олами Ислом, шахси ҷасоратманду паҳлавон, зодаи ҳамин хоку об Хоҷа Абӯисҳоқи Хатлонӣ, ки асрҳо инҷониб деҳае дар Ҳудуди хоҷагии ба номи Мир Сайиди Алии Ҳамадонӣ номи ин бузургворро дорад, саҳми калон гузашт. Ғайр аз ин, ба номи Мир Сайиди Алии Ҳамадонӣ номгузорӣ намудани ин колхоз, ки солҳои дароз «Лениград» ном дошт, аз донишмандӣ, худшиносӣ ва ибратбахшии қаҳрамони навиштаҳои мо дарак медиҳад. Зеро, агар ба таърих назар афканем, Хоҷа Абӯисҳоқи Хатлонӣ домоди Ҳазрати Амирҷон – яъне Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буду дар ин хоку об тавлиду камол ёфт, аз тарафи саркардаву ҳокимони темурӣ дар исёне ба муқобили ҳокимони темурӣ ба шаҳодат расонида шуд… Имрӯз тавассути хирад ва ибтикори ин сарвари соҳибмартаба ҳақ ба ҳақдор

расид. Хоҷагӣ номи қиблагони (Хоҷаисҳоқ) Ҳоҷа Абуисҳоқи Хатлониро гирифту ба қавле, рӯҳи ин ҳарду орифу донишманду шахсиятҳои барҷаста бо ҳам омад…[1]

Дар давраи раиси шаҳру ноҳияи Кӯлоб будани ин марди хирад тармиму таъмир ёфтани мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб гувоҳест аз бузургии ин марди наҷиб …[2]

Эътиқоду эҳтиром нисбати бузургони тариқату ҳақиқат, орифону ахтарони аркони ислом ба Абдуҷаббор Зардиев мероси авлодист. Ӯ ба мисли падару бобо ва бобокалонҳояш зимнан мартаба ва ихлоси бебаҳоро дар қалби чун дарёаш ҷо дода, мудом ба зиёрати оромгоҳи бузургон рафта, аз онҳо ёдовар мешавад.

Мазори Ҳазрати Султон, Мазори Хоҷа Айюби Ансорӣ, Мазори Эмом Ҷаъфари Содиқ, Мазори Ҳазрати Эмом Аскарӣ ва даҳҳо мазорҳои дигар дар Хатлонзамин, зиёратҷоҳои ӯ ба шумор мераванд.

Яке аз ҷойҳои дӯстоштаи ин марди наҷиб Мазори Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ дар Ховалинг буда, ӯ ҳар сари чанд вақт ба зиёрати ин авлиёву орифи барҳақ, ҳамзамону беҳтарин тобеъини пайғамбари Ислом (с) рафта, ба ёди Худову Расул (с) ва арвоҳи ин шахсияти таърихиву исломӣ оёте аз Қуръони Карим қироат карда, васияти пада-

---

1 Хоҷа Абӯисҳоқи Хатлонӣ паҳлавон, ҷасур, донишманд ва як шахсияти бузург буда, дар замони ҳукуматдории сулолаи темуриҳо, дар исёне дастгир карда ба шаҳодат расонида шудааст. Ҳоло тани ӯ дар гӯристони Ҳоҷаисҳоқ-ҷои ҳозира мақбарааш, устухонҳо ва пӯсти сараш дар шаҳрҳои Кобул ва Балх гӯронида шудаанд.

Имрӯз дар шаҳрҳои Кобул ва Балх мазорҳое вуҷуд доранд, ки марбут ба Хоҷа Абӯисҳоқи Хатлонӣ буда, бо унвони «Мазори шаҳид» ва ё Мазори шаҳиди Хатлонӣ шуҳрат доранд. Дар бобати таърихи ба шаҳодат расонидани ин марди худшиносу Худошинос низ маълумотҳои таърихӣ мавҷуданд.

Дар симпозиуми байналмилалӣ оид ба 680 - солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар бахши таърих, дар шаҳри Кӯлоб иштирок карда, аз даҳони донишмандони ирониву афғонистонӣ ин гуфтаҳоро шинида рӯи коғаз овардам…. Муаллиф.

2 Мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо маблағ ва мадади Ҷумҳурии Исломии Ирон таъмиру тармими оличаноб ёфт. Муаллиф.

риву бобоиро ба ҷо меорад. Зеро тамоми гузаштагони ин марди хирад ба бузургони ислом, бахусус, Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ, ки ҳамшафати деҳаи бобоии онҳост, эътиқоду эҳтироми самимӣ доштанд.

Ӯ борҳо дар Самарқанду Бухоро, Хуҷанду Панҷакент ва дигар шаҳру деҳаҳои Осиёи Марказӣ ва давлатҳои исломии олам сафар карда, бисёр оромгоҳҳои шахсони бузургу таърихиро зиёроат карда, аз масҷиду мадраса ва дигар ёдгориҳои таърихӣ дидан намудааст.

Масалан, ӯ аз ҷумла солҳои 1996-1997 шаҳрҳои Самараҷанду Бухоро, соли 2005 Хуҷанду Панҷакент, бахусус, мазори устод Рӯдакӣ, Лоиқ Шералиро дар Мазори Шариф дидаву зиёрат карда, бо таассуроти бузург ба диёри худ баргаштааст. Соли 2008 бошад, ба муносибати Бузургдошти одибу донишманди бузурги халқи тоҷик Ҷалоллуддини Балхии Рӯмӣ бо ҳамроҳии фарзандон ва доктор С.Икромов оромгоҳ-мақбара ва собиқ зистгоҳи ин шахсияти бузурги олами илму адабро зиёрат намуд. Ҳамин тавр, ба Бағдод, Димишқ, Қувайт, Сурия, Эрон ва дигар давлатҳои исломӣ борҳо сафар кардааст. Масалан, дар Бағдод Дашти карбало, масҷиди Ҳазрати Сулаймон, оромгоҳи Эмом Ҳасан, дар Димишқ дар Канъон оромгоҳи Ҳазрати Яҳёи Пайғамбарро зиёрат намуда, бо ҷаҳон-ҷаҳон таассурот дар иртибот бо насиҳату васияти падар ба фарзанд ба диёр баргаштааст. Ин сафарҳо тасодуфӣ набуда, тавре ишора намудем, аз насиҳату восияти падару бобо ва бобокалонҳо ба вуқуъ пайвастаанд ва ба ҷо овардани яке аз рукни авлодӣ мебошанд, тавре ки дар ибтидои ин навиштаҳо оиди саромади ин авлод Амир Оли Ҳасани Даҳбедии Ахшучӣ ишора кардем.

Давоми умр ва давомдиҳандаи анъанаи авлодӣ – Абдуҷаббор Зардиев, дар ҳақиқат, марди дарёдил аст. Заҳмату хизматҳои ӯ, ки аз сидқ ба ҷо овардааст, дар ҳар дили кучак намеғунҷанд.

Бо вуҷуди он, ӯ ба заъфи қалб гирифтор шуд. Ин саргузашт тобистони соли 2001 ба вуқуъ пайваста буд. вақте, ки дар хона худро ноҳинҷор ҳис кард. Ба ин нигоҳ накарда, аз паи иҷрои кору бори хоҷагӣ шуд. Чун ҳарвақта, ба миёни

ҳар гуна бемориҳои сабуктаре, ки ӯ гирифтор мешуду ба онҳо эътиборе надода, корро идома медод, вале заъфи қалб ба он оварда расонд, ки ӯ аз ҳуш рафт, беёд шуд. Духтурони беморхонаҳои қалби шаҳри Кӯлоб бо боварӣ иброз доштанд, ки дар Кӯлоб имконият ва илоҷи раҳоӣ аз заъфи қалби ин беморро надоранд. Дар ҳақиқат, ҳамин тавр буд. Бо ҳидояти татибони кӯлобӣ Абдуҷаббор Зардиев беҳуш ба бемористони ҷумҳуриявии Қарияи Болои шаҳри Душанбе бурда шуд. Дар ин лаҳзаҳо ба ин шахсияти нотакрори бемор духтур Ҳоҷӣ Муродзода, писараш Абдунабӣ ва дигарон ҳамроҳ буданду бемор беёд.

Дар бемористони Қарияи Боло, дар шуъбаи бемориҳои вазнин Абдуҷаббор Зардиев зери назару табобати духтурони ҳозиқ қарор гирифта бошад ҳам, кори дил ба он дараҷае паст ва номураттаб буд, ки бемор чизеро ёд надошт ва намедонист.

Тамоми табибони соҳибтаҷрибаву донишманди соҳаи бемориҳои қалби ин бемористони бузурги кишвар ба хулосае омадаанд, ки дигар имконияти пешгириву табобати ин бемор дар ин касалхона нест, бинобар он, ягона роҳ ба давлати Олмон бурдану дар он ҷо ҷарроҳӣ намудани қалб ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамин тавр, ҷуссаи бемори беёди мазкурро аз шаҳри Душанбе ба воситаи тайёра ба Ҷумҳурии Олмон бурда дар бемористони бемориҳои қалб, тавассути тавсияи табибони ватанӣ хобониданд.

Баъди муоина табибони соҳибтаҷрибаву солори Олмонӣ ба хулосае омаданд, ки беморро фавран ҷарроҳӣ ва мураттабии кори қалбро барқарор бояд кард ва ҳамин тавр ҳам карданд.

Ҷарроҳӣ дар ин сарзамини аврупоии аз кишовари мо хеле дур 7,5 соат идома ёфта, бемор лаҳза ба лаҳза ба худ меомад. Лапишу тапиши дил оҳиста-оҳиста ба меъёр наздик мешуд. Бемор лаҳза ба лаҳза шифоёбии худро эҳсос менамуд. Чанде пас худро на дар хоҷагӣ, балки дар бемористони барҳавое медид…

Хулоса, Абдуҷаббор Зардиеви авлодан паҳлавон дар Ол-

мон шифо ёфт, ба диёр баргашт, боз ба хизмати халқу Ватан камар баст ва имрӯз дар хизмат аст….[1]

Боиси таъкид аст, ки қариб бист сол инҷониб тамоми ҳаёту фаъолияти гузаштагони ин марди наҷибро меомӯзаму ба таври худ таҳқиқ менамоям ва ба хулосаҳое меоям. Абдуҷаббор Зардиевро ман ҳамон сол, яъне ҳангоми ба беморӣи қалб гирифтор буданаш дар шуъба ва бемористони ишорашуда дар ҳолати беҳушиву дароз хобидан аввалин бор дида, пас ҳар боре, ки ӯро аз наздик мебинам, қаду қомат, паҳлавонӣ, ҷасоратмандиву донишмандӣ ва дигар хислатҳои бобояш – Домулло Абдураҳмон (Раҳмон ва ё Раҳмоналӣ низ мегуфтанд) пеши назарам меояд, агарчи ӯро надида будаму вай чандин сол пеш аз мо ҳаёт дидааст…

Домулло Абдураҳмон, ки дар саҳифаҳои қаблӣ дар борааш фикрҳое аз пажӯҳиш ба қалам додем, марди тануманди қоматбаланди нотакрори паҳлавону донишманде буд, тавре ки имрӯз Абдуҷаббори набераи ӯст.

Домулло Абдураҳмон як сару гардан аз тамоми мардуми як навоҳӣ, ҳатто шояд вилоят қоматбаланд буду марди майдонпаҳлавон. Абдуҷаббор Зардиев ҳам қариб ба мисли бобояш Абдураҳмон қаду қомат, тафаккур, таҷриба ва паҳлавониву қаҳрамонӣ дорад. Ин марди бузург паҳлавониву тамоми паҳлуҳои истеъдоди худро дар меҳнат ва хизмат ба халқу Ватан ба Тоҷикистон азиз бахшидааст ва бахшида истодааст…[2]

---

1 Ҳолати беморӣи Абдуҷаббор Зардиевро ман бо ҳамроҳии раиси ноҳияи Ховалинг зиндаёд Тоҷиддин Рауфов, нависанда ва журналист Карим Давлат ва дигарон дар шуъбаи бемориҳои вазнини бемористони Қарияи Болои шаҳри Душанбе, тобистони соли 2001 бо чашми худ дида будам… Муаллиф.

2 Оиди ҳар як паҳлуҳои ҳаёту фаъолияти Абдуҷаббор Зардиев ҷилд, ҷилд асарҳои илмӣ-омавӣ ва бадеӣ офаридан мумкин аст, аммо мо барои ба мақсад мувофиқ овардани фикр ва муҳтавои ин асар, зимнан фишурданависиро раво донистем….. Муаллиф.

## АДИБОН ДАР ВАСФИ
## АБДУҶАББОР ЗАРДИЕВ

Абдуҷаббор Зардиев бо аҳли илму адабу қалам муносибати махсус дошт, ки ин низ решаҳои таърихиву авлодӣ дорад.

Кофист ишора намоем, ки кулли адибони маъруфи тоҷик ба ӯ равуо ва дӯстиву бародарӣ доштанд ва доранд. Хизмати ин марди наҷиб ба бисёриҳое аз қаламкашон расидааст. Аҳли қалам низ ба ӯ эътиқоду эҳтироми бепоён доранд. Ва афсӯс, ки ин асар дар замони Шӯравӣ дар бораи аҳли авлоди шоиру шоиртабъии ӯ ба табъ нарасид, вагарна дар бораи Абдуҷаббор Зардиев навиштаву гуфтаҳо ранги дигар мегирифтанд…

Ба ҳар навъ, ба шоири маҳбуби халқи тоҷик Шоири халқии Тоҷикистон, Лоиқ Шералӣ, Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб аҳду паймони бародарӣ доштани ӯ, ба узвияти ифтихории хоҷагии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ интихоб намудани устодон Лоиқ Шералӣ, Ашӯр Сафар ва Ҳақназар Ғоиб, бунёди «Боғи Лоиқ Шералӣ», ташкил намудани «Осорхонаи Лоиқ Шералӣ» бунёди хонаи Ҳақназар Ғоиб дар деҳаи Офтобликҷо, беғаразона мадади моддӣ расонидан дар чопи як қатор асарҳои адибону донишмандон, аз ҷумла китоби донишманди пурмаҳсул, номзади илми таърих Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ «Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV», «Амри илм» , 1999., китобҳои шоир Одина Раҳмон ва дигар хизматҳои ӯ дар илму адаб нишонаҳоеанд аз бузургиву арҷмандии ин шахсияти нотакрори авлоди Шоҳимардиёни маъруфу машҳури Хатлонӣ.

Аз тарафи дигар, адибону аҳли илму фарҳангу қалам дар бобати хизматҳои арзанда, дастгирӣ, дӯстиву бародарӣ ва дигар хислатҳову хизматҳои қаҳрамони ин навиштаҳо– Абдуҷаббор Зардиев фикру андешаҳое ба қалам додаанд, ки мо гулчинеро аз онҳо ба сифати мисол пешкаши хонанда менамоем.

***АШӮР САФАР***

*Шоири халқии Тоҷикистон,*
*барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон*
*ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

## БАРОИ АБДУҶАББОР ЗАРДИЕВ

Туро ман мардтар аз шоҳ мегӯям,
Зи дарди ҷони халқ огоҳ мегӯям.

Саҳар гӯям, ки Хуршеди дурахшонӣ,
Ба шаб пурнуртар аз Моҳ мегӯям.

Маҳу хуршед гар нури Худо бошанд,
Ту бошӣ сояи Оллоҳ мегӯям.

Разолат бо ҷиноят ёр гардида,
Вуҷуди ту адолатхоҳ мегӯям.

Ҷавониву хирад бо он пазируфта,
Саодат дар лабат хамроҳ мегӯям.

Ба ту то Хизри зинда роҳбар гардад,
Дуо аз субҳ то бегоҳ мегӯям.

Замон бе ту надорад ҳусну зебоӣ,
Ба мардум ин сухан ҳар гоҳ мегӯям.
*Июли соли 1994.*

# АНДЕШАИ ЗИНДАГӢ

***Барои Абдуҷаббор Зардиев***

(Порча аз манзума)

Аз об шавад дарахт сарсабз,
Аз тозагӣ ҳаст бахт сарсабз.
Одам зи ҳунар шараф биёбад,
Аз пешаи бошараф биёбад.
Аз лафзи ҳалол пар бигирад,
Дар оташи меҳр дар бигирад.
Дилдодаи рӯзгор гардад,
Фархунда зи ҷӯши кор гардад.
Бар дидаи дигарон бирахшад,
Чун наҷм дар осмон дурахшад.
Сар кард фароз Бахтбедор,[1]
Чун сарв канори оби ҷӯбор.
Аз домани халқ дошт маҳкам,
Аз халқ ҷудо нагашт як дам.
Ҳамроҳ ба шодиву ғамаш гашт,
Ҳамдард ба рӯзи мотамаш гашт.
Торафт писанди мардум афтод,
Шаб сурати моҳу анҷум афтод.
Шуд халқ ҳам аз қафо-ш роҳӣ,
Чӣ шому чӣ дар доми пагоҳӣ.
Рангу рухи даштҳо дигар шуд,
Боғ аз бари боғ дар самар шуд.
Фаввораи обҳо биафзуд,
Теъдоди савобҳо биафзуд.
Ҳар кас, ки равон ба гуфти ӯ гашт,
Бо бахти гуреза рӯ ба рӯ гашт.
Омад ба забон замин дар охир,
Бо лафзи бақанд мисли шоир:
«Фарзанди ман аст Бахтбедор,

---

1 Бахтбедор – қаҳрамони асосии манзума Абдуҷаббор Зардиев, ки шоир ӯро ҳамин тавр ном мегирифтааст.

Пайванди ман аст Бахтбедор.
Бе ман накашад нафас чу ғамхор,
Бе ӯ накашам нафас ба зинҳор.
Тан бошам агар, равони ман ӯст,
Сарсабзии ҷовидони ман ӯст.
Филҷумла, ки ҳардумон як астем,
Часпида ба ҳам чу часпак астем».
Кӣ дид дарахти бесамарро,
Санге бизананд раҳгузарҳо?
Осуда мудом дар нумӯъ аст,
Бо меҳри фалак ба гуфтугӯ аст.
Санг аст кулӯху чуб бисёр,
Резон ба сари дарахти пурбор.
Кӣ дид касони боҳунарро,
Аз рашк зананд беҳунарро?
Бар беҳунарон зарар наоранд,
Бар лахча дами табар наоранд…[1]

1 Аз китоби шоири зиндаёд Ашӯр Сафар «Андешаи зиндагӣ» Барои Абдуҷаббор Зардиев, «Шарқи озод», 1999 (Китоби мазкур иборат аз 64 саҳифаи манзума аст). Ба сифати мисол порчае аз оғози манзума оварда шуд…..Муаллиф.

## *ҲАҚНАЗАР ҒОИБ*

*Шоири халқии Тоҷикистон,*
*барандаи Ҷоизаи давлатииТоҷикистон*
*ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

### ЭЙ ВАТАНДОРОН
***Эҳдо ба Абдуҷаббор Зардиев***

Абдуҷаббор аст, он кӣ дар дили мо ҷо шудааст,
Ҷои ӯ боло ба ҷон буд, боз ҳам боло шудааст.

Гулшани фарҳангро дар ҷон нигаҳбон аст ӯ,
Ҷони фарҳагии моро тозатар ҷон аст ӯ.
«Хонаи Лоиқ» зи ӯ шуд хонаи фарҳанги нав,
Шеъри Лоиқ медиҳад ин ҷо ба дил оҳанги нав.

«Боғи Лоиқ» боғи меҳнат, ӯст дар домони кӯҳ,
Медиҳад бар номи ӯ чун марди фарҳангӣ шукӯҳ.
Ӯ балад бар қисмати тоҷик мебошад ба ҷон,
Мешиносад қисмати худро ба хоки Ориён.

Нутфае аз нутфаи сабзи Каён дар хуни ӯст,
Хуни сабз аз пайкари Ҳайтолиён дар хуни ӯст.
Марди содиқ дар бари Эмомалӣ Раҳмон бувад,
Хушнавози миллати моро ба бар чун ҷон бувад.

Иззатуллои Ҳаё ӯро падархонди азиз,
Пандпарвар хилқати ӯрост чун панди азиз.
Такя дорад ӯ ба мардони хирадпарвар мудом,
Аз хирад, з-ин рӯ, ба комаш мерасад шаккар мудом.

Дарс мегирад зи фазли сарвари кишвар зи фазл,
То шавад муште аз ин хирвори пур аз зар зи фазл.
Бо садоқат ҷон ба ҷони ин Ватан бинҳодааст,
Мулки дил бар рӯи мардони Ватан бикшодааст.

Бар сарои ҷони гармаш ҷо шуда Абдулмаҷид,
Бар дилаш маҷмӯаи хоно шуда Абдулмаҷид.
Сайқали меҳраш расад аз дидаи Султон Валӣ,
Сидқи дар одамгарӣ санҷидаи Султон Валӣ.

Аз дигар ёрони ӯ пастар ҳикоят мекунам,
Ман зи мардони ватанпарвар ҳикоят мекунам.
Ман санохон гаштаам бар ҷимла ёрони Ватан,
Эй Ватандорон! Шиноседам санохони Ватан!

## АРЗИ СИПОС

***Барои Абдуҷаббор Зардиев***

Манзили вайронае як лаҳза обод аз ту шуд,
Як дили пурғуссаю ғамхонае шод аз ту шуд.

Нанг агар дорад касе, бегонааш гуфтан хатост,
Пеш аз хешу таборам боз имдод аз ту шуд.

Чун дигарҳо ман накардам, ҳеҷ фарёде туро,
Раҳмати дунё туро бодо, ки фарёд аз ту шуд.

Дар хаёлам бекасам, аз осмон афтодаам,
Ин хаёли дар сари нимасра барбод аз ту шуд.

Тӯтии беобудон дар доми ғам афтода буд,
Донаҳои меҳр бахшидию озод аз ту шуд.

Ҳафтае сарчашмаи шеъри равонам хушк гашт,
Шеърҳои сангбаста боз эҷод аз ту шуд.

Зиндагӣ бераҳм ояд, пир мегардад ҷавон,
Қомати хамгаштаи пурбор шамшод аз ту шуд.

Дар қиёмат ҳам бихезӣ пештар аз додарам,
Решапайванди ду насли сер-авлод аз ту шуд.[1]

1 Аз китоби Саидҷон Ҳакимзода «Қадаҳи меҳр», «Сада», Кӯлоб, 1998. Бо соядасти шоир…

***ФОЗИЛ САЛИМЗОДА,***
*шоири халқ*

## ҲАЁТ БОШЕД САДҲО СОЛ

Эй Абдуҷаббори Зардӣ,
Олиҳимат ту мардӣ.
Сарфарозу сабаланд,
Нақшаҳо иҷро кардӣ.

Табрик гӯем туро, ҷон,
Эй шерамарди Хатлон.
Шуд аз кори ту машҳур,
Хоҷагии Ҳамадон.

Бо меҳнату садоқат,
Пахтаи аълосифат.
Ҳосили гаронбаҳо,
Рӯёндӣ, садҳо раҳмат.

Эй марди олиҳиммат.
Эй сарвару депутат.
Боварии мардумро,
Сазоворӣ, ҳақиқат.

Ин шеър бо амри дил,
Салимзодаи Фозил.
Бибахшидам азизон,
Ба мақсад гардад ноил.

Рӯҳи Шоҳи Ҳамадон,
Болад зи ту ҳар замон,
Дуоят диҳад, ки ту
Шавӣ рӯзе қаҳрамон.[1]

---

1 Фозил Салимзода «Осмони нилгун», «Адиб», 1999, саҳ 62-63.

## БА ЗАРДИЕВ АБДУҶАББОР

Эй фарзанди вафодор,
Муҳтарам Абдуҷаббор.
Бар ваъда кардӣ вафо,
Халқу Ватан минатдор.

Ба ту марди номдор,
Ба ту пири пири кор,
Раҳмати Парвардигор,
Кам нашавад зинҳор.

Якумин шуда Шумо,
Иҷро кардед нақшаро.
Ба мамлакат супурда,
Тиллои гаронбаҳо.

Эй сарвару депутат,
Эй марди олиҳиммат.
Бо мардуми олишон,
Аз дил намудӣ меҳнат.

Хоҷагии беназир,
Ба номи Мири Кабир.
Мададгоратон доим,
Надоретон ҳеҷ тақсир.

Ду бузургвори дигар,
Дар сари роҳи гузар.
Ҳазрати Хоҷа Исҳоқ,
Ҳам Чилтани муътаббар.

Онҳоро аз ҳар ҷиҳат,
Мо бояд кунем ҳурмат.
Ба мо мадад расонанд,
Аз ҳар балову офат.

Дар ин тӯйи фархунда,
Бо чеҳраи пурханда.
Шуморо бодо табрик,
Машъалони рахшанда.[1]

---

1 Аз китоби Ф.Салимзода «Осмони нилгун», «Адиб», 1999. саҳ 44-45.

*ХОСИЯТ ВАЛИЗОДА*

## ШАМШЕР ВА СИПАР

*Барои Абдуҷаббор Зардиев*

Тоҷикистон,
Чун Шумо дорад фарзандони бо нангу баор,
Пойдор аст, пойдор, ҳаргиз нагардад хор, хор.
Хурраму сарсабз мемонад, ҳамеша чун баҳор.
Зи он, ки з-авлодони Шерони
Хутал бошеду мисли Спитаминед.
Пеши роҳи ҳар адӯ, ҳар кинаҷӯ,
Ҷумла шахсони дурӯ бахри дамонед.
Мисли Вахши ризқовар
Аз пайи ободии кишвар равонед,
Ориёнед,
Ориёнед!
Орзуҳотон чу боғи пурсамар,
Дар нумӯ аст, дар нумӯ аст.
Ҳамзамон чун кӯҳи Чилдухтар,
Мисли шамшеру сипар,
Марзу буми Тоҷиконро
Бо муҳаббат,
Бо садоқат,
Бо вафо.
Сазед сафо.
То ки бошад он муарро,
Меҳвар бошед Шумо
Меҳрвар.
Тоҷикистон чун Шумо дорад агар
фарзанди хубу боҳунар,
Рӯйи хуршедро
Абри сиёҳ
Ҳеҷ гоҳ
Н-орад хатар!

## ШУКРОНА

*Барои бародарам Абдуҷаббор*

Эй ҷон бародарам, бо ҷон баробарам,
Ҳам қуввати дилам, ҳам болу шаҳпарам.
Эй нури босахо, Хуршеди Ховарам,
Дасти саодатат пайваста бар сарам.
Эй ҷон бародарам, бо ҷон баробарам,
Шукрона мекунам, ҳастӣ ту дар барам.

Чун нури офтоб ҳастӣ ту пурсахо,
Бар хурду бар калон бошӣ ту раҳнамо.
Қалби чу оби ту пок асту босафо,
Эй ҷон, бародарам, бо ҷон баробарам,
Шукрона мекунам, ҳастӣ ту дар барам.

Заҳмат кашидаӣ аз субҳ то ба шом,
Роҳат надидаӣ дар умри бардавом.
Некӣ ҳамекунӣ, эй марди некном,
Некӣ ба зиндагӣ бошад туро маром.
Эй ҷон, бародарам, бо ҷон баробарам,
Шукрона мекунам, ҳастӣ ту дар барам.

Монандаи замин бошӣ ту парсамар,
Ганҷина ёфта аз олами ҳунар.
Чун оташе басо афкандаӣ шарар,
Аз хеш мондаӣ дар зиндагӣ асар.
Эй ҷон, бародарам, бо ҷон баробарам,
Шукрона мекунам, ҳастӣ ту дар барам.

Бо ақлу донишат нури басар тӯӣ,
Андар самои ман Шамсу Қамар тӯӣ.
Эй ҷон, бародарам, бо нуру фар тӯӣ,
Дар зиндагониям ҷои падар тӯӣ.
Эй ҷон, бародарам, бо ҷон баробарам,
Шукрона мекунам, ҳастӣ ту дар барам.[1]

1 Дар бораи Абдуҷаббор Зардиев бародараш шоир Одина Раҳмон шеър ва навиштаҳои дигар дарад, ки аз такроран овардану чопи онҳо худдорӣ кардем… Муаллиф.

## УҚДАКУШО

***Мувашшаҳе дар мавлуди Абдуҷаббор Зардиев***

**А**хтари чархи баринам, Абдуҷаббори азиз,
**Б**ахт андар сарзаминам Абдуҷаббори азиз.

**Д**одхоҳи пиру барнои Ватан гардидаӣ,
**У**қдабикшон ҷабинам, Абдуҷаббори азиз.

**Ҷ**они одам бошиву бо меҳри покат баҳри мо,
**А**рши меҳру арши динам, Абдуҷаббори азиз.

**Б**о нишони Оли Сомонӣ муборак хонамат,
**Б**ар ту бод ин офаринам, Абдуҷаббори азиз.

**О**фтоби бахти фардо бинам аз чашмони ту,
**Р**оҳбари ояндабинам, Абдуҷаббори азиз.

## БА РАИСИ ШАҲРИ КӮЛОБ
## АБДУҶАББОР ЗАРДИЕВ

Кам надидастем мо дар умри худ мардони кор,
Чун раис ку лек инсони ҳалиму хоксор,
Медиҳад ӯ бар ҳама неку бади мо эътибор.
Дар раҳи хизмат ба халқи хеш бошад устувор.
Бо чунин роҳбар ҳамеша менамоем ифтихор.

Солҳо шуд ҷамъиятро менамояд сарварӣ,
Дорад ӯ бар худ ҳазорон пайравону муштарӣ.
Соҳибикром аст ӯ, арзандаи ҳар боварӣ,
Кору бораш мекунад пайдо аз ин ҳам бартарӣ.
Бурдбориҳои нав дорем аз ӯ мо интизор.

Бо тамоми ҳастӣ бошад дӯстони кӯдакон,
Чунки бар ин ҳарфи худ дорем доим итминон,
Мекунад Кӯлоби моро аз сари нав ӯ ҷавон,
Бо ҳамин дар назди давлат месупорад имтиҳон,
Мешавад бар халқи худ ӯ дастпиру бахтёр.

Мо ба ҷашни шаҳри худ дорем ҳазорон орзу,
Рӯз аз рӯз беш мегардад далелу гуфтугӯ.
Ҳаст симояш кунун дар ғояти рушду нумӯъ,
Офтоби бахти мо омодааст баҳри тулӯъ,
Ҷаҳди моро беш гардон, Ҳазрати Парвардигор.

Баҳри рушди шаҳри худ мардона мебандад камар,
Кӯшишу ҳамбастагӣ, албатта, мебахшад самар,
Менамоем тозаву озода ҳар як бому дар,
Хайрамақдам менамоем дӯстонро бештар,
Зандагӣ бо таври нав дар шаҳр мегирад мадор.

Ин абармардон, Илоҳо, беш бошанд дар ҳаёт,
Мекунанд талқин мардумро ба азму бо субот,
Мегузоранд бештар дар зиндагӣ нақши барот.
Зиндагӣ ҳамвора мегардад пур аз айшу нишот,
Пири хатлонӣ мададгор аст бар ёру диёр.

***ЛУТФИ ХОМӮШ***

## НИДОИ КӮЛОБ

*(Фишурдае аз достони «Кӯлоби мардхез»)*

Сафои дигаре дорам ман имрӯз,
Ватанро меҳри дил орам ман имрӯз.

Ки номе аз Худовандӣ барад ӯ,
Ба хушнудиву хурсандӣ барад ӯ.

Расидӣ ҳокими ман дар замоне,
Амалро ҳамсадо н-омад забоне.

Маро соле ба ҷашнам дар шумор аст,
Ба ободониям рамзе қарор аст.

Ба оби тоза мардумро ниёзе,
Ба барқу газ бибояд имтиёзе.

Зи ободониям гапҳо зиёда,
Зи нақша чораҳо н-омад пиёда.

Маориф, маънавиёт доғдоранд.
Ба завқи дигаре дору мадоранд.

Хулас, мардум ҳама овора бошад,
Дигар дарде ба ӯ ҳамвора бошад.

Раис Абдуҷаббор санҷида дида,
Дар ин ҳолат ба аҳволам расида.

Кунун боре ба души хеш дорад,
Ҳимоят аз худу дарвеш дорад.

Ба халқам посдору ғамгусор аст,
Ҳалим садреву марди хоксор аст.

Зи иқдоми накӯяш шодӣ омад,
Ба ҳар соҳа пайи ободӣ омад.

Зи ҳар гӯша ба даври хонам овард,
Барӯмарде зи фарзандонам овард.

Биорост анҷуман саршори ҳикмат,
Вуҷудамро гирифт анвори ҳикмат.

Ба мардони шарифам қиссааш гуфт,
Бари ободии ман ҳиссааш гуфт.

Ҳама шод омада аз завқи ҳоким,
Ҳам овоз омода бо шавқи ҳоким.

Кунун эъҷози ман оғоз доранд,
Ба ҳар овози ман пардоз доранд.

Маро имони комил дар дилам ҳаст,
Чу аз мардони қобил маҳфилам аст.

Ки бар кӯи муродам мерасам ман,
Ба он наврӯзи шодам мерасам ман.

Маро Абдуҷаббор ҳоким, раис аст,
Ба номи Кирдигор, шахси азиз аст.

Варо одамгарӣ аз қиблагоҳаш,
Расидӣ бо ҳама диди нигоҳаш.

Зи деҳқон омода, дорад қаноат,
Ба мардони накӯ дорад қаробат.

Туро Мири Кабир бошад мададгор,
Шаҳи равшанзамир бошад мададгор.

Илоҳо, кам набинӣ, ғам набинӣ!
Дами сарде зи ноодам набинӣ!......

## АЗ СОЯДАСТҲОИ АДИБОН

Чӣ сон ғазал нависам, ки ту саропо ғазалӣ,
Ба зимистони умри банда чу моҳи ҳамалӣ.
Магӯ, ки: дер омадӣ ва ёри бемҳалӣ,
Барои ман ту азизиву гиромӣ аз азалӣ.

*Гули Зард. 15.04.2008.*

Шаҳди лаби ман заҳри ҳалоил гашта,
Ақлам зи фиғони ишқ комил гашта.
Рӯзам! Ба адам чаро ту моил гашта,
Фарёд, ки бахт хуфта коҳил гашта.

*Соядаст аз китоби «Ҷигарам, во ҷигарам»*
*«Бо умеди осудагии рӯҳи Шариф ва сарбаландии*
*Шумо, эҳдо аз муаллиф. Наср Бобо,*
*10.ноябри соли 2008»*

Манзили вайронаам як лаҳза обод аз ту шуд,
Як дили пурғуссаву ғамхонаам шод аз ту шуд.
Нанг дорад гар касе, бегонааш хондан хатост,
Пеш аз он хешу таборам боз имдод аз ту шуд…

*Соядаст аз китоби Саидҷон Ҳакимзода,*
*«Қадаҳи меҳр», «Сада», 1998*
*«Барои додарам, Абдуҷаббор Зардиев,*
*барои хотира, аз муаллиф. Имзо»*

## АЗ ХУШГӮИҲОИ АДИБОН

### ИЛТИФОТ

Боре шоир Қутбӣ Киром дар хонаи Ашӯр Сафар меҳмон мешавад ва аз нозу неъмати дастурхони шоир баҳравар гашта, лаҳзае пас аз кисааш дору бароварда мехӯрад.

– Ин чӣ дорӯ аст? – мепурсад Ашӯр Сафар аз «қудояш» Қутбӣ Киром.

– Дорӯи иштиҳо, – ҷавоб мегардонад меҳмон.

– Эҳе, соддае, доруи иштиҳоро дар куҷо хурданашро намедонӣ, бо ханда мегӯяд Ашӯр Сафар.

– Дар куҷо бояд хӯрам? – ба ханда даромада, – пурсиданӣ мешавад аз мизбон Қутбӣ Киром.

– Дар хонаи раис Абдуҷаббор Зардиюф, на дар хонаи ман.

Аз ин илтифот шоирон ва ҳозирин дуру дароз хандида, суҳбат қӯр мегирад.

### «КАЛХОЗА ТУ МЕХӮРӢВУ»…

– Устод, – ба Қутби Киром рӯ оварда суханашро давом медиҳад Ашӯр Сафар, – дар васфи дӯстат Абдуҷаббор Зардиюф бисёр шоирон шеър навиштанд, ту ягон шеър наменависӣ?

– Ман як пора нону хурду хӯрок ва 100-200 грам обу чой менӯшам дар ҳар меҳмондории Зардиюф.

Ту як колхози Зардиюфа мехӯрӣ, дар васфаш шеър намегависӣ!

### «ЯК МОҲИ ДАРОЗ ЗИЁФАТ МЕХӮРЕМ!»

Як вақтҳо шоирон Ашӯр Сафар ва Саидҷон Ҳакимзода дар осоишгоҳи Шоҳамбарӣ табобату истироҳат мекарданд.

Тифоқо, Абдуҷаббор Зардиев ба ин осоишгоҳ рафтааст.

Чун Ашӯр Сафар раисро мебинад, ваҷоҳаташ дигар гашта, дар лабонаш ханда гул мекунад.

– Чӣ ин қадар хурсанд шудӣ, устод? – аз шоир мепурсад ҳампешааш – Ҳакимзода.

– Намебинӣ, кӣ омода истодааст, Зардиюф!

– Хайр, чӣ?!

– Хайр чӣ. Иншолоҳ, як моҳи дароз зиёфат мехӯрем, бо хурсандӣ мегӯяд, устод Ашӯр Сафар.

## ЯК ҲАФТАИ ДИГАР «ТАГИ ПАР» МЕШАВЕМ

Тобистони соли 2005 ҷашни 60 салагии шоири зиндаёд Ҳабибулло Файзулло дар ноҳияи Ховалинг ҷашн гирифта мешуд.

Адибон Меҳмон Бахтӣ, Гулназар, Абдулҳамид Самад, Саидалӣ Маъмур, Ҳақназар Ғоиб, Атахони Сайфулло, Карим Абдул ва бисёр дигарон ҳузур доштанд.

Вақте ки Абдуҷаббор Зардиев – раиси шаҳри Кӯлоб – вакили Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зодаи ин диёри адабу фарҳангзой омад, хурду калон ба пешвозаш баромаданд.

Хурсандии адибон низ дар лаҳзае ҳувайдо гашта дар сифати раис гуфтугӯ паст – паст қӯр гирифт.

Чун раис адибонро дар гӯшае дид, наздашон рафта, лабонаш моили табассум гашта, вохӯриву пурсупосу суҳбат ҷиллои нав гирифт.

– Бегоҳӣ омадем, шаб шамоли сахт ва борон шуд – гуфта, аз бебарқӣ ба тариқи норозиёна ба шикояти байни худӣ сар кард шоири ҷавоне.

– Ҳеҷ гап не, – ба гап ҳамроҳ шуд, шоири халқ Қурбоналӣ Раҷаб,-

– Ана, Абдуҷаббор Зардиюф омад – ӯ ворисии адибони кӯлобӣ буда, паи қадами хуб дорад. Бо шарофати қадамҳои неки ӯ, Худо хоҳад, як ҳафтаи дигар «таги пар» мешавем. Ханда дар лабони ҳама гулдӯзи шуда, ҷашн бо хурсандӣ ва суҳбату шеъру ғазал идома ёфт…

## ХУДО Ё ҶОНМА ГИРАД Ё ИШКАМБАМРО КАЛОН КУНАД

Мегӯянд, ки Абдуҷаббор Зардиев, дар ҳақиқат, илму фарҳангу адабдӯст аст.

Дар зиёфате, ки ин марди адабдӯст ороста буд, ҳама адибони ҳузурдошта аз нозу неъмати фаровон нӯши ҷон карда, куфти гармову зиндагӣ мебароварданд.

– Худоро шукр, гуфта шоири халқ Қурбоналӣ Раҷаб даст ба болои ишкамаш бурда, ким чие аз дил гузаронидааст.

– Чӣ шуд устод? – пурсидааст Фозил Солимзода.

– Худо мегӯм, ё шикамамро калон кунад ё ҷонамро бигирад – посух додаст Қурбоналӣ Раҷаб.

* * *

Абдуҷаббор Зардиев ба мисли авлодҳои донишманду эҷодкор, далеру ҷасур ва ибратмандаш қалам ба даст гирифта, ба эҷод низ машғул мешавад. Ӯ муаллифи китоби дастҷамъии «Кӯлоб шаҳри қадиму шуҳратманд», Душанбе. «Эр-граф»-2006. (Бо ҳаммуаллифии Ю.Яъқубов ва Д.Довудӣ) буда, аллакай китоби калонҳаҷми ӯ омодаи чоп буда, паҳлуҳои зиёди зиндагӣ ва фаъолияташро дар бар гирифтааст.

Ба замми гуфтаҳои саҳифаҳои қаблӣ, дар васфи фаъолияти ибратбахши ӯ бисёр адибону олимону журналистон навиштаанд. Аз ҷумла китоби адибу донишманди машҳур, профессор Карим Абдулов «Сафар ба мулки муъҷизаҳо», «Адиб», 2006 ва ғайра.

Хулоса, ин бузургмард истеъдоди худододи модарзоди аҷдодӣ, далериву ҷасурӣ ва ватандӯстиву инсондӯстии худро бо меҳнат, дар ободониву шукуфои Ватан ва зиндагии хушу хуррами мардум мебинаду дармеёбад.

Табиатан, чунин аст истеъдод, ки аз авлодон тавассути хун аз насл ба насл ва аз давр ба давр мегузарад, ки имрӯз ин марди бузург онро дар инкишофу нумуи хоҷагӣ ва дигар кору амалҳои ибратбахш сарф кардааст ва сарф мекунад.

Абдуҷаббор Зардиев соли 1970 бо Ҳавашбӣ ном духтари ҳамдеҳаашон хонадор шуда, алҳол соҳиби 10 фарзанд ва набераҳо мебошад.

Абдураҳмон (Ба номи бобокалонаш номгузорӣ шудааст) –корманди соҳаи амният, Бахтиёр – иқтисодчӣ, Абдунабӣ – тоҷир, Ҳусниддин – омӯзгори забони англисӣ, Сафар ва Ҷовидон хонандаи мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ буда, ҳама дар хизмати халқу Ватан мебошанд. Макнунаву Аслбӣ соҳиби хонаву дар, Маҳрамбӣ донишҷӯи ДОК аст…

## ШАРИФ



Шариф ҳуқуқшинос, муовини аввали раиси хоҷагӣ буд, 10 ноябри соли 2006 аз дунё даргузашт…

Шариф аз фарзандони Абдуҷаббор ба илму ирфон рағбати бисёр дошт. Ӯро ҳам бобояш мулло Абдураҳим ба хотири амаки домуллояш Мулло Шариф, Шариф ном ниҳод. Бобои Абдураҳим он амакашро ниҳоят дӯст медошт ва дар бораи ӯ нақлҳои аҷибе мекард:

– Мулло Шарифи амакам – мегуфт бобои Абдураҳим, – домуллои боилм ва Шоҳномахони аҷибе буд. Ӯ ровии деҳаи Тутак ва қаламрави Ховалинг буд. Ӯ ба илму китоб чунон дода шуда буд, ки кори хонаашро ҳаргиз намекард, фақат китоб мехонд. Ёд дорам, ки борҳо боми хонаи ӯро аз барф мо, бачаҳо бо ҳашар тоза мекардем. Шабу рӯз дар назди амаки Шоҳномахонам будам. Ӯ барои ман «Шоҳнома»-ро мехонд. Қиссаҳои паёмбаронро низ бароям мехонд. Ана, барои чӣ ба писари чаҳоруми Абдуҷаббор номи амаки муллои китобхонам Мулло Шарифро ниҳоданд. Дигар ин, ки Шариф дар моҳи шарифи Рамазон ба дунё омадааст.

Ӯ мактаби миёнаи деҳа ва Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистонро хатм кард. Хуқуқшинос буд ва ба замми он, ӯ тавассути истеъдоди баланди авлодӣ, донишу маҳорат шеърдону достонсаро буд. Шоҳномахонӣ мекард. Аз эҷодиёти Саъдию Ҳофиз, Бедилу Ҳилолӣ, аз адибони муосир Аскар Ҳакиму Сафармуҳаммад Аюбӣ бисёр шеърҳо медонист. Шарифи ҷавон бисёр китобу фарҳандӯст буд. Таърихи гузаштагонашро шунида, мехост зимнан бисёр омӯзаду донад. Китобҳои зиёдеро харидаву ҷамъоварӣ мекард. Мехост китобхонаи хубе ташкил диҳад ва чун гузаштагони ибратбахшаш ибратмандӣ зоҳир намояд.

Вақте ки шеърхониву шоҳномахонӣ ва дастонсарой менамуд, вуҷудашро ҳиссиёти ботинӣ фаро гирифта, хурсанд

мешуд, мешукуфт, чеҳрааш зеботар мегашт, меболид ва худро озоду сарбаланд медонист.

Ӯ аз пайи падару бобову бобокавлонҳояш буд. Баъди хатми Донишгоҳ аввал дар хоҷагӣ ҳуқуқшинос шуда кор кард, пас қобилияти ӯро ба назар гирифта, аз соли 2004 ба вазифаи муовини аввали раиси хоҷагӣ интихобаш карданд. Дар ин вазифа фаъолона кор кард, намунагӣ нишон дод, дар истеҳсол намудани неъматҳои моддӣ саҳми калон гирифт.

Вале, ҳайҳот, зиндагӣ ва умр сабти китоби нонавишта дар пешонист. Шарифи ҷавону соҳибистеъдоди хоҷагидор рӯзи рамазон, 10 ноябри соли 2006 хост рафта аз ноҳияи Исфара тухмии навъи нави сарҳосили гандум оварда, ин соҳаро дар хоҷагӣ тараққӣ диҳад. Аммо тақдир риштаи умри ӯро дар роҳи сафар, роҳи нияти нек, дар арафаи иди моҳи шарифи Рамазон, дар роҳи назди деҳаи Чартеппаи ноҳияи Данғара барканд ва аз дунё даргузашт.

Шариф оянадаи бузург дошт, вале афсӯс…

Мо дар ин навиштаҳо аз эҷоди адибон дар васфи ӯ порчаҳо меорем:

## АЗ ПАЙИ ПАДАР

Ҳар он касро падар гар тоза бошад,
Варо ҳам ҷону ҳам сар тоза бошад.

Чаро, ки тухм дар пушти падар ҳаст,
Падар з-ин рӯ ҳамеша муътабар ҳаст.

Шариф ҳам аз падар чун тухмаи пок,
Зи ҷисми модараш омад ба ин хок.

Заминро чун падар бар ҷон кашида,
Зи ишқаш бар замин майдон кашида.

Ба гӯши ӯ азони «Ҳақ» расида,
Нафас аз «Ҳақ» ба нафси ӯ чакида.

Шариф асту шарифӣ пеша дорад,
Яқин, аз решаи хуб реша дорад.

Аҷоиб бачаи ширинзабон аст,
Ҳалиму шермарду меҳрубон аст.

Ва ӯ мисли падар Ҳақро парастад,
Ягона шоҳи мутлақро парастад.

Чу ӯ мисли падар деҳқон бигардад,
Ба ҷисми хастааш чун ҷон бигардад.

Ва ӯ мисли падар мардум парастад,
Барои зиндагӣ гандум парастад.

Ҳама нонро ситоиш менамоянд,
Ба лаб бӯсида соиш менамоянд.

Шариф омад зибаски марди деҳқон,
Шуда аз меҳнаташ олам гулистон.

Шунидӣ ин ҳадиси моҳи тобон,
Муҳаммад бӯса карда дасти деҳқон.

Бидон, ки нони деҳқонӣ ҳалол аст,
Сахои дасти ӯ садҳо ниҳол аст.

Яқин, ҳам ҳақпарастӣ пеша дорад.
Ба монанди падар андеша дорад.

Ҳақиқатпеша асту ҳақпараст аст,
Ниҳад бар меҳнаташ меҳри Худо даст.

Шариф ҳам мисли падару бобою бобокалонҳои Шоҳимардияш ҷавонмарди ҳақиқатҷӯву ҳақпараст аст.

Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон,
Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад.

Аз забони падари Шариф ва худи Шариф нақлест, дар бораи дар банди ирфон печидани Шарифи ҳабдаҳсола. Дар як моҳи рамазон Шариф ба хондани «Шоҳнома» оғоз кард. Овози баланд, монанди овози падару бобояш боқувват дорад. Чун Шариф ба шоҳномахонӣ гузашт, аз завқи қиссаҳои пурошӯб беихтиёр аз қироати хуфия ба ҷария гузашт. Ин

ҳолат дар ӯ понздаҳ рӯз давом кард. Шариф чун бобои Мулло Шарифи Тутакӣ «Шоҳнома»-ро баланд-баланд шастакӣ мехонд. Ӯ овозашро гоҳо монанди овози бобои худораҳматияш мулло Абдураҳим мекард.

Шаби понздаҳуми шоҳномахонӣ, ки ҷилди дуюми «Шоҳнома» дар дасташ буд, падар ҷиддӣ ба Шариф супориш медиҳад, ки Шоҳномаро пасттар хонад.

– Агар паст хонда наметавонӣ, нахон, – мегӯяд падараш – Шаби дароз хоб нестӣ. Боз девона нашавӣ. Агар натавонӣ, нахон!

Ҳолдонҳо ва худи Шариф мегӯяд, ки ҳамон понздаҳ рӯз барои ӯ рӯзҳои нотакрор буд.

– Ман ҳамон рӯзҳо худро шинохтам, – мегӯяд Шариф, – ҳарчанд мехостам, ки «Шоҳнома»-ро пасттар хонам, наметавонистам. Илҳомам меомад, ки «Шоҳнома»-ро баланду баландтар хонам.

– Ӯ ба шавқ мехонд «Шоҳнома»-ро – мегӯяд модараш Ҳавашбӣ – дар вақти шоҳномахонӣ гоҳе механдиду гоҳе баланд-баланд бо оби дидаи шашқатор мегирист.

Шариф дар тариқати падараш ҳаст. Тариқати падараш ҳақиқат аст. Ҳақиқате, ки бобоёнаш Абдураҳиму Раҳмоналию Шайхи Мулло Давлати Тутакӣ пайравӣ доштанд.

Шариф ҳамчун падар андеша дорад
Хирадмардӣ барояш пеша дорад.

Чун ӯ Модар – Заминро дӯст дорад
Ҳама чархи бринро дӯст дорад.

Чӣ гӯям, дар ҳақиқат, устувор аст,
Ту гӯӣ, ки яқин, Абдуҷаббор аст.

Ҳама рафтору гуфтораш падарвор,
Чунин андар тариқат мекунад кор.

Ва чун фарзанди ҷонии Замин шуд,
Ба хоки раҳ чу тифле ҳамнишин шуд.

Ба монанди падар ӯ хоксор аст,

Ғуломи бандаи Парвардигор аст.

Замин аз меҳнати ӯ шод гардад,
Ҳамеша хонааш обод гардад.

Ҳақиқатпешаву чолок бошад
Сахию ҳақталошу пок бошад.

Чу шаҳболи падар бошад ба дунё,
Ҷавони ҳақназар бошад ба дунё.

Ба паҳлуи падар ӯ кор дорад,
Заминро чун падар шудгор дорад.

Замин ҳам меҳри худ бо ӯ ато кард,
Ва ӯро бандаи поки Худо кард.

Дигар ӯ ҳам заминро мепарастад
Худои нозанинро мепарастад…[1]

1 Дар бораи Шариф аз достони «Азони ҳақиқат»-и шоир Одина Раҳмон порае оварда шуд. Муаллиф.

## АДИБОН ДАР ВАСФИ ШАРИФ (МАРСИЯҲО)

***Гурез Сафар***

### СӮГВОРӢ

*(Навҳаи Абдуҷаббор Зардиев ба марги нобаҳангоми ҷигарбандаш Муҳаммадшариф)*

Хона оям, нестӣ пушти дарам,
Пушти дар сармонда мебинам сарам.
Осмон бинам нагун чун соғарам,
Соғари ҷонам нагун дар пайкарам.
Устухонам об шуд аз дурият,
Мекушад охир маро маҳҷурият.

Гуфта будам, пушт бар пуштам ниҳӣ,
Дасти чархи каҷ сари муштам ниҳӣ.
Пои тобутат ниҳодӣ бар кафам,
Рӯи дасти ғам кашидӣ чун дафам.
Устухонам об шуд аз дурият,
Мекушад охир маро маҳҷурият.

Боғи умрам аз қадат қад мекашид,
Қадди ту як дидаву сад мекашид.
Мазраи сабзи фалакро дид хушк,
Осмонро панҷаи рад чид хушк.
Устухонам об шуд аз дурият
Мекушад охир маро маҳҷурият.

Пеш аз ин буд пои ман рӯи замин,
Погузории замин рӯям бубин.
Киштгардони замин будам шиор,
Мекунам акнун замини дил шиёр.
Устухонам об шуд аз дурият
Мекушад охир маро маҳҷурият.

Ҳар саҳар мепурсад аз ман Офтоб:
– Кай чунин буд ҳамдами ман дерхоб?!
Гӯ, бихезад зуд, зӯри ҳам шавем,
Тирагӣ афзуд, нури ҳам шавем.
Устухонам об шуд аз дурият
Мекушад охир маро маҳҷурият.

*Марти соли 2007*

***Наср Бобои Сарфароз***

**ОМУРЗИШ**
**хостани рӯҳи Шарифҷон**
**аз падари бузургвораш Абдуҷаббор Зардиев**

Шаҳди лаби ман заҳри халоил гашта,
Ақлам зи фиғони ишқ комил гашта.
Рӯзам! Ба адам чаро ту моил гашта?
Исонафасон ба ман муқобил гашта,
Фарёд, ки бахт хуфта коҳил гашта.
Бардоштаӣ, падар, ту тобути маро,
Бар хок супорӣ ҷисми хулбути маро.
Шаънат-ҳама ифтихори худ мегуфтам,
Азмат-самару барори худ мегуфтам.
Раҳми ту зи Кирдигори худ мегуфтам,
Фарҳанги ту ганҷу бори худ мегуфтам.
Донам, падаро, гаҳе маро ёд кунӣ,
«Ай, вои Шариф!» – гуфтаву фарёд кунӣ.
Шабҳо ҳама шаб нахуфта, бедор будӣ,
Аз шӯру шару бало нигаҳдор будӣ.
Рахшандаситораи шаби тор будӣ,
Ибратгуҳари мани падардор будӣ.
Фарзонаву хушхулқу камозор будӣ.
Бахшо, падар, ки додам озорат,
Маҳрум шудам зи гармии дидорат.

Шаҳ карда маро, ту Шоҳимардон гуфтӣ,
Аз шавқу ҳавас ту шери майдон гуфтӣ.
Риндона маро Шоҳини даврон гуфтӣ,
Иқболи баланду пораи ҷон гуфтӣ,
Фархундахисолу некпаймон гуфтӣ.
Ин шоҳи туро хоби абад пеша шуда,
Ларзон дили ту зи появу реша шуда.
Шому саҳари Худо дуъоям додӣ,
Аз меҳр ба мағзи сина ҷоям додӣ.
Раҳтӯша дилу сидқу сафоям додӣ,
Ин ганҷи фузун абад бароям додӣ?
Файзи худу аҷдод бароям додӣ.
Афсӯс, ки рехтам ба раҳ ганҷи туро,
Як буду ҳазор кардаам ранҷи туро.
Шоҳини ба парвози ту бебол шуда,
Аз фурқати ман қомати ту дол шуда.
Ранги рухи ту зард чу зелол шуда,
Ин заҳмати афзуни ту помол шуда,
Фурсат чу расид, марг хушҳол шуда.
Аз дасти аҷал кас хати озод надид,
Як кундаву як решаву авлод надид.
Шаҳтӯи ман асту китфи ҳамхӯрдаи ту,
Аҳсан ба ту бод, бар дилу гурдаи ту.
Раҳ меравию чу нори афшурдаӣ ту,
Ин банди ҷигар ба хок биспурдаӣ ту,
Фарёдзанон, бо дили афсурдаӣ ту.
Ай ҷон падаро, ба кори хайрат ҷонам,
Кардӣ ту ба назди ҷадди худ меҳмонам.
Шукрона, бари Шоҳи шаҳидон хобам,
Аз фазлу карам кушояд ӯ сад бобам.
Рӯшан бишавад гӯри ману асҳобам,
Ин «хона» чу қасру Шаҳ бувад Маҳтобам
Фардо ба сафаш ситода Ҷаннат ёбам.
Ҷоно, падаро, ту ҳам бубахшой маро,
То шод шавад равонам аз ҳарду саро.
Шуд холӣ майи умр зи паймонаи ман,
Афтод ба сар бому дари хонаи ман.

Раззоқ ғизо надод бар донаи ман,
Ин дам шунавад ҷумлагӣ афсонаи ман,
Фарёду фиғон зи марг-завлонаи ман!
З-осемасарӣ дор падар, маъзурам,
Ман то абад он Шарифу ту маъмурам.
Шарҳи ғами ту ҳазор дафтар гардад,
Аз хониши он чашми малак тар гардад.
Рахшанда ситора хоку абтар гардад,
Ин ғусса ба гирди кеҳу меҳтар гардад,
Фарёд занӣ, гӯши фалак кар гардад.
Мегирйӣ ту, хоки марқадам нам гирад,
Гулгункафанам, лола сараш хам гирад.
Шукрона, ки ман акову додар дорам,
Аз бахти баланди хеш хоҳар дорам.
Рафтам зи ҷаҳон, ёру бародар дорам,
Инак, падаро, хонаву ҳам дар дорам,
Фарзанд – нишони меҳрпарвар дорам.
Шукрона бикун зи акаву додари ман,
Аз баччаву аз духтару аз хоҳари ман.

## ОДИНА РАҲМОН
**узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон**



Ин ҷавони соҳибистеъдоду боғайрат дар оилаи шахси донишманд Мулло Абдураҳими писари Домулло Абдураҳмони Шайхи Мулло Давлат ба дунё омадааст.

Агарчи ӯ корманди соҳаи фарҳанг бошад ҳам, зеҳни хуб, донишу заковат, меҳру муҳаббат ва пешаи аҷдодӣ вайро ба ҷодаи шеъру шоирӣ ҳидоят менамоянд.

Одина ҷавони серғайрату навҷӯ аст. Ба адабиёт дилбастагии бузург дорад. Чакидаҳои хомааш сермаънову пурмуҳтаво ва шевову ширин мебошад. Баробари назм асарҳои насрӣ низ меофарад.

Дар эҷодиёташ достон, қасида, шеъру ғазал, рубоиву

дубайтӣ ва драмаҳо мавқеи хоса доранд.

Ин ҷавони лаёқатманд аз ашъори гузаштагони худ бархӯрдор буда, ба мисли онҳо эҷодкор мебошад. То ҳол асарҳои зиёде ба табъ расонидааст. Китобҳои «Имтиҳон ва қасос» (драма иборат аз 2 қисм ва 4 намоиш), маҷмӯаҳои «Ҳазору як ҳавас», «Нафаси тоза», «Тӯйи Кӯлоб», «Майхонаи Мавлавӣ» ва дигар асарҳо маҳсули қалами ин адиби ҷавону соҳибистеъдод мебошанд.

Ба китоби «Нафаси тоза»-и Одина Раҳмон Шоири халқии Тоҷикистон устод Муҳаммад Ғойиб бо чунин суханон пешгуфтор навиштааст:

«Нафаси тоза» сеюмин китоби шоири ҷавон Одина Раҳмон аст, ки меҳру муҳаббат, умеду армон ва ҳасрати ӯро дар шакли қасидаҳо, шеъру ғазалу рубоиву дубайтиҳо нисбати оламу одам, давру замон ва ҳаводиси зиндагӣ ифшо месозад. Китоб дар панҷ. қисмат банду баст шудааст.

Қисмати аввали китобро шоир дар пайравӣ ба анъанаҳои классикони адабиёти ҷаҳонгири форсу тоҷик, дар мадҳи Худову Расул (с) бахшидааст. Дар қисматҳои дигар китоб шоир моро дар чаманистони андешаҳои орифонаву фалсафии хеш сайр медиҳад...»

Одина Раҳмон на танҳо дар назм, балки дар наср низ ба комёбиҳо ноил гаштааст. Масалан, асари драмавии ба чашни 680-солагии алломаи бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бахшидаи ӯ «Имтиҳон ва қасос» ба гирифтани ҷоизаи умумиҷумҳуриявии ин ҷашнвора мушарраф гардид. Ин шоири ҷавон дар айни камолоти эҷодӣ буда, адабиёти бузургу боғановати тоҷик аз ӯ комёбиҳои баланди эҷодиро интизор аст.

Одина Раҳмон аз соли 2000 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.[1]

Инак, намунае аз табъи Одина Раҳмон:

---

1. Одина Раҳмон соли 1962 дар деҳаи Сарёзии миёна таваллуд ёфта, он ҷо зиндагӣ мекунад ва сарварии Қасри фарҳанги хоҷагии ба номи Сайид Алии Ҳамадониро ба ӯҳда дорад.

## АЗ РУБОИЁТ

Зикри ту кунад наботу ҳайвону малак,
Хуршеду маҳу замину дунёву фалак,
Одам, ки ба ӯ ризқи ҳазорон додӣ,
Шукрона намекунад аз он нону намак.

* * *

Асрори ҷаҳон зи нури ту фаҳмидам,
Мастиву ҷунуну шӯри ту фаҳмидам,
Донам, ки Карими меҳрубонӣ, ё Раб.
Рози дили пурсабури ту фаҳмидам.

* * *

Ман мастаму бе сабӯву бе паймона,
Ман мастаму не май асту не майхона.
Ман мастаму чононаи ман ҳушёр аст.
Ҷонона шавад маст, шавам девона.

* * *

Бе ту, чу шабони торгардид саҳарам,
Чун душмани ҷони ман бишуд бому дарам.
Маҷнун шудаму зи хона берун рафтам,
Бегона шуда хешу табор дар назарам.

## АЗ ДУБАЙТИҲО

Ба хуни дил нависам номаи дил,
Фалак нашнида гӯё нолаи дил,
Аз он тухми ғаме, ки дар дилам рехт,
Барояд ҳар баҳорон лолаи дил.

* * *

Ду чашми ашкбору чун саҳобам,
Сари шаб то саҳаргоҳон нахобам.
Бигардам ғарқи дарёи муҳаббат,

Парии бахти худро то биёбам.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Расон, эй пайки муштоқон, паёми мо ба кӯи дӯст,
Дар ин ғурбатсаро гардидаам пазмони рӯи дӯст.
Ман он сайдам, ки дар домаш асирам, лек меболам,
Аз ин рӯ, бастаам ҷону дилам бар тори мӯи дӯст.
Насими субҳдамро ҳар саҳар пайваста мебӯям,
Ҳамехоҳам расад андар димоғам то, ки бӯи дӯст.
Дар ин дунё зи пазмонӣ дилам пайваста месӯзад,
Худоё, кай равам монанди нуре ман ба сӯи дӯст.
Шароби шавқ мехоҳам, ки то як дам биосоям,
Бихоҳам бодаи нобе ман аз чому сабӯи дӯст.
Адӯи ёри мо дар зиндагонӣ беш гардида,
Бизан теғи сухан, Одина, бар фарқи адӯи дӯст.

* * *

Раҳи торикро равшан кунад рӯзе чароғи мо,
Агар хоҳӣ биёбӣ ганҷи дил, бинмо суроғи мо.
Дилам оташ гирифта аз ғаму аз ғусса месӯзад,
Бисӯзад рӯи олам шӯълаи як зарра доғи мо.
Дилам аз ғам ба сони кураи оҳангаре бошад,
Бубинӣ лолаи ғам дар канори боғу роғи мо.
Барои дидани рӯяш ба сайри бӯстон рафтам,
Насими кӯи ӯ бигзашт дӣ аз кӯчабоғи мо.
Чӣ хуш, гардам шаҳиди остони даргаҳи покаш,
Зи хуни мо чу гул бишкуфта он ҷо дарду доғи мо.
Шукуфад гулбуне аз хуни мо дар остони ӯ,
Расад бӯи муҳаббат ҳар саҳаргоҳ бар димоғи мо.
Бидидам рӯи ӯ дар саҷдаю рози дилам гуфтам,
Бигашта тоза рӯи поки мо чун шабчароғи мо.
Бигуфтам: то ба кай Одина месӯзад зи ғамҳоят?
Бигуфто: дӯст гар бошӣ, намебинӣ фароғи мо.

# АБДУЛҲАКИМИ РАҲМОН

Абдулҳаким соли 1912 дар оилаи Мулло Абдураҳмони Шайхи Мулло Давлат таваллуд ёфт.

Падараш шахси ҳунарманду донишманд буд. Ӯ Абдулҳакими наврасро ба тарбияи худ гирифта, таълим дод. Баъди дар се мадрасаҳои шаҳраки Ховалинг хонондан барои идомаи таҳсил дар мадрасаи Мири Араби шаҳри Бухоро тайёр намуд.

Дар он солҳо Домулло Эшонхоҷаи Шайхувайсии Хатлонӣ дар мадрасаи мазкур мударрис буд. Ин марди донишманд баробари дигар ҷавонони толибилми ховалингӣ Абдулҳакимро имтиҳон гирифт. Аз зеҳну истеъдоди ӯ хурсанд шуда, вайро барои идомаи таҳсил дар мадрасаи Мири Араб тавсия дод. Вале дар 9-10–солагии Абдулҳаким Инқилоби Октябр ба ватани азалии тоҷикон – кӯҳистон низ қадамҳои худро гузошт. Сохти нав пеш оамада, масҷиду мадрасаҳо чун марказҳои таълимоти динӣ аз байн бурда шуданд.

Абдулҳаким дигар таҳсилро идома дода натавонист. Вале бо таъсири падари донишмандаш ва Домулло Сайидумари хаттоти машҳуру моніқалами Шайхувайсигӣ, ки толибилми мадрасаи Мири Араб буд, ба хушнависӣ пардохт. Ӯ хаттоти хуб ва ҳофизи беҳтарини Қуръони Маҷид буд. Дар ҷавониаш чун мирзо ба рӯйнавис намудани китобҳои нодир пардохт. Китобҳои зиёдеро бо хати зебояш рӯбардор кард.[1]

Чун сохти Шуравӣ дар кишвари тоҷик реша давонда, доман густурд, Абдулҳакими хушзеҳну соҳибистеъдод ба омӯзиши таълимоти нав пардохт. Дар муддати кӯтоҳ хату савод пайдо намуд.

1. Дар айни замон чун маҳсули хати зебои ӯ як «Ҳафтяк», як «Чаҳоркитоб» ва пораҳое аз «Маснавии Маънавӣ»-и Ҷалолиддини Балхӣ дар дасти пайвандонаш боқӣ мондааст.

Хату савод, донишмандӣ ва ғайратмандии Абдулҳакимро ба эътибор гирифта, ӯро дар ҳабдаҳсолагиаш ба котибии Ҷамоати Охтераки ноҳияи Ховалинг таъин намуданд.

Дере нагузашта Абдулҳакими ҷавон чун шахси босаводу уҳдабаро, донишманду меҳнатдӯст шинохта шуд. Ин буд, ки ӯро яке аз аввалинҳо шуда ба сафи ҳизби коммунисти болшевикон қабул карданд.

Баъдтар ба вазифаи раисии идораи кирмакпарварии ноҳия пешбарӣ намудаанд. Ӯ дар ин вазифа чандин солҳо фаъолона кор кард. Худро бо халқу давлат бо меҳнат шинос намуд...

Солҳои 1936-1937 мардуми ноҳия Абдулҳакими Раҳмонро ба вакилӣ дар Шӯрои Олии СССР пешбарӣ намуд. Вале ҳайҳот, ки сиёсати нави замон – «сегона» ва бадарғакунӣ дар Ватан пеш омадаанд.

«Таҳту тагас»-ҳо ва пурсу посу каҷбиниҳо садди роҳ шуданд. Ин ҷавонмарди далеру боғайрати донишмандро писари домулло, дар мадраса хонда, муллозода ва шахси бегонаву «душмани халқ» гуфта, даҳ рӯз пеш аз интихобот ба ҳабс гирифтанд. Ӯ чун устод Айнӣ, Раҳим Ҳошим, Ҷалол Икромӣ ва бисёр дигар адибону донишмандон ба туҳмату буҳтон ва шиканҷаҳо гирифтор шуд...

Ҳарчанд ягон далели асоснок набошад ҳам, ӯро «душмани халқ» ҳисобида, ба маҳкама кашиданд. Дар маҳбасҳои тангу тору бадбӯй моҳҳои дароз азоб кашида, зиндагӣ кард. Билохира ӯро ба шаҳри Тамбови Сибири Руссия барои «ислоҳ» бадарға намудаанд.

Абдулҳакими донишманду адабдӯстро ягона мунисаш эҷоди шеъру ғазалҳо ва мусаддасу дигар чакидаҳои назмӣ буд. Ӯ меҳри дили пурдард, тангии замона, асорати ноҷо, туҳмати рӯирост ва дигар паҳлуҳои он рӯзҳои пуршӯри даҳшатборро бо назм ифода карда менавишт.

Гоҳҳо чакидаҳои хомаашро ба хешу табор ирсол менамуд. Қисме аз онҳо ба дасти наздиконаш мерасиданд. Вале хешу табору наздикони ӯ низ дар ҳарос буданд. Ҳар як хати бо сӯзу гудоз навиштаи Абдулҳакимро гаштаю баргашта

мехонданд.

Чакидаҳои назмиашро аз ёд мекарданду бо ашки равон дар чашмҳо пинҳонӣ мехонданд...

Мо парчаҳое аз мухаммаси аслӣ пайдо намудем, ки онро дар яке аз мактубҳояш ба бародараш Абдураҳим ирсол намуда, он аз забони бародараш навишта гирифта шудааст:

Он мисраъҳои мухаммас чунинанд:

Дил даруни синаам аз зарби ғам афгор шуд,
Ин ҷавониям гуле буду мисоли хор шуд.
Буд нуре дар дилам гӯё, ки ногаҳ нор шуд,
Ин тани пурҳасратам воситаи девор шуд.
Ҳайфи ин умри азизам, во дареғо, хор шуд,

Аз барои кори Шӯро рӯзу шаб метохтам,
Баҳри иҷрои плон ҷонро фидо мехостам,
Душману дӯсти худамро бармаҳал нашнохтам.
Ҷони ширинам ба гирдоби бало андохтам,
Ҳайфи ин умри азизам, во дареғо, хор шуд.

Доштам ман дар ҷаҳон ёру бародар дӯстон,
Ҳам такаллум, ҳам тараҳҳум, ҳам табассум дар миён.
Гардиши чархи фалак моро ҷудо кард ногаҳон,
Дидани ёрон ба ман амри муҳол аст ин замон
Ҳайфи ин умри азизам, во дареғо, хор шуд...

Абдулҳакими Раҳмон аз туҳмату буҳтони даврони таъқиботи замон дар бадарға соли 1942 дар шаҳри Тамбов бо ҳасрату нафрат оламро падруд гуфт. Ин мисраъҳои пароканда аз охирин мактуби ӯст:

Дӯстон аз ин ғами ҳиҷрон дилам сад чок шуд,
Гардиши чархи фалак бар ман рафиқи хок шуд…

Вақте ки хати сафеду бегуноҳии ӯ ба диёраш омад, аллакай дер шуда буд. Агар ин бузургмард ба чунин таъқиботи

ноодилонаи беасос гирифтор намешуд, имрӯз аз ӯ набераву аберaҳои зиёд, боғу бӯстонҳо, шеъру суруду китобҳо ба ёдгор мемондаанд. Ӯ дар бунёди навини Ватан нақши нек мегузошт.

Вале сад афсӯс. Во ҳасрато, во дареғо, ба часорату ҳунари бузурги Абдулҳакими соҳибистеъдод! Во ҳасрато, во ҳасрато, во ҳасрато... Рӯҳаш шоду манзили охираташ обод бод!...

Писари Абдулҳаким – Саид хатмкардаи Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон буда, дар ноҳияи Фархор кору зиндагӣ мекард. Соли 2001 аз дунё даргузашт.

Ҳамсари Саид Розиямоҳ аст. Ӯ духтари амакаш – Мулло Абдураҳим мебошад.

Розиямоҳ соҳиби даҳ нафар фарзанд буда, қаҳрамонмодар аст. Агарчи Абдулҳакими зиндаёд дар бадарғаву ғурбат аз дунё даргузашта бошад ҳам, Саид ва фарзандону наберагони ӯ давомдиҳандаи умри он марди дарёдилу маърифатпарвар мебошанд....

* * *

Аз Домулло Абдураҳмон се духтар ба дунё омада буд ва яке аз онҳо Марямбӣ (1914-2002) истеъдоди баланди фитрӣ дошт. Аз адабиёти гузаштагон, бахусус Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул бисёр шеъру ғазал ва байту таронаҳо медонист. Бибии Марямбӣ чун падару бародарҳояш бомаърифату бофарҳанг буд, бо Миразор ном шахсе солҳои зиёд зиндагӣ кард, вале мутаассифона аз онҳо фарзанде боқӣ намондааст.

Духтари дигари Абдураҳмон Гулсунбӣ (1916-1996) буд ва аз ӯ Эркамоҳ, Зикамоҳ, Хатичамоҳ, Маликамоҳ, Раҷабмоҳ ва писари ягонааш Асомиддин ба дунё омадаанд. Ҳоло Асомиддин дар шаҳри Душанбе кору зиндагӣ мекунад.

Аз Зумратбӣ Саломиддин, Сайтоҷиддин, Рӯзигул, Ҳасан, Ҳусайн, Асадулло ва Гулҷаҳон ба дунё омада, ҳамаи онҳо дар деҳаи Сарёзии миёна кору зиндагӣ мекунанд.

## ЗУҲУРИ ДАВЛАТ

Зуҳур зодаи деҳаи Тутак аст. Дар назди падар ва мадрасаҳои маҳаллӣ таълим гирифта буд. Чун марди далеру шуҷоъ ҷасорат дошт. Аз адабиёт, бахусус, шеъру шоирӣ бархӯрдор буд. Деҳқонӣ ва боғдориро дӯст медошт. Қариб аксарияти эҷодиёти амакаш Ҳоҷӣ Муҳаммадрасулро аз ёд медонист.

Аз Зуҳур Ҳайдар, Мирзобақо, Сайидмуҳаммад ва дигарон ба дунё омадаанд.

Ҳайдар дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекард.(то с.2007) Мирзобақо ва Сайидмуҳаммад дар деҳаи Ғелоти ноҳияи Восеъ зиндагӣ мекарданд. Ҳамаашон аз олам даргузаштанд.

Аз Зуҳур фарзанд, набераву аберахо дар ноҳияи Восеъ ва дигар ноҳияҳо ҳаёт ба сар мебаранд.

Зуҳур дар деҳаи Тутак даргузашта, ормгоҳаш дар гӯристони Табариён мебошад.

## ҲАЙДАР ЗУҲУР

Ин марди шердил дар деҳаи Тутак ба дунё омада, камол ёфт. Дар назди падар ва амаконаш таълим гирифт. Пас дар мактабҳои шӯравӣ хонда, хату саводи кофӣ пайдо кард. Ӯ низ табъи шоирӣ дошт ва ҷасоратманду эҷодкор буд. Солҳои 30-юми қарни қаблӣ то саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар рӯзномаи ноҳиявии «Болшевики Ховалинг» ва матбаа корманд шуда, фаъолият мекард. Ӯро Ҳайдар Зуҳур ва Қаландар Зуҳур ном мебурданд. Тахаллус ҳам доштааст...

Мувофиқи гуфтаи ровиён ӯ табъи шоирӣ ва навиштаҳои зиёде доштааст. Вале мутаассифона, мо мисрае аз ӯ пайдо накардем. Ӯ аз соли 1936 то соли 1941 бо Кристастуров, Партов, Ҳаким Раҳмонов, Ҳалим Дарёев, Б. Олимов ва дигарон кор мекард.

Зуҳур соли 1941 ба ҶБВ рафта, аз он корзор бо азобу уқубатҳои вазнин ба диёр баргаштааст. Пас аз муддате аз зиндагӣ дар Тутак рӯзе чанд нафар ба хонаи ӯ омада, вайро гирифта бо худ бурданд. Гӯё ӯ дар ҷанг ба гурӯҳе асир афтода, аз он ҷо гурехта бошад...

Аз қисмати ин марди далер ба мо маълумоти кам ба даст расид.

Ба мо гуфтанд, ки баъди аз Тутак бурданаш чандин солҳо бенишон монд ва пас боз аз ким-куҷое ба шаҳри Душанбе омада, зиндагӣ ихтиёр намуд, бо осетиндухтаре издивоҷ кард ва аз онҳо духтарчае ба дунё омад. Тавре ишора рафт, мо аз Ҳайдар Зуҳур мисрае ё маълумоти кофие пайдо накардем. Ба мо гуфтанд, ки ӯ солҳои зиёд аст, ки дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекунад...

Соли 2007 аз дунё даргузаштааст.

## МУЛЛО ШУКУР

Шукури ҷавон табъи шоирӣ дошт, шеърҳои амакаш Ҳоҷӣ Муҳаммадрасулро аз ёд медонист ва дар маъракаву ҷамъомадҳо мехонд. Гоҳо худ низ шеъри ҳаҷвӣ эҷод менамуд..

Амакаш Шоҳғариб табъи равони Шукурро мушоҳида намуда, зимни бедоркунии зеҳни ӯ гоҳ-гоҳ дар шеърҳои ҳаҷвияш номи ӯро мегирифт. Шукур низ ба таври худ ба тариқи ҷавобия шеъри ҳаҷвӣ мегуфт. Агарчи мо дар ин бора аз ровиёни ахбор ва пирони солор шунида бошем ҳам, аз Шукур шеъре ё мисрае пайдо накардем.

Шукур дар Тутак тавлиду камол ёфта, хонадор шуд ва он ҷо аз дунё даргузашт. Оромгоҳаш дар гӯристони Табариён мебошад.

Аз Шукур Гулчеҳрамоҳ ва Мустафо боқӣ монда буданд. Гулчеҳрамоҳ холо бо аҳли оилаи худ дар деҳаи Зардолубоғ ҳаёт ба сар мебарад. Мустафо бошад то солҳои наздик дар деҳаи Черқалъаи ноҳияи Кӯлоб зиндагӣ мекард. Ӯ ҳамон ҷо фавтид. Ҳоло фарзандонаш Холбой ва дигарон бо аҳли оилаашон дар ҳамин деҳа зиндагӣ мекунанд.

Гулчеҳрамоҳ соли 1930 дар деҳаи Тутак ба дунё омадааст ва ҳоло дар қайди ҳаёт мебошад. Ӯ дар деҳаи Зардолубоғи ноҳияи Восеъ ҳаёт ба сар мебарад.

Аз Гулчеҳрамоҳ Савзамоҳ (рӯҳаш шод бод), Идимоҳ, Арафамоҳ, Холмох, Гул, Абдусалом ва дигарон ба дунё омада, онҳо дар ноҳияҳои Фархор, Восеъ ва Балҷувон зиндагӣ мекунанд.

## БОБИ 4

# БОҒҲОИ ТУТАК

Аз инсон баробари маҳсули ақлу хиради ӯ эҷоди хаттиву даҳонӣ, фарзанду дигар ёдгориҳо, боғҳо низ муддате ба меросу ёдгор мемонанд.

Дар Тутак, ки ин деҳаро аз рӯи хирадмандӣ, ҷасорат ва паҳлавонҳои мардумаш, ки аз як авлод – Шоҳимардиён буданд, «Юнони Хатлон» ном мегирифтанд, баробари обу хоки пок дарахту номи боғҳое то ба имрӯз боқӣ мондаанд, ки дар ин навиштаҳо овардани номи онҳоро раво медонем.

Агарчи Тутак дар гузашта деҳаи начандон калон буд, соли 1959 пурра ба ҷои чуғзон табдил дода, мардуми он ба таҳдашти водии Кӯлоб муҳоҷир карда шуд. Ҳоло низ аз деҳа таҳҷои матрук боқӣ мондаасту халос. Аммо имрӯз таҳҷои ин деҳаи қадимаи беодам ҳар гӯшаи дарахтзору бедарахташ ном дорад, номи боғҳо. Мисол, дар Тутаки куҳна: Боғи Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул, Боғи Шайхи Мулло Давлат, (Боғи Абдураҳмон, Боғи Мулло Мирзо, Боғи Зуҳур….) Амрутҳои Шайх, Чормағзи Шоҳғариб, (Чормағзи Азим…), Чормағзи Зуҳур (писари Шайхи Мулло Давлат), Чормағзи Шайхи Ҷароил, Боғи Раҳматулло, Боғи Асаддулло, Боғи Мулло Шариф, Боғи Худоиназар, Боғи Мулло Мирзо, Боғи Маҳмад, Боғи Сӯфӣ Алӣ, Боғи Шукур, Боғи Камол, Боғи Зуҳур ва дигар боғҳо…

Тавре ки ишора намудем, имрӯз баъзан замини бедарахт, ки дар гузашта таҳҷои боғ буданд, ҳамчун боғ ном бурда мешаванд. Мисол, дар Тутаки куҳна 2 бех тути қадима сарсабзӣ доранд, вале ин гӯшаҳак «Боғи Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул» ном гирифтааст. Аксар дигар боғҳо низ ҳамин тавр аз онҳо танҳо ном, номи соҳибаш мондаасту халос…

Дар тули солҳои дароз, махсусан солҳои 1978-1983 ҳангоми тахту ҳамворкунии заминҳои Тутак аз тарафи Иттиҳодияи чорвопарварии АПО Ховалинг аксар дарахтону боғот ба коми нестӣ дода шудаанд. Имрӯз ангурзори сиёҳи қадима, себҳои пир, тутҳои бузург, чормағз ва дигар дарах-

тони қадимӣ мондаасту халос…

## ҲОҶИҲО

Агар соли 1907 ва 1909 маросими ҳаҷи Акбарро Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул ба ҷо оварда бошад, дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон бештар аз 25 нафар аз набераву абера ва авлодони ӯ ин маросимро ба ҷо оварда, ҳоҷӣ шудаанд.

1. Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул, солҳои ба сафари ҳаҷ рафтанаш 1907 ва 1909
2. Ҳоҷӣ Муҳаммад Табаралӣ, соли таваллудаш 1928
3. Ҳоҷӣ Салоҳиддини Исозода,
4. Ҳоҷӣ Ҳабибулло Ҷароилзода с. тав. 1938
5. Ҳоҷӣ Иброҳим Асадуллозода с. тав. 1938
6. Ҳоҷӣ Нусратулло Ҷароилзода с. тав. 1947. (Бо Зардиев Абдуҷаббор дар як шаб таваллуд шудааст)
7. Ҳоҷӣ Абдулло Ҷароилзода с. тав. 1964
8. Ҳоҷӣ Сайид Асадуллозода с. тав. 1968
9. Ҳоҷӣ Муҳаммади Асадуллозода с. тав. 1936
10. Маҳмадова Ойшамо с. тав. 1936 (Духтари Ӯзбакбии Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул)
11. Ҳоҷӣ Расул Иброҳимов, с. тав. 1984
12. Ҳоҷӣ Сайидабудулло, соли ба ҳаҷ рафтанаш 1996
13. Ҳоҷӣ Исматулло с. тав. 1955, солҳои 1992 ва 2003 сафари ҳаҷ намуд
14. Ҳоҷӣ Калонбӣ (Зани ҳоҷӣ Сайидабудулло, соли тав. 1933, соли ба сафари ҳаҷ рафтанаш 2003)
15. Ҳоҷӣ Нурулло с. тав. 1905, соли ба сафари ҳаҷ рафтанаш 1999
16. Ҳоҷӣ Бобохон с. тав. 1938 соли ба сафари ҳаҷ рафтанаш 1996
17. Ҳоҷӣ Саидиброҳими Абдураҳим соли тав. 1972, соли ба ҳаҷ рафтанаш 2002
18. Ҳоҷӣ Довуд Фарезӣ.
19. Ҳоҷӣ Абдусаттори Абдууроз, соли таваллудаш 1968
20. Ҳоҷӣ Саидаи Холматзода, соли таваллудаш 1971
21. Ҳоҷӣ Абдунабии Абдуҷаббор, соли таваллудаш 1975
22. Ҳоҷӣ Давлати Қурбон

23. Сайкомили Нусратулло (2005)
24. Ҳафизи Давлатзода (2008)
25. Қосими Ҳофизи Табарзода (2007)
26. Суҳроби Ҳофизи Табарзода (2008)

## ҚАСИДАХОНҲО

1. Домло Раҳматуллои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул
2. Мулло Шарифи Шайхи Мулло Давлат
3. Мулло Мирзои Шайхи Мулло Давлат
4. Ҳоҷӣ Иброҳими Асадулло
5. Азизуллои Шайхи Ҷароил
6. Қутбиддини Мулло Тиллои Раҳматулло
7. Ҳоҷӣ Ҳабибулло Ҷароилзода, сокини деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ
8. Ҳоҷӣ Нусратулло Ҷароилзода, сокини деҳаи Гулистони ноҳияи Восеъ
9. Махдуми Довуд Фарезӣ, сокини деҳаи Гулободи ноҳияи Кӯлоб
10. Ҳоҷӣ Сайидиброҳими Абдураҳим, сокини деҳаи Сарёзии миёнаи ноҳияи Кӯлоб.

## ДОСТОНСАРОҲО

1. Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул.
2. Домулло Раҳматуллои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул.
3. Домулло Асадуллои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул
4. Домулло Фарези Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул.
5. Шайхи Домулло Мирзои Шайхи Мулло Давлат
6. Домулло Замони Домулло Раҳматуллои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул.
7. Домулло Шарифи Шайхи Мулло Давлат
8. Усто Бақои Зуҳури набераи Шайхи Мулло Давлат (вафоташ соли 1992)
9. Муҳаммадии Асадуллои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул.
10. Худойназар (хешованди Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул, соли вафоташ 1993)
11. Шарифи Абдуҷаббор Зардиеви Мулло Абдураҳими Домулло Абдураҳмони Шайхи Мулло Давлат

## ХАТТОТҲО

1. Шайхи Домулло Мирзои Шайхи Мулло Давлат
2. Абдулҳакими Раҳмони (Абдураҳмони) Шайхи Мулло Давлат.
3. Домулло Тиллои Домулло Раҳматуллои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул.
4. Абдусамади Домулло Шарифи Шайхи Мулло Давлат.

## ФАЛАКСАРОҲО

1. Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул
2. Муҳаммадалии Домулло Замони Домулло Раҳматуллои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул (Маҳмадалӣ Саидамиров)

## ҚОРИИ ҚУРЪОН

1. Домулло Муҳаммадҷон – писари Саидмаъруф, абераи Шайхи Домулло Мирзо, соли тав. 1978.

## ОЛИМУ ИХТИРОЪКОРОН

1.Сироҷиддини Тиллои Домулло Раҳматуллои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул .
2. Сафаралӣ Саидамиров (набераи Домулло Замон).
3.Лутфия Тиллоева (абераи Домулло Раҳматулло).
4. Шамсия Тиллоева (абераи Домулло Раҳматулло).
5.Хайруллои Султон (абераи Домулло Асадулло).
6.Ҷумъахон Орифов (абераи Домулло Раҳматулло).

* * *

Хулоса, ин буд намунае аз ҳаёт, пеша ва эҷодиёти зумрае аз Шоҳимардиён. Боварӣ ҳаст, ки аз ин авлод дар оянда низ донишманду адибон ва дигар шахсони накӯкор ба дунё омада, дар кори ободонӣ ва хизмати Модар-Ватан нақши арзандае мегузоранд.

# БА ҶОИ ОХИРСУХАН

Тавре ки дар ибтидо дар «Корвони рафта» аз рубоии машҳури Ҳаким Умари Хаём матлаи ин навиштаҳоро оғоз намудем, дар ҳақиқат, инсон ба дунё меояд ва ба хок меравад, вале кор, рафтор, эҷод ва нақши дастони пурэҷозу маҳсули хиради волои кас ҷавид мемонад.

Дар нимаи дуюми қарни қаблӣ дар саросари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ шиори «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад» маъруфу машҳур буд. Аммо, ба фикри мо, ба ин шиор ибораи «ба шарте, ки одам накӯкору ворисдор бошад» илова гардад. Зеро қариб ҳама ва ҳар кас вобаста ба талаботи авзои замон фаромӯш мешавад ва ё ба олами гумномӣ меравад.

Дар ҳар як гӯшаи Ватан ҳазорҳо одамон ба дунё омада, камол меёбанд, дар зиндагӣ ва табиату ҷамъият нақше мегузаранд, вале нақши накӯро аз вартаи ҳалокату мавҳумӣ бояд раҳонид, ки ин амали неки ҳар як ворити соҳибхираду бофарҳанги миллат ва қарзи Ватандориву инсонии ӯст.

Чи гуна ки мо дар ибтидо ишора намудем, диққати моро як далел аз маҷаллаи «Шарқи Сурх», №3 с.1956. саҳ 91 ба худ кашид, ки навишта шуда буд. «Дар асри Х1Х дар ноҳияи Ховалинг Муҳаммадрасули Шоҳғариб ном қаландаре зиндагӣ мекард ва ӯ табъи баланди шоирӣ дошт»…

Инак, мову Шумо шоҳиди он гардидем, ки аз як авлоду ҳафт насл, яъне аз як ҳаёт баромада, ба насли оянда нақши неку ибратманде гузаштаанд ва гузошта истодаанд.

Боиси хурсандист, ки мо дар тӯли қариб бист соли ҷустуҷӯ, муқоиса ва таҳқиқот роҳҳои дуру дароз, лаҳзаҳои бароям мушкил ва бисёр «саддҳои роҳ»-ро паси сар карда, тавонистам, ки аз як ҷумлаи маҷаллаи ишорашуда як асари илмӣ – оммавӣ, таърихиву адабӣ ва тадқиқотӣ офарида,

пешкаши хонандагони гиромӣ номоям. Ҳатто дар ин байн 7-8 китобҳои дигар аз чоп баромаданду ин асар бе чоп монд…

Зимман мушкилиҳо зиёд буд. Зеро ки дар тӯли дигаргуншавиҳои авзои замон, таъқиботҳо, дуршавӣ аз асл ва дигар паҳлуҳои ҳаётии солҳои пештар бисёр дурдонаҳои нодир ва шоҳкориву шоҳгуфториҳо аз байн рафта ва ё дар вартаи ҳалокату гумномӣ буданд. Аз Тутак-«Юнони Хатлон» таҳҷову дарахтони пири матрук боқӣ монда буду халос. Ҳатто дар куҷо зиндагӣ кардани бозмондагони деҳаву ин авлод яъне Шоҳимардиён маълум набуд, ки китоби мазкурро мутолиа намудед…

Китоб соли 2005 дар Пажуҳишгоҳи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Тоҷикистон чопи компютерӣ карда шуда, аз назари донишмандони ин Пажуҳишгоҳ номзади илми таърих Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ ва доктори илми таърих, зиндаёд Ҳақназар Назаров, адибон Абуқодир Раҳим, Карим Давлат ва дигарон гузаронида шуда, донишманду адибони мазкур зимнан баҳо ва маслиҳатҳои ба худ хос доданд. Ва ин асар аз соли 2005 то моҳи феврали соли 2009 дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб аз даст ба даст гузашта, хушбахтона ба дасти адиб Наср Бобои Сарфароз мерасад ва ин марди фозилу комил китобро бодиққат хонда, дар ҳаҷми 4 саҳифа дастнавис, иборат аз 10 сархат бо сарлавҳаи «Тақриз ва таклифҳо барои пурра кардани китоб» таклифҳо пешниҳод мекунад, ки он чунин оғоз меёбад: «Китоб саривақтӣ, зарурӣ ва хонданбоб аст. Он аҳамияти калони таърихӣ, этникӣ ва тазкиравӣ дорад. Дар боби Ватану ватандорӣ, худшиносӣ, тарғиби хислатҳои неки инсонӣ дастуру роҳнамои хубе шуда метавонад»….

Аз рӯи маслиҳати адиб Наср Бобои Сарфароз аз моҳи феврали соли 2009 то моҳи феврали соли 2010 як соли пурра аз паи ҷустуҷӯ ва дарёфтани мероси боқимондаи гузаштагону имрӯзиёни ин авлод шуда, барои пурратару хубтар

шудани китоб саъй намудам. Ва дар ин муддат борҳо ба шаҳру ноҳияи Кӯлоб, ба чанде аз деҳаҳои ноҳияҳои Ховалингу Восеъ, Бохтар шаҳрҳои Қӯрғонтеппаву Душанбе рафта, аз бозмондагони ин авлод маводи зарурӣ оиди мероси гузаштагони онҳо пурсида, навишта гирифтам. Ба кӯҳансолтарин бозмондагони ин мардум бибии Парчамоҳи духтари Шайхи Домулло Шарифи Шайхи Мулло Давлат – модари С.Тиллоев дар деҳаи Зардолубоғи ноҳияи Восеъ ва ба додари ин кас бобои Абдусамади Домулло Шариф дар деҳаи Гулистони ҳамин ноҳия, бо Маҳмадалии Замони Домулло Раҳматуллои Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул ва дигарон дар шаҳри Душанбе, ба Ҳоҷӣ Бобохон Абдураҳимзода дар деҳаи Сарёзии ноҳияи Кӯлоб ва бисёр дигарон вохӯрда, меросеро аз гузаштагони онҳо ҷустуҷӯ намудам. Дар натиҷа, хушбахтона, баъзе шеърҳои пароканда, нақлҳое оиди ҷасорату паҳлавонии баъзе аз паҳлавонҳо ва баъзе паҳлуҳои норавшани ин ва ё он шахсияти ин хонадон, ки онҳо чун дурру гуҳари бебаҳо барои мо қимат доранд, дарёфта, ба китоб илова намудам.

Хулоса, он чӣ, ки дар се қисму панҷ боби ин асар навишта пешкаши хонандагони арҷманд намудам, нуқта ба охири китоб нест. Мусаллам аст ва шояд дар ин навиштаҳо бисёр бузургони ин авлод ва меросҳои гаронбаҳои миллии онҳо сабт наёфта бошанд ва зимнан мо пеши бозмондаву наслҳои ояндаи онҳо маъзарат мехоҳем. Боварӣ ҳаст, ки камбудиву норасогиҳо дар нашрҳои ояндаи китоб пурра хоҳанд гашт…

Дар бораи қаҳрамонҳои ин асар, бахусус, Корманди шоистаи Тоҷикистон Абуҷаббор Зардиев, дотсент Сироҷиддин Тиллоев, аъзоёни Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Абдулҳай Қаландар, Одина Раҳмон, шахсони адабдӯсту соҳибкитоб Саидасрор Қаландарзода, Довуд Фарезӣ ва бисёр дигарон асарҳо навиштан равост, ки инро мо вазифаи олимону адибони муосир ва оянда медонем….

Дар ҷустуҷӯ, фароҳамоварии навиштаҳо ва ба чоп омода

намудани китоб ба мо Корманди шоистаи Тоҷикистон Абдуҷаббор Заридиев, дотсент Сироҷиддин Тиллоев, адибон Одина Раҳмон, Абдулҳай Қаландар, Наср Бобои Сарфароз, донишмандон Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ, доктори илми таърих, зиндаёд Ҳақназар Назаров, Сомон ва Ромиш Шералӣ (писарони Устод Лоиқ Шералӣ) ва дигарон мадади беғаразона расонидаанд, ки зимнан мо ба номбурдагон ва шахсони дигар, ки дар ин кори хайр ба мо дасти ёрӣ дароз намудаанд, аз сидқ минадорӣ баён менамоем.

Асар ба таърихшиносон, мардумшиносон, кишваршиносон, адибону тақризнависон, биологу генетикҳо ва оммаи васеъи хонандагон пешкаш мегардад.

*Муаллиф.*

# МУНДАРИЧА

Сарсухан........................................................................................ 3

Боби 1. Корвони рафта ................................................................... 9

Боби 2. Бозмондагони Домулло Собир
Ҳоҷӣ Муҳаммадрасул......................................................... 24
Домулло Раҳматулло ........................................................ 32
Домулло Ориф.................................................................. 33
Домулло Замон ................................................................. 34
Маҳмадалӣ ....................................................................... 34
Домулло Тиллои Раҳматулло............................................ 37
Сироҷиддин Тиллоев ........................................................ 39
Файзулло .......................................................................... 54
Муъмин ............................................................................ 54
Домулло Асадулло ........................................................... 54
Абдулҳай Қаландар........................................................... 56
Сайидасрор Қаландаров ................................................... 60
Шоҳғариб.......................................................................... 66
Мулло Туманшоҳ .............................................................. 69
Ӯзбакбӣ ............................................................................ 73
Мулло Фарез..................................................................... 73
Довуд Фарезӣ.................................................................... 75
Шайхи Ҷароил .................................................................. 77
Фаровон............................................................................ 83

Боби 3. Шайхи Мулло Давлат ва мондаҳои ӯ ....................... 84
Шайхи Мулло Давлат ....................................................... 84
Шайхи Домулло Мирзо ..................................................... 92
Домулло Шариф................................................................ 94
Муҳиддин.......................................................................... 95
Домулло Абдураҳмон........................................................ 98
Абдулваҳҳоб – тоҷир ........................................................ 100
Мулло Абдураҳим.............................................................. 10
Бобохони Абдураҳимзода ................................................. 104

Абдуҷаббор Зардиев ........ 109
Адибон дар васфи Абдуҷаббор Зардиев ........ 126
Аз соядастҳои адибон ........ 143
Шариф ........ 147
Адибон дар васфи Шариф ........ 152
Одина Раҳмон ........ 155
Абдулҳакими Раҳмон ........ 159
Зуҳури Давлат ........ 163
Ҳайдари Зуҳур ........ 164
Мулло Шукур ........ 165

Боби 4
Боғҳои Тутак ........ 166
Ҳоҷиҳо ........ 167
Қасидахонҳо ........ 168
Достонсароҳо ........ 168
Хаттотҳо ........ 169
Фалаксароҳо ........ 169
Қории Қуръон ........ 169
Олиму ихтироъкорон ........ 169

Ба ҷои охирсухан ........ 170

**Амир Сайиди Мункӣ**

**ШОҲИМАРДИЁН**
*(Қиссаи таърихӣ-адабӣ)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Орзу Раҳмонӣ*

Ба матбаа 23.02.2018 супорида шуд.
Чопаш 26.02.2018 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 10,5. Адади нашр 200 нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Офсет-Империя» чоп шудааст.